Барои ваҳдат, рушди устувори иқтисодӣ ва зиндагии шоистаи мардум!

# МИНБАРИ ХАЛҚ

www.tribun.tj
E-mail: minbarihalk@bk.ru

28 январи соли 2015, чоршанбе, №5 (984)

НАШРИЯИ МАРКАЗИИ ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН

## Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, 23 январи соли 2015

# ПАЁМИ

**МУҲТАРАМ АЪЗОИ МАҶЛИСИ МИЛЛӢ ВА ВАКИЛОНИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОН!**
**ҲАМВАТАНОНИ АЗИЗ!**



Паёми имсола ба Маҷлиси Олӣ бо дарназардошти муайян кардани самтҳои фаъолияти соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоии мамлакат, ҳалли саривақтии масъалаҳои вобаста ба таъмини нишондиҳандаҳои дурнамои соли 2015 ва таъкиди афзалиятҳо барои давраи миёнамуҳлат дар оғози сол пешниҳод мегардад.

Тавре ки борҳо таъкид карда будам, мо азму талош дорем, ки барои ҳар як сокини мамлакат шароити зиндагии шоистаро муҳайё созем ва ҳамаи нақшаву барномаҳоямон маҳз ба хотири амалӣ гардонидани ҳамин ҳадафи олӣ қабул ва амалӣ карда мешаванд. Зеро мардуми шарифи Тоҷикистон масъулияти имрӯзу фардои кишвар, аз ҷумла ҳифзи истиқлолият, ҳимояи манфиатҳои миллӣ, таҳкими минбаъдаи пояҳои давлатдорӣ, таъмини амнияту оромии давлату ҷомеа ва ободиву пешрафти кишвари азизамонро ба зиммаи мову шумо вогузор намудаанд. Аз ин рӯ, ҳар яки мо вазифадорем, ки тамоми азму ирода ва нерӯву имкониятҳои худро барои хизмат ба халқу Ватани маҳбубамон ва минбаъд низ сазовор будан ба эътимоди мардуми кишвар сафарбар намоем.

Ҳукумати мамлакат дар асоси ҳадафу вазифаҳои дар Паёми соли гузашта баёнгардида иборат аз 52 банд нақшаи мушаххаси чорабиниҳоро таҳия ва тасдиқ карда, иҷрои онҳоро таҳти назорат қарор додааст. Барои таъмини рушди минбаъдаи соҳаҳои афзалиятноки кишвар, инчунин вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо 233 санади меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла 15 қонун, 97 тағйиру иловаҳо ба қонунгузории ҷорӣ, 26 консепсияву стратегия ва барномаҳо, 77 шартномаву созишнома ва протоколҳои байналмилалӣ, 18 созишномаи қарзиву грантӣ таҳияву қабул гардиданд ва татбиқ шуда истодаанд.

Дар натиҷа соли 2014, дар маҷмӯъ, бо натиҷаҳои назаррас ҷамъбаст гардид ва кишвари мо ба сӯи пешрафти босуботи иқтисодӣ боз як қадами устувор гузошт. Бо вуҷуди таъсири манфии равандҳои сиёсиву иқтисодии ҷаҳон ва минтақа дар соли 2014 мо тавонистем, ки рушди иқтисоди мамлакатро дар сатҳи устувор нигоҳ дошта, иҷрои дигар нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ва иҷтимоиро тибқи ҳадафҳои афзалиятноки худ таъмин намоем. Дар ин давра маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ 45,6 миллиард сомонӣ ва афзоиши воқеии он 6,7 фоизро ташкил кард. Даромадҳои пулии аҳолӣ нисбат ба соли пешин 12 фоиз зиёд шуда, ба 23,8 миллиард сомонӣ баробар гардиданд ва пасандозҳои аҳолӣ дар бонкҳо 21 фоиз афзоиш ёфтанд.

Чораҳои сари вақт андешидаи Ҳукумат имкон доданд, ки сатҳи таваррум дар доираи меъёри барномавии пешбинишуда ва ҳатто камтар аз он нигоҳ дошта шавад.

Соли 2014 дар қаламрави мамлакат беш аз 252 ҳазор ҷойҳои нави кории доимӣ, мавсимӣ ва муваққатӣ таъсис дода шуданд. Ҳамаи ин дастовардҳо боиси аз 35,6 ба 32 фоиз поён рафтани сатҳи камбизоатӣ гардиданд. Дар ин сол аҳолии кишвар дуюним фоиз афзуда, дарозумрии миёнаи шаҳрвандон 73,4 солро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2000-ум беш аз 5 сол зиёд аст.

Мувофиқи маълумоти оморӣ фавти модарону кӯдакон низ нисбат ба солҳои пешин хеле кам шудааст. Аз ҷумла дар давраи солҳои 2000 - 2014 фавти кӯдакони то 5 - сола ва фавти модарон ҳангоми таваллуд ду баробар кам гардидааст.

Дар соли 2014 дар сатҳи 102 фоиз иҷро гардидани буҷети давлатӣ имкон дод, ки Ҳукумати кишвар уҳдадориҳои худро дар бобати пардохти саривақтии маош, нафақа, стипендия ва кӯмакпулиҳо ба аҳолӣ, маблағгузории соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, аз ҷумла соҳаҳои таъминкунандаи амнияти мамлакат, сохтмон, энергетика, инфрасохтор ва роҳҳо пурра иҷро намояд.

Бояд зикр кард, ки дар доираи Стратегияи идоракунии қарзи давлатӣ таносуби қарзи берунаи Тоҷикистон нисбат ба маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ дар даҳ соли охир 1,7 баробар кам гардида, ҳоло 22,8 фоизро ташкил медиҳад.

Дар Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2015 ислоҳоти идораи давлатӣ, пешрафти бахши хусусӣ, ҷалби сармоя ва рушди неруи инсонӣ ҳамчун афзалиятҳои миллӣ муайян шудаанд, ки барои тавсеа ёфтани озодиҳои иқтисодӣ, густариши ҳамкориҳои давлат ва бахши хусусӣ, инчунин афзоиши ҳаҷм ва сатҳу сифати хизматрасониҳои иҷтимоӣ амалӣ гардонида мешаванд.

Имсол муҳлати амали Стратегияи миллии рушд ба охир мерасад ва мо барои ташкили арзёбии натиҷаҳои бадастомада, аз ҷумла ҷиҳати истифодаи механизми танзими рушд ва асосноксозии самтҳои минбаъдаи фаъолият кӯшиш мекунем.

Ҳукумати Тоҷикистон бо дарназардошти таҳдиду хатарҳои торафт афзояндаи глобаливу минтақавӣ ва бо мақсади пайгирӣ намудани вазифаҳои дар паёмҳои Президенти кишвар муайяншуда ҷиҳати ноил гардидан ба ҳадафҳои стратегӣ, пеш аз ҳама, таъмини истиқлолияти энергетикӣ, пурра аз бунбасти коммуникатсионӣ баровардани мамлакат ва ҳифзи амнияти озуқаворӣ мунтазам чораҷӯӣ карда истодааст.

Ҳадафҳои стратегӣ ва самтҳои афзалиятнок, инчунин иҷрои чорабиниҳои дар стратегияву консепсияҳо ва барномаҳои давлатӣ пешбинишуда таҳти назорати қатъӣ қарор доранд.

Дар ин раванд зарур аст, ки мушкилоту камбудиҳо сари вақт бартараф гардида, баробари натиҷагирӣ аз иҷрои барномаҳо нақшаи фаъолияти Ҳукумати мамлакат мушаххас гардонида шавад. Зеро соли ҷорӣ шиддат гирифтани вазъи сиёсии минтақаҳои гуногуни олам, таъсири буҳрони иқтисодиву молиявии ҷаҳонӣ, ноустувории бозорҳои ҷаҳонии молия ва ашёи хом, инчунин дигар мушкилот ҳамчун омилҳои манфии ба рушди минбаъдаи иқтисоди миллӣ таъсиррасонанда пешбинӣ мегарданд.

*саҳ. 2*

# ПАЁМИ

## Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, 23 январи соли 2015



*саҳ. 1*

Дар чунин шароит Ҳукумати мамлакат вазифадор аст, ки бо истифода аз ҳамаи захираву имкониятҳои мавҷуда доир ба нигоҳ доштани рушди босуботи иқтисодӣ, самаранокии идораи давлатӣ, татбиқи сиёсати ҳадафманди молиявӣ, таъмини пурраву саривақтии уҳдадориҳои иҷтимоии давлат, рушди соҳаҳои мухталиф, хусусан соҳаҳои истеҳсолӣ, инчунин пешбурди ислоҳот дар самти дастгирии соҳибкориву сармоягузорӣ тадбирҳои иловагиро амалӣ намояд.

**ВАКИЛОНИ МУҲТАРАМ!**

Ҷиҳати таҳкими заминаҳои рушди босуботу дарозмуддат мо дар стратегияву барномаҳои давлатӣ барои давраи то соли 2030 баланд бардоштани самаранокии истифодаи дороиҳои миллӣ, махсусан неруи инсонӣ ва воситаҳои асосӣ, инчунин тақвияти институтсионалии рушди кишварро самтҳои афзалиятнок мешуморем.

Дар ин раванд, ба масъалаҳои пурра ва самаранок ба кор андохтани имкониятҳои истеҳсолӣ, ҳарчи бештар ҷорӣ намудани технологияҳои муосир, беҳтар гардонидани сифати молу маҳсулот ва хизматрасонӣ, кам кардани хароҷоти барзиёд ва истифодаи дурусту мақсадноки захираҳо, содда ва шаффоф гардонидани тартиби танзими фаъолияти соҳибкорӣ ва аз байн бурдани монеаҳои маъмурӣ аҳамияти махсус дода мешавад.

Бояд гуфт, ки дар доираи татбиқи Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2015 бо азму талоши Ҳукумат, шарикони рушд ва заҳмати софдилонаи мардуми шарифи Тоҷикистон бисёр масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ пурра ё қисман ҳал карда шуданд. Дар баробари ин, бо сабаби вақт ва захираҳои зиёдро талаб кардани ҳалли баъзе масъалаҳо ва мавҷудияти монеаҳои муайян дар ин самт, инчунин вобаста ба вазъи зудтағйирёбандаи минтақа ва ҷаҳон ҳоло ҳам дар роҳи пешрафти кишвар як қатор мушкилот боқӣ мондаанд.

Бинобар ин, мо бояд сиёсати иқтисодии худро тарзе ба роҳ монем, ки тавассути истифодаи самараноки захираву имкониятҳои мавҷуда ва дигар дороиҳо рақобатнокии иқтисоди миллӣ баланд бардошта шавад. Ҳоло натиҷаҳои Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2015 дар сатҳи вазорату идораҳо, вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо бо ҷалби ҷомеаи шаҳрвандӣ арзёбӣ шуда истодаанд.

Мо ба нақша гирифтаем, ки моҳи феврали соли ҷорӣ ҳисоботи фосилавии стратегияи зикршударо дар Шӯрои миллии рушди назди Президенти кишвар ва Форуми рушд баррасӣ карда, ҷиҳати таъмин намудани пешрафти босуботи мамлакат барои давраи то соли 2030 силсилаи ташаббусу пешниҳодҳоро муҳокима кунем.

Дар иртибот ба ин, бори дигар изҳор медорам, ки ҳамаи захираву имкониятҳои мавҷуда ба ҳалли масъалаҳои ҳифзи фазои орому осудаи зиндагии шаҳрвандон, расидан ба меъёрҳои баландтари некуаҳволии мардум ва шароити боз ҳам беҳтари иҷтимоӣ, тақвияти қонуният ва адолат ва дар маҷмӯъ, ба таъмини амнияти давлат, шаҳрвандон ва ҷомеа равона карда мешаванд.

Сиёсати буҷетии давлат дар давраи миёнамуҳлат ба таъмини рушди устувори иқтисоди миллӣ, амалӣ намудани афзалиятҳои стратегии давлат ва ҳалли масъалаҳои иҷтимоии аҳолӣ равона гардидааст. Бояд гуфт, ки танҳо дар 7 соли охир даромади буҷети давлатӣ беш аз 4 баробар афзоиш ёфта, пешбинӣ мегардад, ки ҳаҷми он соли 2015 ба 15,3 миллиард сомонӣ расонида мешавад.

Вобаста ба ин, ба маблағгузории соҳаҳои иҷтимоӣ диққати махсус дода шуда, имсол танҳо ба ин мақсад қариб 8 миллиард сомонӣ равона карда мешавад, ки ин рақам зиёда аз 50 фоизи хароҷоти буҷети давлатиро ташкил медиҳад. Инчунин ба мақсади таъмини уҳдадориҳои иҷтимоии давлат, аз ҷумла пардохти музди меҳнат, нафақа, ҷубронпулӣ ва кумакпулиҳо дар соли 2015 аз ҳисоби буҷети давлат зиёда аз 6 миллиард сомонӣ равона мегардад.

Ба Ҳукумати мамлакат муяссар гардид, ки танҳо дар 5 соли охир музди меҳнати кормандони соҳаҳои буҷетӣ, аз ҷумла илму маориф, тандурустиву фарҳанг, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқро аз дуюним то се баробар зиёд намояд.

Бо дарназардошти рушди иқтисодиёти мамлакат ва имкониятҳои имрӯзаи молиявӣ аз 1-уми сентябри соли равон марҳалаи навбатии зиёдшавии музди меҳнати кормандони соҳаҳои буҷетӣ амалӣ карда мешавад. Аз ҷумла музди меҳнати кормандони мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатӣ, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва хизматчиёни ҳарбӣ 15 фоиз, кормандони муассисаҳои маориф, аз ҷумла муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ, миёнаи умумӣ ва олӣ, дигар муассисаҳои соҳаи маориф, илм, фарҳанг, варзиш ва тандурустӣ 20 фоиз, муассисаҳои соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ, аз ҷумла хона - интернатҳо барои пиронсолону маъюбон, шуъбаҳои кумаки иҷтимоӣ дар хона ва истироҳатгоҳу осоишгоҳҳо барои собиқадорони Ҷанги Бузурги Ватанӣ, меҳнат ва шахсони ба онҳо баробаркардашуда 25 фоиз зиёд карда мешавад.

Ҳадди ақал ва ҳадди ниҳоии нафақа аз рӯи синну сол ва нафақаи заминавӣ, инчунин нафақаҳои меҳнатии шаҳрвандон ба ҳисоби миёна то 20 фоиз зиёд карда мешаванд. Дар баробари ин, стипендияи донишҷӯён ва дигар намудҳои стипендия 30 фоиз, инчунин музди меҳнати ҳадди ақал 60 фоиз зиёд гардида, андозаи он аз 250 сомонӣ то ба 400 сомонӣ баробар мегардад. Қисми суғуртавии нафақаҳои суғуртавӣ низ индексатсия карда мешавад.

Танҳо барои маблағгузории ин чорабиниҳо аз буҷети давлатӣ дар як сол 1 миллиарду 320 миллион сомонӣ равона мегардад. Бинобар ин, ба Вазорати молия супориш дода мешавад, ки якҷо бо сохтору мақомоти дахлдор иҷрои саривақтиву сифатноки даромад ва хароҷоти буҷети давлатиро таъмин карда, ҷиҳати истифодаи шаффофу самараноки маблағҳои он барои амалисозии афзалиятҳои рушди кишвар чораҷӯӣ намояд.

Инчунин ҷиҳати ҳарчи зудтар ҷорӣ намудани стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ бояд тадбирҳои зарурӣ амалӣ карда шаванд.

Таъмини назорати доимӣ ва қатъии истифодаи мақсадноки маблағу воситаҳои давлатӣ вазифаи аввалиндараҷаи Палатаи ҳисоб ва Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия мебошад.

Дар шароити кунунӣ мо барои таъмин намудани устувории сатҳи нархҳо, низоми бонкӣ, гардиши пул ва низоми пардохтҳо сиёсати пуливу қарзии самаранокро татбиқ мекунем. Маълум аст, ки бинобар таъсири омилҳои беруна, махсусан коҳишёбии иқтисодиёт ва қурби пули кишварҳои шарики тиҷоратии мо вақтҳои охир қурби пули миллӣ таҳти фишор қарор дорад.

Бинобар ин, Бонки миллӣ вазифадор аст, ки барои татбиқи босамари сиёсати пуливу қарзӣ ва асъорӣ дар асоси таҳлилҳои асоснок бо дарназардошти манфиатҳои иқтисоди ватанӣ тадбирҳои зарурӣ андешад.

**ДӮСТОНИ АЗИЗ!**

Бо дарназардошти он, ки энергетика яке аз соҳаҳои афзалиятноку муҳимми иқтисоди кишвар ба шумор меравад, солҳои охир барои инкишофи он як қатор тадбирҳои муассир, аз ҷумла азнавсозиву барқароркунии иқтидорҳои истеҳсолӣ ва шабакаҳои интиқоли нерӯи барқ амалӣ карда шуданд. Танҳо соли 2014 агрегати дуюми Нерӯгоҳи барқи обии "Сангтӯда - 2" ва агрегати якуми навбати аввали Маркази барқу гармидиҳии "Душанбе - 2" бо иқтидори 220 мегаватт ба кор дароварда шуда, сохтмони навбати дуюми он оғоз гардид, ки соли 2017 бо дарназардошти навбати аввал бо иқтидори 400 мегаватт ба истифода дода мешавад. Инчунин ташхиси мустақили байналмилалии лоиҳаи сохтмони Нерӯгоҳи барқи обии Роғун ва арзёбии таъсири экологиву иҷтимоии он дар муддати ҳафт соли охир аз ҷониби Бонки умумиҷаҳонӣ, коршиносони мустақили байналмилалӣ ва ширкату мутахассисони хориҷии соҳа гузаронида шуд.

Имрӯз ба ҳама маълум аст, ки норасоии нерӯи барқ яке аз монеаҳои асосии рушди иқтисодиву иҷтимоии кишвари мо мебошад ва айни замон дар ҳаёти иҷтимоии мардум мушкилоти зиёд эҷод мекунад. Ҷиҳати ҳалли норасоии шадиди нерӯи барқ ва бо ҳамин роҳ таъмин намудани рушди босуботи иқтисодӣ ва баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардум мо корҳои барқарорсозиву сохтмонро дар ин иншооти тақдирсоз тибқи талаботи меъёрҳои байналмилалӣ идома медиҳем.

Вақтҳои наздик татбиқи як қатор лоиҳаҳои муҳими давлатӣ, ки аҳамияти минтақавӣ доранд, аз ҷумла сохтмони лоиҳаҳои бузурги байнидавлатии хати интиқоли барқи баландшиддати КАСА-1000 ва лӯлаи гази Осиёи Марказӣ - Ҷумҳурии Халқии Хитой оғоз мегардад. Ҳоло аз ҷониби Ҳукумати кишвар корҳои лоиҳакашии нерӯгоҳҳои барқи обии "Шӯроб", "Нуробод - 1", "Нуробод - 2", "Айнӣ", "Фондарё", "Санобод" ва "Себзор" идома дошта, сохтмони хатҳои интиқоли барқ ва бунёду барқарорсозии зеристгоҳҳои барқии ба нақша гирифташуда ба итмом расонида мешавад.

Дар баробари ин, таҷдиду барқарорсозии нерӯгоҳи Норак идома дошта, соли 2015 корҳои таҷдиду барқарорсозии нерӯгоҳҳои Қайроққум ва Сарбанд шурӯъ мегарданд. Танҳо барои амалисозии ин се лоиҳа, яъне таҷдиду барқарорсозии нерӯгоҳҳое, ки зиёда аз 40-50 сол боз хизмат мекунанд, якуним миллиард сомонӣ равона карда мешавад.

Умуман, дар даврони истиқлолият даҳҳо нерӯгоҳҳои хурду бузург ва Маркази барқу гармидиҳӣ бо иқтидори 1020 мегаватт сохта, ба истифода дода шудаанд, ки ин ба 24 фоизи иқтидорҳои аз замони шӯравӣ то имрӯз истифодашаванда баробар аст. Имрӯз Тоҷикистон дар ҳоли рушд қарор дорад ва ин ҳолат масъалаи пайдо шудани истифодабарандагони нави нерӯи барқро ба миён мегузорад, ки таъмини онҳо бо нерӯи барқ вазифаи Ҳукумати мамлакат мебошад.

***Вақтҳои наздик татбиқи як қатор лоиҳаҳои муҳими давлатӣ, ки аҳамияти минтақавӣ доранд, аз ҷумла сохтмони лоиҳаҳои бузурги байнидавлатии хати интиқоли барқи баландшиддати КАСА-1000 ва лӯлаи гази Осиёи Марказӣ - Ҷумҳурии Халқии Хитой оғоз мегардад. Ҳоло аз ҷониби Ҳукумати кишвар корҳои лоиҳакашии неругоҳҳои барқи обии "Шӯроб", "Нуробод - 1", "Нуробод - 2", "Айнӣ", "Фондарё", "Санобод" ва "Себзор" идома дошта, сохтмони хатҳои интиқоли барқ ва бунёду барқарорсозии зеристгоҳҳои барқии ба нақша гирифташуда ба итмом расонида мешавад.***

Дар давраи истиқлолият шумораи аҳолии кишвар беш аз 65 фоиз афзоиш ёфта, садҳо ҳазор оилаҳои нав ба вуҷуд омаданд, садҳо ҳазор манзили истиқоматии нав бунёд шуданд. Фақат дар давоми солҳои 2013-2014 2 миллиону 100 ҳазор метри мураббаъ манзил сохта, ба истифода дода шудааст.

Илова бар ин, дар ин давра 17320 корхонаву коргоҳҳои нави истеҳсоливу хизматрасонӣ ба кор оғоз карданд, ки ин ҳама истеҳсоли неруи барқи иловагиро тақозо дорад. Масалан, танҳо барои истифодабарандагони телефонҳои мобилӣ қариб 22 миллион киловатт - соат барқ зарур аст.

Дар даҳ соли охир ҷиҳати ноил гардидан ба истиқлолияти энергетикии кишвар ва азнавсозии шабакаҳои энергетикӣ аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузории давлатӣ 13,4 миллиард сомонӣ равона карда шудааст. Дар соли 2014 ба ин мақсад зиёда аз 1,8 миллиард сомонӣ ҷудо карда шуд ва ин нишондиҳанда дар се соли оянда 7 миллиард сомониро ташкил хоҳад кард.

Бо вуҷуди ин, Вазорати энергетика ва захираҳои об ва Ширкати "Барқи Тоҷик"-ро зарур аст, ки ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии истифодаи иқтидорҳои мавҷудаи соҳа ва кам кардани талафоти неруи барқ татбиқи босифати лоиҳаи "Ҷорӣ намудани системаи ҳисоби яклухти интиқоли неруи барқ ва беҳдошти шабакаҳои интиқоли барқ"-ро таъмин намоянд.

Барои бартараф намудани норасоии неруи барқ Ҳукумати мамлакат то имрӯз корҳои муайянеро анҷом дода, барои солҳои оянда нақшаи нави амалӣ кардани лоиҳаҳои энергетикиро тарҳрезӣ намудааст, ки дарояндаи наздик расидан ба ҳадафи стратегӣ, яъне таъмини истиқлолияти энергетикиро воқеӣ мегардонад. Имсол дар маркази ҳамаи шаҳру ноҳияҳо, мактабу беморхонаҳо барқ ҳаст, корхонаҳои саноатӣ пурра кор мекунанд ва умуман лимити интиқоли барқ нисбат ба 2-3 соли пеш қариб 5 соат зиёд аст.

Имрӯзҳо дар ҳудуди мамлакат 21 ширкати ватаниву хориҷӣ дар соҳаи нафту газ ба корҳои иктишофӣ, пармакунӣ, истихроҷ ва коркард машғул аст. Аз ин рӯ, Ҳукумати мамлакатро зарур аст, ки масъалаи аз ҷониби ширкатҳои зикршуда иҷро гардидани шартҳои созишномавиро мунтазам назорат карда, дар сурати иҷро нашудани шартҳои онҳо доир ба бозхонд кардани иҷозатномаҳо чораҳои дахлдор андешад.

Ҳоло дар қаламрави кишвар 18 ширкати ватаниву хориҷӣ дар 14 кон бо истихроҷи ангишт машғул аст. Бояд гуфт, ки солҳои охир истихроҷи ангишт тадриҷан афзоиш ёфта, соли 2014 истеҳсоли он ба 875 ҳазор тонна расонида шуд, ки ин нишондиҳанда нисбат ба соли 1991-ум 3 баробар зиёд мебошад. Имсол истеҳсоли ангишт ба 1 миллион тонна расонида, талаботи дохилӣ пурра қонеъ карда мешавад.

**ҲОЗИРОНИ ГИРОМӢ!**

То имрӯз барои раҳой бахшидани кишвар аз бунбасти коммуникатсионӣ тадбирҳо ва лоиҳаҳои зиёди инфрасохториву ислоҳотӣ амалӣ карда шудаанд, аммо ин ниҳояти кор нест, зеро татбиқи пурраи ҳадафи мазкур барои кишвари мо аҳамияти аввалиндараҷа дошта, дар солҳои оянда низ ҳамчун самти муҳиму афзалиятноки фаъолияти Ҳукумат боқӣ хоҳад монд.

Ба ин мақсад танҳо дар панҷ соли охир 5 миллиард сомонӣ, аз ҷумла соли 2014 зиёда аз як миллиард сомонӣ равона гардида, дар се соли оянда ҷудо намудани беш аз 3 миллиард сомонӣ пешбинӣ шудааст. Дар ин раванд, азнавсозии роҳи мошингарди Душанбе-Турсунзода, роҳҳои Душанбе - Қӯрғонтеппа - Панҷи Поён, Айнӣ - Панҷакент, Душанбе - Хоруғ - Кулма (қитъаи Шӯрообод-Дарвоз), Восеъ - Ховалинг, бунёди роҳи оҳани Душанбе-Қӯрғонтеппа (қитъаи Ваҳдат-Ёвон), таҷдиду сохтмони роҳҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ амалӣ шуда истодааст. Ҳоло лоиҳаи роҳҳои Дарвоз - Ванҷ (сарҳади ноҳияи Рӯшон) ва Хуҷанд - Исфара омода шуда истодааст.

Татбиқи ин лоиҳаҳо Тоҷикистонро бо дигар кишварҳои ҳамсоя, яъне бо инфрасохтори коммуникатсионии минтақавӣ пайваст хоҳад кард. Аз ин лиҳоз, ба Ҳукумати мамлакат супориш дода мешавад, ки ба мақсади боз ҳам вусъат додани ҳамкориҳо, таҳкими робитаҳои минтақавӣ ва истифодаи самараноки имкониятҳои транзитии Тоҷикистон доир ба маблағгузории татбиқи лоиҳаҳои зикршуда тадбирҳои зарурӣ андешад. Зеро мавҷудияти шоҳроҳҳои байналмилалии нақлиётӣ барои пешрафти минтақаҳои кишвар имконияти васеъ фароҳам меорад ва зарур аст, ки ҷиҳати табдил додани онҳо ба шоҳроҳҳои байналмилалии иқтисодӣ низ чораҷӯӣ карда шавад.

Бинобар ин, вазоратҳои рушди иқтисод ва савдо, нақлиёт, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ вазифадоранд, ки дар раванди таҳияи барномаҳои рушди иқтисодиву иҷтимоии минтақаҳои мамлакат имкониятҳои нақлиётиву транзитии кишварро ҳамчун заминаи тараққиёти минбаъда ба инобат гиранд.

Илова бар ин, ба роҳбарони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо зарур аст, ки дар ҳамкорӣ бо соҳибкорону сармоягузорон ба масъалаи нигоҳдорӣ ва таъмиру барқарорсозии роҳҳои дохилии ноҳияҳо ва маҳалҳои аҳолинишин, инчунин таъмини аҳолӣ бо оби босифати нӯшокӣ ва ҳалли дигар масъалаҳои иҷтимоӣ аҳамияти авалиндараҷа диҳанд.

Барои ҳалли масъалаи бо оби тозаи нӯшокӣ таъмин кардани аҳолии шаҳру ноҳияҳои Душанбе, Хуҷанд, Чкалов, Бобоҷон Ғафуров, Исфара, Конибодом, Қайроққум, Хоруғ, Истиқлол, Ҳисор, Рӯдакӣ, Шаҳринав, Турсунзода, Ёвон, Ҷалолиддини Румӣ, Восеъ, Кӯлоб, Фархор, Панҷакент, Зафаробод, Шаҳристон, Истаравшан, Панҷ ва Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар солҳои 2010-2018 беш аз як миллиард сомонӣ пешбинӣ гардида, то имрӯз хеле корҳо иҷро шудаанд ва корҳои барқарорсозии шабакаҳои обрасонӣ дар шаҳру ноҳияҳои зикршуда тибқи нақша амалӣ карда мешаванд.

***Дастгирии соҳибкорӣ ва дар навбати аввал соҳибкории истеҳсолӣ аз ҷумлаи самтҳои асосии фаъолияти сохтору мақомоти давлатӣ ба ҳисоб меравад. Ҳукумати кишвар то имрӯз бо мақсади фароҳам овардани фазои мусоиди соҳибкорӣ ва ҷалби сармоя ислоҳоти иқтисодиро бомаром идома бахшид, ки дар натиҷа Тоҷикистон тибқи арзёбии ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ ба рӯйхати 10 кишвари пешсафи ислоҳотгари ҷаҳон дохил гардид.***

Татбиқи чунин барномаҳои бо оби тозаи нӯшокӣ таъмин намудани аҳолӣ дар дигар шаҳру ноҳияҳои мамлакат низ дар назар аст.

**ҲОЗИРОНИ ГИРОМӢ!**

Маълум аст, ки инкишофи минбаъдаи соҳаи саноат, аз ҷумла соҳаҳои коркард ҳамчун таъминкунандаи рушди иқтисод аз сатҳи таъминот бо ашёи хоми маҳаллӣ ва истифодаи технологияҳои муосир вобастагии амиқ дорад.

Дар даврони соҳибистиқлолии мамлакат доир ба рушди соҳаҳои зикршуда корҳои назаррас анҷом ёфта, тавассути воридоти техникаву технологияҳои муосир солҳои 2012-2014 зиёда аз 1000 коргоҳҳои доимӣ, мавсимӣ, инчунин корхона ва иқтидорҳои нав таъсис дода шудаанд.

Дар ноҳияи Ёвон корхонаҳои истеҳсоли семент, криолит, фториди алюминий, кислотаи сулфат ва дар ноҳияҳои Фархор, Данғара, Вахш ва Ҳисор корхонаҳои коркарди нахи пахта сохта шуда истодаанд. Ин имконият медиҳад, ки солҳои наздик ҳаҷми коркарди нахи пахта дар дохили кишвар ба 70 фоиз расонида шавад.

Иқдомоти зикршуда бевосита ба боловарии иқтидори истеҳсолии мамлакат ва ҳалли масъалаҳои иҷтимоии он, махсусан зиёд намудани истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир дар асоси коркарди ашёи хоми ватанӣ, ташкили ҷойҳои нави корӣ ва афзоиши даромади буҷети давлатӣ мусоидат менамоянд.

Ҷиҳати боз ҳам вусъат додани корҳо дар ин самт вазоратҳои саноат ва технологияҳои нав ва кишоварзӣ бояд дар ҳамкорӣ бо дигар вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ барои ҳалли мушкилоти соҳа ва рушди минбаъдаи он чораҳои муассир андешанд.

Захираҳои маъдан ва ашёи хоми кишвар имконият медиҳанд, ки дар оянда як қатор корхонаҳои металлургияи ранга ба кор дароварда шуда, тараққиёти минбаъдаи иқтисодиёт ва афзоиш додани иқтидори содиротии мамлакат таъмин карда шавад.

Дарояндаи наздик сохтмон ва ба истифода супурдани корхонаи металлгудозӣ дар ноҳияи Ҳисор бо иқтидори истеҳсолии 150 ҳазор тонна оҳани сохтмонӣ ва дар шаҳри Истиқлоли вилояти Суғд бо иқтидори 100 ҳазор тонна корхонаи металлургии истеҳсоли металли сурбу руҳ идома дорад. Умуман, дар ин минтақаи саноатӣ бунёди 5 корхонаи нави истеҳсолӣ ба нақша гирифта шудааст.

Дар корхонаи коркарди маъдани Анзоб корхонаи металлургии истеҳсоли сурма бо иқтидори 5 ҳазор тонна сохта, ба истифода дода шуд ва дар таърихи саноати металлургии Тоҷикистон бори аввал истеҳсоли сурмаи металлӣ оғоз гардид.

Амалисозии ин тадбирҳо ба рушди соҳаи саноати металлургии тоҷик ва ҳалли масъалаҳои ташкили ҷойҳои корӣ такони ҷиддӣ мебахшад.

Инчунин, дар ноҳияи Ёвон корхонаи истеҳсоли семент ба истифода супурда шуда, тибқи нақша соли ҷорӣ боз се корхонаи сементбарорӣ дар шаҳру ноҳияҳои Бобоҷон Ғафуров, Ваҳдат ва Ёвон бо иқтидори 3 миллион тонна сохта, ба истифода супурда мешавад. Имсол дар ноҳияи Данғара бунёди корхонаи сементбарорӣ бо иқтидори 1,8 миллион тонна ва дар шаҳри Исфара бо иқтидори 1 миллион тонна оғоз мегардад. Иқдомоти зикршуда имкон медиҳад, ки воридоти семент аз хориҷи кишвар ба содироти он иваз гардад.

саҳ. 4



Минбари халқ
28 январи соли 2015,
№5 (984)

# ПАЁМИ

## Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, 23 январи соли 2015

*саҳ. 3*

Бо мақсади иҷрои нақшаҳои пешбинигардида Ҳукумати мамлакат бояд истифодаи ҳамаи захираву имкониятҳои мавҷударо ҷиҳати ба роҳ мондани фаъолияти мунтазаму самараноки иқтидорҳои саноатӣ ва коркарди ҳарчи бештари ашёи хоми ватанӣ таъмин намояд. Илова бар ин, ҷиҳати рушди корхонаҳои саноатӣ дар деҳот ва ноҳияҳои дурдаст тавассути истифодаи технологияҳои мутобиқ ба шароити минтақаҳои кӯҳистон чораҳои зарурӣ андешида шаванд.

Ҳамзамон бо ин, Ҳукумати мамлакатро зарур аст, ки бо дарназардошти Стратегияи рушди миллӣ барномаи дарозмуддати пешрафти соҳаи саноатро таҳия ва қабул намояд.

**ДӮСТОНИ АЗИЗ!**

Нақш ва саҳми соҳаи кишоварзӣ дар таъмини амнияти озуқаворӣи мамлакат, рушди соҳаҳои саноат, афзоиши имкониятҳои содиротии кишвар ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ бисёр муассир мебошад.

Дар панҷ соли охир масоҳати заминҳои боғу токзор қариб 20 фоиз ва кишти сабзавот 30 фоиз, ҳаҷми истеҳсоли меваю сабзавот 50 фоиз зиёд гардида, тамоюли афзоиши ҳаҷми истеҳсоли дигар намудҳои маҳсулоти кишоварзӣ низ ба назар мерасад. Танҳо дар натиҷаи амалисозии Барномаи давлатӣ оид ба бунёди боғу токзорҳо беш аз 54 ҳазор гектар боғҳои нав бунёд карда шуданд. Яъне ин барнома пурра иҷро гардид ва зарур аст, ки барномаи нави рушди боғу токпарварӣ ҳарчи зудтар таҳия ва ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод карда шавад.

Инчунин, бори дигар таъкид менамоям, ки ҷиҳати иҷрои пурраву саривақтии барномаҳои қабулнамудаи Ҳукумати Тоҷикистон доир ба соҳаи кишоварзӣ, аз ҷумла масъалаҳои баланд бардоштани маданияти истифодаи замин, дуруст ба роҳ мондани фаъолияти соҳаҳои тухмипарварӣ, зотпарварӣ, картошкапарварӣ ва азхудкунии заминҳои нав чораҷӯӣ карда шавад.

Ҷиҳати рушди соҳаҳои агросаноатӣ дар панҷ соли охир аз ҳисоби буҷети давлатӣ 1,7 миллиард сомонӣ равона гардидааст ва дар се соли оянда аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои молиявӣ барои рушди онҳо ҷудо намудани зиёда аз як миллиард сомонӣ ба нақша гирифта шудааст. То имрӯз дар кишвар 52 корхонаи коркарди гӯшту шир сохта, ба истифода дода шудааст ва раванди бунёди чунин корхонаву коргоҳҳо бомаром идома дорад.

Дар баробари ин, бояд гуфт, ки рушди инфрасохтори истеҳсолии соҳаи кишоварзӣ, аз ҷумла сохтмони сардхонаҳои ҳозиразамони нигаҳдории меваю сабзавот, ҷойгиркунии корхонаҳои хурди коркарди маҳсулот ва банду басти он ҳоло ҳам дар сатҳи паст қарор дошта, боиси талафи зиёди маҳсулоти истеҳсолшуда мегардад.

Мувофиқи маълумот соли 2014 дар истеҳсоли бисёр намудҳои маҳсулоти кишоварзӣ, аз ҷумла ғалладонагиҳо, картошка ва пахта ба пастравӣ роҳ дода шудааст, ки чунин вазъ дар шароити имрӯза боиси нигаронӣ мебошад. Бинобар ин, Вазорати кишоварзӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бояд якҷо бо соҳибкорон ва роҳбарони хоҷагиҳои деҳқонӣ ҷиҳати бартарафсозии камбудиву норасоиҳои ҷойдошта, бо дарназардошти талаботи бозор ба нақша гирифтани кишти зироатҳо, воридоти техника, ҷорӣ намудани натиҷаи таҳқиқоти илмӣ дар истеҳсолот, истифодаи роҳҳои инноватсионӣ ва таъмини ҳарчи беҳтари бозори дохилӣ бо маҳсулоти истеҳсоли худӣ чораҳои зарурӣ андешанд.

Ҳамасола дар таркиби маҷмӯи маҳсулоти саноатии Тоҷикистон ҳиссаи соҳаи саноати коркард на кам аз 60 фоиз ва дар сохтори маҳсулоти саноати коркард ҳиссаи истеҳсоли озуқаворӣ на кам аз 50 фоизро ташкил менамояд. Лекин бо вуҷуди захираву имкониятҳои зиёд ҳанӯз ҳам ҳиссаи маҳсулоти озуқаворӣ дар таркиби молҳои воридотӣ то 20 фоиз ё тақрибан 3,5 миллиард сомониро ташкил медиҳад, ки ин ҳолат таваҷҷуҳи хоси масъулон ва сохтору мақомоти марбутаро талаб менамояд.

Вобаста ба ин, зарур аст, ки ҷиҳати афзоиш додани истеҳсолоти дохилӣ ва ба ин васила тадриҷан таъмин намудани қисми асосии бозори истеъмолӣ бо маҳсулоти ватанӣ чораҷӯӣ карда шавад. Яъне вобаста ба таъмини амнияти озуқаворӣи кишвар мо бояд кӯшиш кунем, ки дар солҳои наздиктарин талаботи мамлакатро ба аксарияти молҳои озуқаворӣ тавассути афзоиш додани истеҳсоли дохилӣ қонеъ намоем.

Ҳамзамон бо ин, бо мақсади ҷорӣ намудани дастгирии давлатии молистеҳсолкунандагони ватанӣ ва дар ин замина афзоиш додани ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ Ҳукумати Тоҷикистонро зарур аст, ки барои таъмини эҳтиёҷоти ҳамаи соҳаҳои аз буҷет маблағгузоришаванда доир ба ҷойгир намудани фармоишҳои давлатӣ дар корхонаҳои саноатӣ ва хоҷагиҳои кишоварзӣ, сарфи назар аз шакли моликияти онҳо, тадбирҳои мушаххас андешад.

***Танзими масъалаҳои вобаста ба муҳоҷирати меҳнатӣ яке аз ҳадафҳои асосии Ҳукумат ва роҳбарони мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо мебошад. Дар ин самт зарур аст, ки ҷиҳати коҳиш додани муҳоҷират муҳайё намудани ҷойҳои нави кориро дар дохили кишвар ҳарчи бештар тавсеа бахшида, доир ба масъалаҳои танзими муҳоҷирати меҳнатӣ, аз ҷумла ҳифзи ҳуқуқи шаҳрвандони мо ҳамкорӣ бо мақомоти марбутаи кишварҳои қабулкунандаи неруи корӣ беш аз пеш тақвият бахшида шавад.***



Дар доираи татбиқи лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ ҷиҳати таъмини рушди устувори кишвар ба иқтисодиёти мамлакат танҳо дар соли 2014 ба маблағи зиёда аз 3,7 миллиард сомонӣ қарзҳои имтиёзнок ва грантҳо ҷалб гардидаанд.

Дар панҷ соли оянда татбиқи як қатор лоиҳаҳои муҳими афзалиятнок дар назар дошта шуда, ба ин мақсад аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ 70 миллиард сомонӣ, аз ҷумла тавассути сармоягузории мустақим беш аз 40 миллиард сомонӣ ҷалб карда мешавад, ки ба рушди соҳаҳои мухталиф ва дар маҷмӯъ, ба таъмини ҳадафҳои стратегии давлат мусоидат хоҳад кард.

Дар ҳафт соли охир ба иқтисодиёти Тоҷикистон зиёда аз 11 миллиард сомонӣ сармояи мустақими хориҷӣ ворид гардидааст, ки қисми бештари он ба соҳаҳои энергетика, алоқа, сохтмон, истихроҷи канданиҳои фоиданок ва бунёди роҳҳо равона карда шудааст.

Дар шароити имрӯза азхудкунии самараноку оқилонаи захираҳои қаъри замини Тоҷикистон, маблағгузорӣ барои истихроҷ ва коркарди маъдан, инчунин корҳои ҷустуҷӯиву геологӣ ва иктишофии конҳои нав тавассути ҷалби сармояи ватаниву хориҷӣ аз ҷумлаи самтҳои муҳими рушди соҳаи саноат ва ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ, хусусан ташкили ҷойҳои нави корӣ маҳсуб меёбад. Барои ин, зарур аст, ки ҷиҳати тақвият бахшидан ба ҷараёни татбиқи механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ ва ба таври назаррас зиёд намудани саҳми сармоягузории мустақими хориҷӣ чораҳои иловагӣ андешида шаванд.

Дастгирии соҳибкорӣ ва дар навбати аввал соҳибкории истеҳсолӣ аз ҷумлаи самтҳои асосии фаъолияти сохтору мақомоти давлатӣ ба ҳисоб меравад. Ҳукумати кишвар то имрӯз бо мақсади фароҳам овардани фазои мусоиди соҳибкорӣ ва ҷалби сармоя ислоҳоти иқтисодиро бомаром идома бахшид, ки дар натиҷа Тоҷикистон тибқи арзёбии ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ ба рӯйхати 10 кишвари пешсафи ислоҳотгари ҷаҳон дохил гардид.

Соли 2014 аз ҷониби бонкҳо ба соҳибкорон 8,2 миллиард сомонӣ, аз ҷумла ба соҳибкории истеҳсолӣ 5,1 миллиард сомонӣ қарз дода шудааст, ки нисбат ба соли 2013-ум 17 фоиз зиёд мебошад. Дар 5 соли охир аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ барои дастгирии соҳибкории хурду миёна беш аз 720 миллион сомонӣ қарзҳои имтиёзнок ҷудо карда шудаанд. Дар ин давра аз ҳисоби бонкҳо ба соҳибкорон 31 миллиард сомонӣ қарз дода шудааст ва тавассути пешниҳоди имтиёзҳои андозӣ барои дастгирӣ ва пешрафти соҳибкорӣ 16 миллиард сомонӣ равона гардидааст.

Ҳукумати мамлакатро зарур аст, ки ҷиҳати боз ҳам содаву оммафаҳм намудани низоми андозбандӣ ва беҳтар намудани шароит барои рушди соҳибкорӣ чораҳои зарурӣ андешад.

**МУҲТАРАМ АЪЗОИ МАҶЛИСИ МИЛЛӢ ВА ВАКИЛОНИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОН!**

Ҳукумати кишвар бо вуҷуди таъсири манфии буҳронҳои молиявӣ ва иқтисодиву сиёсии ҷаҳонӣ ба ҳалли масъалаҳои соҳаҳои муҳими иҷтимоӣ, аз ҷумла илму маориф, тандурустиву фарҳанг, шуғл ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамояд ва ин муносибатро минбаъд низ пайгирона идома медиҳад.

Як нукта мусаллам аст, ки нақши кормандони соҳаҳои иҷтимоӣ дар амри баланд бардоштани сатҳи донишу маърифатнокии наврасону ҷавонон, фарҳанги

мардум, ҳифзи саломатии аҳолӣ, табобату нигоҳубини беморон ва дигар гурӯҳҳои ниёзманди ҷомеа ниҳоят арзишманд мебошад.

Ҳукумати мамлакат гурӯҳҳои осебпазиру эҳтиёҷманди ҷомеаро низ мунтазам дастгирӣ менамояд. Дар соли 2014 афзун намудани маблағгузорӣ дар ин самт, ёрмандӣ ба ятимону маъюбон, нафақахӯрон, дастгирии оилаҳои камбизоат, парастории пиронсолони ниёзманд, таъмиру таҷдиди мактаб-интернатҳо, хонаҳои кӯдакону пиронсолон ва бо таҷҳизоти муосир таъмин намудани онҳо амалӣ гардида, ин сиёсат имсол ва солҳои оянда низ идома меёбад.

Таъсиси ҷойҳои нави корӣ яке аз самтҳои муҳими сиёсати иҷтимоии Ҳукумати мамлакат мебошад. Чунонки болотар зикр намудам, соли 2014 дар кишвар беш аз 252 ҳазор ҷойҳои нави кории доимӣ, муваққатӣ ва мавсимӣ таъсис дода шуданд. Соли 2015 бояд на кам аз 200 ҳазор ҷойҳои нави корӣ муҳайё карда шаванд.

Бинобар ин, Ҳукумати Тоҷикистон, роҳбарони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо вазифадоранд, ки якҷо бо бахши хусусӣ ҷиҳати вусъат бахшидани ҷараёни таъсиси ҷойҳои нави корӣ мунтазам чораҷӯӣ намоянд.

Тибқи супориши Роҳбари давлат дар литсею коллеҷҳо, марказҳои таълими калонсолон, баъзе муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва муассисаҳои таълимии кӯтоҳмуддати бахши хусусӣ ҳар сол зиёда аз 100 ҳазор нафар шаҳрвандон аз курсҳои касбомӯзӣ гузашта истодаанд ва зарур аст, ки ин раванд дар оянда низ идома дода шавад.

Танзими масъалаҳои вобаста ба муҳоҷирати меҳнатӣ яке аз ҳадафҳои асосии Ҳукумат ва роҳбарони мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо мебошад. Дар ин самт зарур аст, ки ҷиҳати коҳиш додани муҳоҷират муҳайё намудани ҷойҳои нави кориро дар дохили кишвар ҳарчи бештар тавсеа бахшида, доир ба масъалаҳои танзими муҳоҷирати меҳнатӣ, аз ҷумла ҳифзи ҳуқуқи шаҳрвандони мо ҳамкорӣ бо мақомоти марбутаи кишварҳои қабулкунандаи нерӯи корӣ беш аз пеш тақвият бахшида шавад.

Илова бар ин, дар бобати азхуд кардани касбу ҳунарҳои ҷавобгӯ ба талаботи бозори меҳнат ва забономӯзии шаҳрвандон чораҳои иловагӣ андешида, ҷиҳати такмили масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ ва таъмини ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои муҳоҷирони меҳнатӣ дар хориҷи кишвар то охири соли ҷорӣ лоиҳаи қонун "Дар бораи муҳоҷирати меҳнатӣ" ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод карда шавад.

Ҳукумати мамлакат бо мақсади рушди босуботи соҳаи маориф ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати иҷтимоӣ тамоми тадбирҳои заруриро амалӣ менамояд. Соли гузашта ҷиҳати пешрафти соҳа беш аз дуюним миллиард сомонӣ ҷудо гардида, соли равон ба ин хотир ҷудо намудани се миллиард сомонӣ пешбинӣ шудааст.

Бо мақсади инкишофи зинаи аввали таҳсилот Ҳукумати мамлакат дар асоси супориши Паёми соли гузаштаи Президенти кишвар "Барномаи рушди муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2019"-ро қабул намуд ва ҳоло татбиқи он идома дорад.

Соли гузашта шумораи кӯдакистонҳо дар кишвар аз 508 ба 527 расида, шумораи кӯдаконе, ки дар ин муассисаҳо ба таълиму тарбия фаро гирифта шудаанд, қариб 80 500 нафарро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2013 беш аз 4000 нафар зиёд мебошад. Ё худ дар кишвар соли 2012 711 марказҳои инкишофи кӯдакон амал мекарданд ва соли 2014 шумораи онҳо ба 1061 расида, 26 000 нафар кӯдаконро фаро гирифтаанд.

Илова бар ин, дар мамлакат 12 кӯдакистони махсусгардонидашуда бо фарогирии қариб сеюним ҳазор кӯдак ва 34 кӯдакистони хусусӣ барои дуюним ҳазор нафар кӯдакон амал мекунад. Яъне имрӯз барои қариб 115 ҳазор кӯдак шароити муосири таълиму тарбияи томактабӣ фароҳам оварда шудааст. Бо вуҷуди ин, Вазорати маориф ва илм, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо вазифадор карда мешаванд, ки бо ҷалби имкониятҳои ташкилоту созмонҳои ғайриҳукуматӣ, бахши хусусӣ ва шахсони эҳсонкор доир ба таъсиси шаклҳои алтернативии муассисаҳои томактабӣ, таъмиру таҷдид ва таҷҳизонидани онҳо тадбирҳои муассир андешанд.

Аз ҷониби Ҳукумати кишвар то ба имрӯз масъалаҳои муҳиму аввалиндараҷаи зинаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ҳаллу фасл шудаанд. Бо вуҷуди ин, масъалаҳои баланд бардоштани сатҳу сифати таълим ва дар низоми таҳсилоти миёнаи умумӣ ҷорӣ намудани усулҳои инноватсионӣ ва фаъоли таълим, инчунин баланд бардоштани сатҳи касбии омӯзгорон таваҷҷуҳи боз ҳам бештари масъулонро тақозо мекунад.

Омӯзгор дар раванди таълиму тарбия ҳуқуқи хато карданро надорад, зеро тақдири насли ояндасоз ва пешбарандаи давлату ҷомеа дар дасти ӯст. Яъне омӯзгор дар раванди таълиму тарбия баробари падару модар ва шахсоне, ки онҳоро иваз мекунанд, нақши асосӣ дорад ва ҳамчун роҳнамои маънавӣ барои ба камол расонидани насли шоистаи даврон масъул аст. Аз ин рӯ, ҷиҳати боз ҳам баланд бардоштани маҳорат ва малакаи касбии омӯзгорон ба таври доимӣ ташкил кардани курсҳои такмили ихтисос, бозомӯзӣ ва ҳарчи бештар шинос намудани онҳо бо технологияҳои муосири таълим амри зарурӣ мебошад.

Соли гузашта бори аввал қабули довталабон ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ тавассути Маркази миллии тестӣ роҳандозӣ шуд, ки он талаби замон буда, омили асосии коҳишёбии шиддати кирдорҳои коррупсионӣ дар ин соҳа гардид. Масалан, солҳои қаблӣ то 20 фоизи довталабон ва падару модарони онҳо аз натиҷаи имтиҳонҳои дохилшавӣ шикоят мекарданд, вале соли гузашта аз 52 ҳазор нафар довталабон танҳо 400 нафар шикоят намуданд, ки ин рақам ҳатто як фоизро ҳам ташкил намедиҳад.

Дар робита ба ин, меҳоҳам як масъалаи муҳимро хотирнишон намоям. Падару модарон бояд на дар як рӯзи имтиҳон, балки аз рӯзи таваллуди фарзандашон ба таълиму тарбияи ӯ диққати ҷиддӣ диҳанд, барои дуруст ба камол расидани ӯ шароит фароҳам оваранд, асбобу ашёи таълимашро таъмин намоянд ва завқи ӯро барои интихоби дурусти касб бедор созанд. Вале, мутаассифона, то ба имрӯз аксари падару модарон баъди ёздаҳ сол, яъне танҳо дар давраи имтиҳоноти хатми мактаб ва озмоишҳои тестӣ огоҳ мешаванд, ки фарзандашон бояд соҳиби касбу ихтисосе шавад. Дар ҷомеаи имрӯзаи мо ин воқеиятест, ки бояд ҳатман ислоҳ гардад.

Имтиҳоноти тестӣ инчунин то андозае сатҳу сифати таълимро дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии кишвар муайян намуданд. Баробари ин, маълум гардид, ки дар ин зинаи таҳсилот таълими фанҳои табиию риёзӣ ба беҳбудии ҷиддӣ ниёз дорад ва масъулони Вазорати маориф ва илм, роҳбарону масъулони муассисаҳои таълимиро зарур аст, ки доир ба ин масъала чораҳои муассир андешанд ва ба хонандагон дар бобати интихоби дурусти касбу ҳунар, аз ҷумла ихтисосҳои муҳандисӣ ва техникиву технологӣ, ки барои иқтисоди миллии мо хеле муҳиманд, ёрии амалӣ расонанд.

Илова бар ин, роҳбарону масъулони Маркази миллии тестӣ ва муассисаҳои таълимиро зарур аст, ки камбудиву норасоиҳои соли қаблиро бартараф карда, дар ҳар як мактаби таҳсилоти умумӣ бо ҳар яке аз хатмкунандагон ва падару модарони онҳо машғулиятҳои омӯзишӣ ташкил намоянд, масъалаҳои марбут ба ин низомро омӯзонанд ва минбаъд дар асоси омӯзиши таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ сифати имтиҳоноти тестиро беҳтар гардонанд. Ҳоло дар мактабҳои миёнаи кишвар як миллиону 750 ҳазор хонандагон таҳсил мекунанд ва ҳар сол қариб 110-112 ҳазор нафар мактабро хатм мекунанд.

Дар зинаи таҳсилоти миёнаи умумӣ бо мақсади пурра ба таълим фаро гирифтани духтарону писарон масъалаҳои гузариш ба низоми дувоздаҳсолаи таҳсилот, аз нуҳсола ба даҳсола гузаронидани таҳсилоти асосӣ, ба муассисаҳои таҳсилоти умумии асосӣ табдил додани муассисаҳои ибтидоӣ ва аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ пурра татбиқ гардидани низоми маблағгузории сарикасӣ аз ҷумлаи тадбирҳое мебошанд, ки бояд дар оянда амалӣ карда шаванд.

Дар ин ҷо бори дигар хотирнишон месозам, ки дастгирии соҳаи маориф ва баланд бардоштани мақоми омӯзгор, дар навбати аввал, аз он ҷиҳат муҳим мебошад, ки аҳли маориф дар рушди нерӯи инсонӣ саҳми бевосита дошта, яке аз қувваҳои пешбаранда ва фаъоли ҷомеаи имрӯза ба шумор меравад ва гузашта аз ин, пешрафти тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ва давлат ба сатҳи рушди маориф вобастагии мустақим дорад.

***Вобаста ба равандҳои ҷаҳонишавӣ ва шиддат гирифтани муборизаҳои иттилоотӣ, ҳамчунин воридшавии мафкураи бегона ба зеҳни ҷомеа институтҳои илмиву таҳқиқотии Академияи илмҳо, академияҳои соҳавӣ, Маркази таҳқиқоти стратегӣ, дигар марказҳои илмӣ ва кафедраҳои ҷомеашиносии муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро зарур аст, ки ба таҳқиқу таблиғи масъалаҳои худшиносиву худогоҳӣ, ҳифзи арзишҳои миллии таърихиву фарҳангӣ, тавсеаи ҷаҳонбинии демокративу дунявӣ, пойдории ваҳдат ва суботи ҷомеа таваҷҷуҳи бештар зоҳир намоянд.***

Бо сабаби ба низоми кредитӣ гузаштани муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар роҳбарони ин муассисаҳоро зарур аст, ки меъёрҳои дар сатҳи байналмилалӣ эътирофшударо пурра татбиқ намоянд ва доир ба масъалаи омӯзиши технологияҳои инноватсионӣ, ворид намудани таҷҳизоти ҳозиразамон ва ба ин восита самаранок гардонидани сифати таълим тадбирҳои ҷиддӣ андешида, ба забономӯзии донишҷӯён ва ба ҷойи кор ҳозир шудани хатмкунандагон диққати махсус диҳанд. Ҳамчунин, ҷиҳати ҷалби донишҷӯён ба маҳфилҳои илмии мубоҳисавӣ, таҳияи лоиҳаҳои инноватсионӣ ва кашфиёту ихтироъкорӣ грантҳои хурд ҷудо карда шаванд.

Дар баробари ин, вазоратҳои рушди иқтисод ва савдо, маориф ва илм, роҳбарони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, роҳбарони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо, инчунин дигар мақомоти давлатӣ вазифадор карда мешаванд, ки то соли 2018 муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро бо омӯзгорони сатҳи баланди касбӣ пурра таъмин карда, ба Ҳукумат ҷиҳати тайёр кардани мутахассисони дигар соҳаҳо пешниҳод манзур намоянд.

Баробари таълим масъалаҳои тарбияи наврасону ҷавонон ва дар рӯҳияи ватандӯстиву инсонпарварӣ ва худогоҳиву худшиносӣ ба воя расонидани онҳо ниҳоят муҳим мебошад. Масъалаҳои таҳкими робита миёни ҷомеа, муассисаи таълимӣ ва падару модарон тавассути як қатор қонунҳо, аз ҷумла Қонун "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд" ба танзим дароварда шудаанд. Вале то ба ҳол механизми дурусти татбиқи он муайян нагардидааст.

Бинобар ин, ҷиҳати ба роҳ мондани назорати иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд" ва ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти дахлдор дар Дастгоҳи иҷроияи Президенти кишвар воҳиди нави сохторӣ таъсис дода шавад.

Вобаста ба ин, вазоратҳои адлия, маориф ва илм, корҳои дохилӣ, Прокуратураи генералӣ, кумитаҳои оид ба корҳои дин ва танзими ҷашну маросимҳо, кор бо занон ва оила, ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ якҷо бо ин сохтори навтаъсис татбиқи қонуни мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқиро дар соҳаи таълиму тарбияи кӯдак пурра ва ҳаматарафа таъмин намоянд. Инчунин, бо мақсади таъмини ҳифзи ҳуқуқи кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамоям, ки институти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак таъсис дода шавад.

Ҷараёни татбиқи барнома ва нақшаҳое, ки доир ба рушди илм қабул шудаанд, зери назорати доимии Ҳукумати кишвар қарор дорад. Дар ин самт то имрӯз тадбирҳои зиёде амалӣ гардида, таҷдиди сохтории Академияи илмҳо ва академияҳои соҳавӣ бомаром амалӣ шуда истодааст.

Бо вуҷуди дастовардҳои муайяни илмӣ, робитаи илм бо истеҳсолот, воридшавии инноватсия дар низоми илмӣ ва муҳимтар аз ҳама, рушди илмҳое, ки бо иқтисодиёти кишвар робитаи бевосита доранд, ҳамчун масъалаҳои мубрами рӯз боқӣ мондаанд. Ҳамчунин, омода намудани кадрҳои ҷавон ва ҷалби онҳо ба корҳои илмиву роҳбарӣ беҳбудӣ меҳоҳад.

Дар баробари ин, Академияи илмҳо бояд ҳамкории парки технологӣ ва инноватсиониро бо паркҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ вусъат бахшида, ҷиҳати аз соли равон дар истеҳсолот ба роҳ мондани дастовардҳои инноватсионӣ тадбирҳо андешад.

Аз ин лиҳоз, вазоратҳои саноат ва технологияҳои нав, энергетика ва захираҳои об, кишоварзӣ, дигар вазорату идораҳо ва корхонаҳои истеҳсолӣ вазифадор карда мешаванд, ки ҳамкориро бо Академияи илмҳо тақвият бахшида, ҷиҳати татбиқи дастовардҳои илм дар истеҳсолот тадбирҳои зарурӣ андешанд.

Дар робита ба ин, як масъаларо хотирнишон кардан меҳоҳам, ки имрӯз баробари донишмандони муътабари мо олимону муҳаққиқон ва таҳлилгарони ҷавон, яъне насли зиёиёни давраи истиқлол ба воя расидаанд ва мо аз онҳо умеди зиёд дорем.

Вобаста ба равандҳои ҷаҳонишавӣ ва шиддат гирифтани муборизаҳои иттилоотӣ, ҳамчунин воридшавии мафкураи бегона ба зеҳни ҷомеа институтҳои илмиву таҳқиқотии Академияи илмҳо, академияҳои соҳавӣ, Маркази таҳқиқоти стратегӣ, дигар марказҳои илмӣ ва кафедраҳои ҷомеашиносии муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро зарур аст, ки ба таҳқиқу таблиғи масъалаҳои худшиносиву худогоҳӣ, ҳифзи арзишҳои миллии таърихиву фарҳангӣ, тавсеаи ҷаҳонбинии демокративу дунявӣ, пойдории ваҳдат ва суботи ҷомеа таваҷҷуҳи бештар зоҳир намоянд.

саҳ. 6

Минбари халқ
28 январи соли 2015,
№5 (984)

# ПАЁМИ

## Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, 23 январи соли 2015

саҳ. 5

Омӯхтани сабаб ва омилҳои сар задани ҷанги шаҳрвандӣ дар кишварамон яке аз вазифаҳои муҳимтарини олимони ҷомеашинос мебошад. Зеро доир ба ин масъала андешаву таҳқиқоти мӯътамади олимон бояд нақши ҳалкунанда дошта бошад, то ин ки ҳодисаҳои даҳшатноку фоҷиабори гузашта барои наслҳои ояндаи халқамон дарси ҳушёрӣ ва ибрат гарданд.

Бо дарназардошти вазъи ҳассосу печидаи ҷаҳони муосир олимону донишмандони мамлакат бояд ба масъалаҳои тавсеаи мафкураи миллӣ, таҳкими давлатдорӣ ва рушди иҷтимоиву сиёсии ҷомеа, иттиҳоди нерӯҳои созандаи кишвар ва ҳифзи манфиатҳои стратегии Тоҷикистон, мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм, хурофотпарастиву ифротгароӣ, инчунин таҳқиқи масоили демократикунонии ҳаёти иҷтимоиву сиёсии Тоҷикистон эътибори аввалиндараҷа диҳанд.

Ҳукумати мамлакат дар сиёсати иҷтимоии худ навсозиҳои соҳаи тандурустиро идома дода, маблағгузории соҳаро дар соли 2015 нисбат ба соли гузашта 10 фоиз зиёд пешбинӣ намудааст. Соли 2014 шароити инфрасохтори соҳаи тандурустӣ хеле беҳтар гардида, кӯмакҳои аввалияи тиббию санитарӣ тавсеа ёфтанд. Дар ин давра як қатор муассисаҳои соҳаи тандурустӣ бунёд ва таъмиру азнавсозӣ гардиданд. Ҳамчунин, барои пешгирӣ ва паст намудани шиддати бемориҳои сироятӣ, таъмини шаҳрвандон бо маводи босифати доруворӣ, ҳифзи саломатии модару кӯдак ва омода намудани мутахассисон як қатор тадбирҳои муассир амалӣ карда шуданд. Дар даврони истиқлолият барои рушди соҳаи тандурустӣ илова ба маблағҳои аз буҷет ҷудошуда 107 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи умумии қариб 3 миллиард сомонӣ татбиқ гардидааст. Ҳоло дар соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии кишвар илова ба маблағҳои буҷетӣ татбиқи 38 лоиҳа ба маблағи 570 миллион сомонӣ идома дорад.

Чораҳои зикршуда, аз ҷумла ворид намудани таҷҳизоти муосир ва технологияҳои замонавӣ боиси беҳтар шудани сифати ташхис, муоина ва табобати беморон гардиданд. Натиҷаи ҳамин аст, ки имрӯз ба кишварҳои хориҷӣ барои табобат рафтани шаҳрвандони мо хеле кам шудааст. Бо вуҷуди ин, бояд гуфт, ки таъмини муассисаҳои тандурустӣ бо кадрҳои баландихтисос, сатҳи дониши касбии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти оливу миёнаи тиббӣ, аз ҷумла доир ба истифодаи таҷҳизоти ҳозиразамони тиббӣ ва ташхису табобати як қатор бемориҳо беҳбудиро тақозо мекунад.

Фаъолияти муассисаҳои ҳифзи иҷтимоӣ вобаста ба дастгирии маъюбон ва дигар гурӯҳҳои осебпазир ба исолоҳоти ҷиддӣ ниёз дорад ва масъулони соҳа вазифадоранд, ки дар асоси таҳлили ҳаматарафа доир ба рафъи камбудиву мушкилоти ҷойдошта тадбирҳои зарурӣ андешанд. Умуман, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолиро зарур аст, ки якҷо бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҷараёни татбиқи санадҳои барномавии соҳаро зери назорати қатъӣ қарор дода, барои боз ҳам беҳтар кардани хизматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ чораҷӯӣ намоянд. Ҳамчунин, тақвият бахшидани имкониятҳои соҳа, баланд бардоштани сатҳи касбии мутахассисони соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзии кадрҳо аз ҷумлаи масъалаҳое мебошанд, ки бояд таҳти назорати доимии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ қарор дода шаванд.

**ҲОЗИРИНИ ГИРОМӢ!**

Ҳукумати кишвар ба инкишофи бонизоми фарҳанг ва махсусан масъалаҳои боло бурдани фарҳанги ҷомеа, эҳтиром ба арзишҳои милливу фарҳангӣ, эҳёи анъанаву ҳунарҳои мардумӣ, рушди санъату мусиқӣ ва театр таваҷҷуҳи хос зоҳир менамояд. Ҳукумат дар муддати даҳ соли охир танҳо барои таъмиру таҷдиди ёдгориҳои таърихӣ қариб 3 миллиард сомонӣ равона карда, аксари осорхонаҳо, қасру марказҳои фарҳангӣ, қалъаву шаҳрҳои бостонӣ, мақбараҳои шахсиятҳои таърихиву ирфонӣ ва дигар мероси моддиву маънавии халқамонро азнавсозӣ намуд. Вале бояд гуфт, ки бо вуҷуди тадбирҳои то ба ҳол андешидашуда ҳанӯз ҳам баъзе масъалаҳои ҳалталаб, аз қабили костагии фарҳанги гурӯҳҳои алоҳидаи ҷомеа ва гароиши онҳо ба мафкураи бегона мавҷуданд. Инчунин таъминоти муассисаҳои фарҳангӣ бо таҷҳизоту технологияҳои муосир ва амсоли инҳо ҳалли саривақтии худро талаб менамоянд.

Дар ин росто, кинои тоҷик ба рушди ҷиддӣ ниёз дошта, филмҳои ҳозиразамони мустанаду бадеӣ, ки гузаштаву имрӯзро воқеъбинона инъикос намоянд, масъалаҳои муҳими ҳаёти ҷомеаро тасвир созанд ва ахлоқи ҳамидаву анъанаҳои неки халқамонро тарғиб кунанд, кам ба назар мерасанд.

Бинобар ин, Вазорати фарҳанг, Кумитаи телевизион ва радио ва иттифоқҳои эҷодӣ вазифадор карда мешаванд, ки бо мақсади таблиғи ғояҳои миллӣ, тарбияи зебоипарастӣ ва ҳифзи мероси таърихиву фарҳангӣ ҷиҳати таҳияи асарҳои нави саҳнавӣ ва филмномаҳои таърихӣ чораҳои зарурӣ андешанд.

Дар баробари ин, Ҳукумати мамлакат вазифадор карда мешавад, ки ҷиҳати инкишофи ин санъати муҳим иҷрои барномаи давлатии рушди кинои тоҷикро таҳлил карда, минбаъд ҳамасола барои эҷоду наворбардории филмҳои нав ва тайёр кардани мутахассисони соҳа маблағҳои махсус пешбинӣ намояд. Илова бар ин, доир ба ҳалли саривақтии масоилу мушкилоти соҳа ва рушди он, интихобу ҷобаҷогузории барномаҳо зарур аст, ки аз ҳисоби намояндагони мақомоти дахлдор ва мутахассисон комиссияи давлатӣ таъсис дода шавад.

Дар рушди ҳаёти иҷтимоӣ нақши занон ва ҷавонон ҳамчун нерӯи пешбарандаи ҷомеа ниҳоят арзишманд мебошад. Ташаббусҳои онҳо аз ҷониби Ҳукумати кишвар ҳамеша дастгирӣ ёфта, занону ҷавонон ба корҳои роҳбарӣ дар ҳамаи шохаҳои ҳокимият ва сохтору мақомоти давлатӣ ҷалб карда мешаванд. Ҳамчунин фарогирии занону ҷавонон ба соҳибкории хурду миёна тавсеа ёфта, бо ин мақсад аз ҷониби Ҳукумат лоиҳаҳои имтиёзнок ва дигар тадбирҳои судманд роҳандозӣ шудаанд. Ҷавонон ҳамчун давомдиҳандагони татбиқи ҳадафҳои олии мо имрӯзҳо бо азму иродаи қавӣ ва хотири пешрафти ояндаи Ватани маҳбубамон саъю талош карда, дар бештари соҳаҳо ба дастовардҳои назаррас ноил гардидаанд. Аксари ҷавонони бонангу номуси кишвар дар пайи таҳсил, интихоби касб ва азхуд кардани техникаву технологияҳои муосир талош намуда, дар дохилу хориҷи мамлакат илму донишҳои муосир ва барои кишварамон заруриро азбар карда истодаанд. Имрӯзҳо беш аз 12 ҳазор нафар ҷавонони соҳибистеъдоду лаёқатманди мо дар хориҷи кишвар аз ҳисоби давлат таҳсил карда истодаанд. Ҳоло дар дохили кишвар зиёда аз 200 ҳазор нафар донишҷӯён таҳсил доранд. Қисме бо азму иродаи матин дар соҳаҳои истеҳсолӣ ва сохтмонҳои бузурги кишвар заҳмат мекашанд, дар сафҳои Қувваҳои Мусаллаҳ, аз ҷумла дар ҳифзи марзу буми Ватан ва таъмини амнияту оромии давлат ва ҷомеа қарор доранд ва иддае парчами Тоҷикистони азизро дар мусобиқаҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ баланд мебардоранд.

Барои рушди солими ҷомеаи кишвар ва ҷалби наврасону ҷавонон ба варзиш тайи панҷ соли охир 19 варзишгоҳ, 621 майдонча ва 110 толори варзишӣ, 11 ҳавзи шиноварӣ ва 9 маҷмааи варзишӣ сохта, ба истифода дода шудааст. Инчунин 2700 майдонча ва 635 толори варзишӣ, 14 ҳавзи шиноварӣ ва 5 маҷмааи варзишӣ таъмиру азнавсозӣ гардидааст. Вобаста ба ин, таъкид менамоям, ки бо мақсади оммавигардонии варзиш ва таблиғу ташвиқи тарзи ҳаёти солим иншооти зикршудаи варзишӣ дар ҳолати хуб нигоҳ дошта, самаранок мақсаднок истифода бурда шаванд.

Ҳукумат ғамхориро нисбат ба наврасону ҷавонон минбаъд низ идома бахшида, ба ин нерӯи тавонои кишвар, ки марзу буми Тоҷикистонро ҳимоя мекунад, кишварро ободу зебо мегардонад ва номи Ватани аҷдодиро боз ҳам баланд мебардорад, ҳамеша такя менамояд.

***Сохторҳои масъул бояд ба ҳамаи ҳизбҳои сиёсии дар интихобот ширкаткунанда ва ба номзадҳои пешбаришуда шароити баробар муҳайё созанд. Интихоботи навбатӣ бояд ба омили муттаҳидкунандаи халқи Тоҷикистон, таҳкими сулҳу субот, ваҳдати милливу сарҷамъии мардуми кишвар ва болоравии эътибору обрӯи давлати мо дар арсаи ҷаҳонӣ гардад.***

Ҳукумати кишвар ба занону бонувон эҳтироми хоса зоҳир менамояд ва дар якчанд барномаи давлатӣ, стратегия ва консепсияҳо дурнамои фаъолияти занон ва нақши онҳоро дар мақоми роҳбарӣ, таҳкими давлатдорӣ, солимии ҷомеа ва пойдориву устувории оила таъкид намудааст. Мо ин сиёсатро дар оянда низ давом дода, занонро ҳамчун чароғи оила, нерӯи созандаи ҷомеа ва ҳимоятгару идомабахши беҳтарин анъанаҳои миллӣ дастгирӣ менамоем ва дар сохтору мақомоти давлатӣ сафи онҳоро бештар мегардонем. Бо вуҷуди дастгирӣ аз ҳуқуқу манфиатҳои занону ҷавонон дар ин самт проблемаҳои ҳалталаб ҳанӯз зиёданд. Аз ҷумла масъалаи пош хӯрдани оилаҳои ҷавон, ки шумораи онҳо сол ба сол зиёд мегардад, ташвишовар мебошад. Мувофиқи маълумоти оморӣ соли 2014 аз 95500 ақди никоҳи ба қайд гирифташуда 9 ҳазори он бекор шудааст, ки нисбат ба соли 2013-ум 9,5 фоиз зиёд аст. Сабаби ин ҳолат, пеш аз ҳама, омода набудани ҷавонон ба зиндагии мустақилона мебошад. Дар миёни ҷавонон ҳолати никоҳи хешовандони наздик низ зиёд шуда, боиси таваллуди кӯдакони маъюб гардида истодааст. Имрӯз дар қаламрави кишвар қариб 13 ҳазор нафар кӯдакону наврасони маъюби то 18 - сола аз ҷониби давлат нигоҳубин карда мешаванд. Бештари ин кӯдакон маъюби модарзод буда, аз никоҳи хешовандӣ, инчунин аз волидайни гирифтори нашъамандӣ ба дунё омадаанд.

Бемории масунияти норасоии одам бемории шадид буда, имрӯз яке аз сарчашмаҳои асосии хатар ба ҳаёт ва саломатии инсон дар сайёра гаштааст. Бори аввал ин бемор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1991 ба таври расмӣ ба қайд гирифта шуд. Гирифторони он дар кишвар имрӯз беш аз шашуним ҳазор нафарро ташкил медиҳанд, ки чунин вазъ боиси ташвиши ҷиддии Ҳукумати мамлакат ва аҳли ҷомеа мебошад. Пешгирии ин беморӣ бояд яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ бошад. Сабаби дигари пош хӯрдани оилаҳо дар он аст, ки бисёре аз падару модарон фарзандонро бе муоинаи пешакии тиббӣ хонадор карда, вазъи саломатии онҳоро ба эътибор намегиранд. Тибқи моддаи 15 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон муоинаи тиббии шахсони никоҳшаванда, инчунин додани машварат доир ба масъалаҳои тиббиву генетикӣ ва масъалаҳои солимгардонии оила аз ҷониби муассисаҳои давлатии нигаҳдории тандурустии маҳали истиқомати онҳо ба таври ройгон ва танҳо бо розияти шахсони никоҳшаванда анҷом дода мешавад. Вале онҳо аз ин ҳуқуқи муқаррарнамудаи қонун истифода намекунанд. Аз ин рӯ, вазоратҳои тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ, адлия, кумитаҳои кор бо занон ва оила, оид ба корҳои дин, танзими анъана ва ҷашну маросимҳои миллӣ вазифадор карда мешаванд, ки масъалаи муоинаи ҳатмии пешакии тиббии издивоҷкунандагон ва пешгирӣ намудани никоҳи байни хешовандони наздикро якҷо бо мардум ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳаматарафа омӯхта, ба Ҳукумат таклиф пешниҳод намоянд. Ин масъала барои хушбахтии оилаҳои ҷавон бисёр муҳим аст. Мо ҳама - падару модарон, бародарону хоҳарон ва дӯстон оилаҳои ҷавонро доимо дуои нек мекунем, ки саломат бошанд, хушбахт шаванд, умри дарозу бобаракат бинанд, соҳиби фарзанд ва набераву абера гарданд. Бояд гуфт, ки масъалаҳои маърифати оиладорӣ, баланд бардоштани масъулияти падару модарон дар таълиму тарбияи фарзанд, омода кардани фарзандон ба ҳаёти мустақилона ва пойдории оила аз ҷумлаи проблемаҳое мебошанд, ки диққати доимии тамоми мақомоти давлатӣ, муассисаҳои таҳсилотӣ ва кулли аъзои ҷомеаро тақозо мекунад.

Бо дарназардошти аҳамияти масъала, мувофиқи мақсад аст, ки дар синфҳои болоии мактабҳои таҳсилоти умумӣ курсҳои махсуси таълими маърифат ва одоби оиладорӣ ба роҳ монда шавад.

Мусаллам аст, ки ҷомеаи солим аз оилаи солим ва насли солим ташаккул меёбад. Вобаста ба ин, пешниҳод менамоям, ки соли 2015 дар кишвар "Соли оила" эълон карда шавад.

**ҲАМВАТАНОНИ АЗИЗ!**

Якуми марти соли ҷорӣ дар кишварамон маъракаи муҳими сиёсӣ - интихоботи Маҷлиси Олӣ, маҷлисҳои маҳаллӣ ва ҷамоатҳо баргузор мегардад.

Ин чорабинии сиёсӣ бояд дар доираи талаботи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои амалкунанда, дар сатҳи баланди ташкилӣ ва маърифати ҳуқуқӣ, шаффофу озод, ба таври демократӣ ва бо иштироки фаъолонаи интихобкунандагон доир гардад.

Сохторҳое, ки ба баргузории ин чорабинӣ масъуланд, бояд ба ҳамаи ҳизбҳои сиёсии дар интихобот ширкаткунанда ва ба номзадҳои пешбаришуда шароити баробар муҳайё созанд. Интихоботи навбатӣ бояд ба омили муттаҳидкунандаи халқи Тоҷикистон, таҳкими сулҳу субот, ваҳдати милливу сарҷамъии мардуми кишвар ва болоравии эътибору обрӯи давлати мо дар арсаи ҷаҳонӣ гардад.

Ман бори дигар хотирнишон менамоям, ки ҳамаи мо барои фардои давлату миллат, сулҳу субот, ваҳдати миллӣ, хулоса, барои ояндаи осудаи Тоҷикистон масъулият дорем.

### МУҲТАРАМ АЪЗОИ МАҶЛИСИ МИЛЛӢ ВА ВАКИЛОНИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОН!

Мақомоти қонунгузори кишвар - Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон, субъектҳои ташаббуси қонунгузорӣ ҳамасола барои рушди қонунгузорӣ корҳои хубу босамар анҷом медиҳанд ва қобили зикр аст, ки фаъолияти аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон дар панҷ соли охир хеле назаррас буд.

Дар баробари ин, мехоҳам ба ҳамаи вакилоне, ки тайи панҷ сол дар Маҷлиси Олӣ заҳмат кашида, дар қабули қонунҳо ва дигар санадҳои муҳими давлатӣ фаъолона иштирок намуданд, изҳори сипос намоям.

Умед аст, ки фаъолияти қонунгузорӣ аз тарафи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони тозаинтихоб боз ҳам густариш дода мешавад.

Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявию иҷтимоӣ узви ҷомеаи ҷаҳонӣ буда, дар ҷараёни таҳаввулоти босуръати ҷаҳонишавии муносибатҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва рушди соҳаҳои гуногуни ҳаёт қарор дорад. Имрӯз дар як қатор давлатҳо ҷангҳои харобиовар идома дошта, боиси афзоиши шумораи фирориёни иҷборӣ, бекорӣ, гуруснагӣ ва шиддат гирифтани проблемаҳои дигари иҷтимоӣ гардидаанд.

Терроризм ва ифротгароӣ беш аз ҳарвақта авҷ гирифта, бо оқибатҳои даҳшатбору бераҳмонаи худ ба проблемаи ҷиддитарини инсоният дар асри бистуяк табдил ёфтааст. Бинобар ин, роҳбарияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомии мамлакатро зарур аст, ки дар самти мубориза бар зидди терроризм, ифротгароӣ, муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор, таъмини амнияти давлат ва ҷомеа, баланд бардоштани иқтидори мудофиавии мамлакат ва ҳифзи боэътимоди сарҳади давлатӣ, инчунин омодабошии ҷангии Қувваҳои Мусаллаҳ тадбирҳои иловагӣ андешанд.

Вазъияти ҷаҳони имрӯза моро водор мекунад, ки фаъолияти самараноки тамоми сохторҳои давлатиро барои таъмини боэътимоди сулҳу субот ва амнияти кишварамон равона созем ва барои ҳар як сокини кишвар шароити арзандаи зиндагӣ ва ҳаёти осоиштаро муҳайё кунем.

Бори дигар хотиррасон менамоям, ки ҳар як шаҳрванди кишвар бояд ба қадри давлати соҳибистиқлол ва зиндагии орому осуда расида, ҳеҷ гоҳ зиракии сиёсиро аз даст надиҳад ва ҳаргиз фирефтаи таблиғоту ақидаҳои бебунёди ифротӣ нашавад.

Ҳукумати мамлакат вазифадор аст, ки бо мақсади таъмини амнияти давлат ва ҷомеа маблағгузориро барои таъминоти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомӣ бо техникаву технологияҳои замонавӣ ва таҷҳизоту дастгоҳҳои муосир, бунёди иншооти сарҳадӣ, мустаҳкам намудани заминаҳои моддиву техникӣ, муҳайё кардани тамоми шароити зарурии зиндагӣ ва хизмат барои сохтору мақомоти зикршуда сол ба сол зиёд намояд. Ба хотири ҳифзи сулҳу оромӣ ва пойдории суботи сиёсии ҷомеа мо ҳама бояд муттаҳид бошем ва ба фаъолияти сохтору мақомоти давлатӣ ҳамаҷониба мусоидат намоем.

Ҷиҳати пешгирии паҳн намудани намудҳои нави воситаҳои нашъадор, такмили усулҳои мубориза дар ин самт, тарзи лоти олии касбии вазоратҳои корҳои дохилӣ, мудофиа, Кумитаи давлатии амнияти миллӣ ва дигар сохтору мақомоти низомӣ, инчунин тайёрии касбии кормандони мақомоти мазкур бояд бо дарназардошти талаботи замони муосир ва вазъи ҷаҳони имрӯза баланд бардошта шавад.

Мо дар паёмҳои гузашта ва дар дигар мулоқоту чорабиниҳо доим хотирнишон месозем, ки кирдорҳои коррупсиониро маҳкум мекунем ва мубориза бо ин падидаи номатлубро яке аз самтҳои афофиятбахшии шахсони гирифтори бемории нашъамандӣ, таҳкими ташаккули афкори ҷомеа бар зидди воситаҳои нашъадор ва умуман пурзӯр намудани мубориза бар зидди ин хатари марговар ба мақсад мувофиқ аст, ки қонунгузорӣ дар соҳаи назорат ва мубориза бо муомилоти ғайриқонунии чунин воситаҳо бо дарназардошти таҷрибаи кишварҳои пешрафта ва талаботи санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ таҷдиди назар карда шавад. Ҳамзамон бо ин, ҳамкориҳои байналмилалӣ, махсусан бо кишвари ҳамсоя - Афғонистон дар самти таъмини амният дар хати сарҳади миёни ду давлат ва мубориза бо муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор густариш дода шавад.

*Терроризм ва ифротгароӣ беш аз ҳарвақта авҷ гирифта, бо оқибатҳои даҳшатбору бераҳмонаи худ ба проблемаи ҷиддитарини инсоният дар асри бистуяк табдил ёфтааст. Бинобар ин, роҳбарияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомии мамлакатро зарур аст, ки дар самти мубориза бар зидди терроризм, ифротгароӣ, муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор, таъмини амнияти давлат ва ҷомеа, баланд бардоштани иқтидори мудофиавии мамлакат ва ҳифзи боэътимоди сарҳади давлатӣ, инчунин омодабошии ҷангии Қувваҳои Мусаллаҳ тадбирҳои иловагӣ андешанд.*

Дар баробари ин, тарбияи кадрҳои худшиносу ватандӯст, дорои масъулият ва малакаи баланди касбӣ, соҳиби донишу таҷриба ва ҷаҳонбинии муосир, фидокор ва содиқ ба Ватану миллат, ҳушёру зирак, муборизи роҳи ҳақиқату адолат вазифаи муҳимтарини Ҳукумат ва роҳбарияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, сохторҳои низомии кишвар ва умуман Қувваҳои Мусаллаҳ мебошад. Ба ин мақсад бояд сатҳу сифати таълим ва корҳои тарбиявӣ дар муассисаҳои таҳсизалиятноки фаъолияти давлат мешуморем.

Тақвияти фаъолияти ҳокимияти судӣ яке аз самтҳои асосии сиёсати давлатӣ мебошад, зеро фаъолияти суд бо инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ пайванди ногусастанӣ дорад ва ин нуктаро ман борҳо изҳор намудаам. Бо мақсади таҳкими минбаъдаи ҳокимияти судӣ 5-уми январи соли 2015 бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Барномаи нави ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2017 тасдиқ гардид.

Татбиқи барномаи мазкур барои боз ҳам устувор шудани сохтори мақомоти судӣ ва пешрафту пурсамар гардидани фаъолияти онҳо, таҳкими ҳамкории мақомоти судӣ бо дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ҳамчунин ҷиҳати иҷрои санадҳои судӣ такони ҷиддӣ хоҳад бахшид. Итминон дорем, ки роҳбарият ва кормандони Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ, Шӯрои адлия ва Прокуратураи генералӣ бо дарки масъулияти баланди касбӣ ҷиҳати амалисозии адолати судӣ, таъмини волоияти қонун ва гузашта аз ин, дар роҳи ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсону шаҳрванд ва ташкилотҳо тамоми чораҳои заруриро меандешанд.

### МУҲТАРАМ АЪЗОИ МАҶЛИСИ МИЛЛӢ ВА ВАКИЛОНИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОН!

Ман дар паёмҳои пешина ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва суханрониҳои худ дар якчанд маросиму мулоқотҳо оид ба масоили байналмилалӣ ибрози назар карда, вазифаву ҳадафҳои сиёсати хориҷии кишварро муфассал шарҳ дода будам. Ҳоло мехостам таъкид намоям, ки то имрӯз усулу асосҳо ва афзалиятҳои ин сиёсат, ки аз ҳимояти манфиатҳои миллӣ, ҳифзи озодиву истиқлолияти кишвар, амнияту суботи ҷомеа ва таъмини рушди Тоҷикистон иборатанд, тағйир наёфтаанд.

Муҳтаво ва ҳадафҳои сиёсати дарҳои кушода, ки бо амалӣ намудани он сарзамини мо сафи дӯстони худро пайваста зиёд намудааст, ҳамоно мисли пештара боқӣ хоҳанд монд ва барои тақвияти равобити Тоҷикистон бо тамоми кишварҳои дунё хизмат хоҳанд кард.

Имрӯз ҳамаи шумо огоҳед, ки соли сипаришуда ва якчанд соли пешин пур аз таҳаввулоту рӯйдодҳои ногаҳонӣ ва дигаргун шудани асосҳои қаблан хеле устувори низоми байналмилалӣ буданд. Сар задани алангаи нави мухолифату низоъҳо дар Шарқи Наздик ва минтақаҳои дигари дунё, густариши бесобиқаи терроризми байналмилалӣ ва ҷиноятқории муташаккил, муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва силоҳ, шиддат гирифтани проблемаҳои экологӣ ва хуруҷи бемориҳои наву басо хатарноки сироятқунанда, коҳиш ёфтани нуфузи ниҳодҳо ва асосҳои ҳуқуқи байналмилалӣ аҳамияти масъалаҳои марбут ба таъмини амнияти миллӣ ва минтақавиро ба маротиб зиёд мегардонанд.

Ҳамаи ин воқеияту рӯйдодҳо ҳақиқатеро таъкид менамоянд, ки мушкилоти аср ва таҳдидҳои нав ба тамаддуни башарӣ мунтазам афзоиш ёфта, амнияти давлатҳои хурду бузурги олам ва ҳатто тақдири тамоми аҳли башарро бо хатарҳои ҷиддӣ рӯ ба рӯ сохтаанд.

Ин ҳодисаҳо бори дигар исбот менамоданд, ки терроризм ва экстремизм, аз як ҷониб, чун вабои аср хатари глобалии ҷиддӣ буда, аз ҷониби дигар, аъмоли он гувоҳ аст, ки террорист ватан, миллат ва дину мазҳаб надорад, балки як таҳдиде ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ва ҷони ҳар як сокини сайёра аст.

саҳ. 8



# ПАЁМИ

## Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, 23 январи соли 2015

саҳ. 7

Ин зуҳуроти фалокатбор ҳеҷ умумияте бо дин, аз ҷумла бо дини мубини ислом надорад ва бо истифода аз номи ислом ба хотири ҳадафҳои сиёҳу ғаразноки сиёсӣ содир карда мешавад. Ман ин масъаларо дар чорабиниҳои сатҳи олӣ, аз ҷумла аз минбари баланди Созмони Милали Муттаҳид борҳо иброз дошта будам ва имрӯз бори дигар изҳор менамоям, ки номи поки исломро бо зуҳуроти даҳшатноку нафратовари терроризм олуда кардан иштибоҳи маҳз аст. Тамоюли торафт қувватгирифтаистодаи сиёсӣ намудани ислом фақат бар зарари он сурат гирифта, дар назди оламиён симои поки аҳли онро манфур намоиш медиҳад.

Имрӯз мо ниёз ба тақвияти ҳарчи бештари асли таҳаммулгарой дорем, ки мардуми мусулмонро чун мардуми мутамаддин ва фарҳангиву илмпарвар таҷассум намояд ва ҷиҳати ҳамкории ҳамаи нерӯҳои солими башарият хизмат кунад.

Бинобар ин, мо бояд тамоми васила ву воситаҳоро истифода кунем, ки эҳтироми ғояву андешаҳои солиму созанда ва таҳаммули фикри якдигар тамоюли асосии дунёи имрӯз гардад. Вале чунин ба назар мерасад, ки "сиёсати дугона", шиддати бесобиқаи мубориза и геосиёсӣ, бахусус барои дастёбӣ ба захираҳои ҳаётиву стратегӣ ва таъмини назорат аз болои минтақаҳои муҳими геостратегӣ падидаи аз ҳама хатарноки солҳои охир мебошад.

Мо чунин мешуморем, ки бо талоши якҷоя ва дастаҷамъона эмин нигоҳ доштани сайёра ва минтақаи мо аз ин офатҳо аз ҷумлаи вазифаҳои бетаъхир ва муҳимтарини давлатҳои миллӣ ва созмонҳои байналмилалист. Ин вазъ аз ҳамаи мо татбиқи сиёсати санҷидаву мутавозинро тақозо мекунад, то ки кишварҳои мо ба арсаи бесуботӣ табдил нагарданд. Аз ин рӯ, мо мисли пештара тамоми саъю талоши хешро ба харҷ хоҳем дод, то минтақаи мо қаламрави дӯстиву ҳамкорӣ ва ҳамёриву кӯмаки байниҳамдигарӣ бошад. Дар ин росто, такя ба тадбирҳои дастаҷамъӣ ва ҳамкории муассир бо шарикони стратегии санҷидаву боэътимод мисли пештара мазмуни асосии сиёсати хориҷии Тоҷикистонро ташкил хоҳад дод.

Робитаҳои муассир ва созанда бо созмонҳои байналмилалӣ, аз ҷумла ниҳодҳои бонуфузи молиявӣ, ки мо тӯли солҳои истиқлолият бо онҳо ҳамеша ҳамкориҳои судманд доштем, ба таври устувор идома хоҳанд ёфт. Дар ин чаҳорчӯба мо минбаъд низ бо роҳандозии густурдаи дипломатияи ҳамкорӣ дар соҳаи об нақши пешбарандаи Тоҷикистонро оид ба ин масъалаҳо дар арсаи байналмилалӣ тақвият хоҳем бахшид.

Бинобар ин, кишвари мо дар идомаи ташаббусҳои созандаи қаблӣ ният дорад, ки ба мақсади арзёбии фарогири раванди татбиқи Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои ҳаёт 2005-2015", ки бо ташаббуси Тоҷикистон роҳандозӣ шуда буд, имсол тибқи қарори нави Маҷмааи Умумии Созмони Милали Муттаҳид дар Душанбе конфронси байналмилалии сатҳи баландро доир намояд. Мақсад аз он баррасии мушкилоти глобалии нарасидани оби нӯшокӣ дар сайёра, андешидани чораҳои зарурӣ дар ҷавоби он, таъкиди зарурат ва талқини ғояи ҳамкории созанда дар ҳалли масъалаҳои марбут ба об буда, ба хотири рушди устувори кишварҳои минтақа ва ояндаи неки мардумони он доир карда мешавад.

Бо зикри ҳамаи ин афзалиятҳо ва самтҳои асосии сиёсати хориҷӣ мо набояд фаромӯш кунем, ки тақвияти минбаъдаи ҳамкориҳои муассир ва тавсеаи доираи онҳо бо кишварҳои ҳамсояи мо, аз ҷумла Афғонистон, дорои аҳамияти хоса мебошад.

Мантиқист, ки дар шароити ба вуҷуд омадани воқеияти нав, яъне баъди хуруҷи нерӯҳои эътилофӣ аз сарзамини ин кишвари дӯсту бародари мо робитаҳоямон бояд дар ҳамаи бахшҳо вусъати тоза пайдо намоянд, зеро тавре, ки медонем, масъалаҳои суботу амнияти Афғонистон ва вазъи эмину осоишта дар Осиёи Марказӣ бо якдигар сахт алоқамананданд. Ба таври хулоса, сиёсати хориҷии кишвар мисли анъана бояд бо дарназардошти манфиатҳои олии миллӣ татбиқ карда шавад, ки он, дар ниҳояти амр, ба пешрафту ободии сарзамини азизи мо ва мардуми шарифи он равона гаштааст.

***Мо бояд Ватани худро сидқан ва баробари ҷони хеш дӯст дорем, ватандӯсту меҳанпарасти воқеӣ бошем, шукронаи неъмати бузургтарин ва муқаддаси инсонӣ, яъне соҳибватанӣ ва озодиро ба ҷо орем, барои ҳимояи сарзамини аҷдодӣ ҳамеша омода бошем, ба хотири пешрафту ободии давлати соҳибистиқлоламон ва рӯзгори осудаву ороми ҳар як хонадони кишвари азизамон шабу рӯз заҳмат кашем.***

**МУҲТАРАМ АЪЗОИ МАҶЛИСИ МИЛЛӢ ВА ВАКИЛОНИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОН!**
**ҲАМВАТАНОНИ АЗИЗ!**

Вазифаҳое, ки дар Паёми имрӯза ба мақоми олии қонунгузори кишвар доир ба ҳалли масъалаҳои аввалиндараҷаи ҳаёти мамлакат, пеш аз ҳама, ноил шудан ба ҳадафҳои стратегӣ ва татбиқи афзалиятҳои миллӣ гузошта шуданд, танҳо бо такя ба нерӯи созандаи мардуми Тоҷикистон ва бо заҳмати содиқонаву софдилонаи онҳо амалӣ хоҳанд шуд. Дар маҷмӯъ, вазифаҳои соли ҷорӣ моро водор мекунанд, ки ҷиҳати дар сатҳи устувор нигоҳ доштани нишондиҳандаҳои иқтисодӣ, аз ҷумла тахти назорати доимӣ қарор додани вазъи молиявӣ, дастгирии молистеҳсолкунандагони ватанӣ, рушди соҳибкории хурду миёна, ташкили ҷойҳои нави корӣ, ҳарчи бештар таъмин кардани аҳолӣ бо молҳои ниёзи аввал, ҳалли саривақтии мушкилоти мардум, инчунин доир ба пешгирии таҳдиду хатарҳои ҷаҳони муосир чораҳои мушаххасу саривақтӣ андешем. Бовар дорам, ки мо якҷо бо халқи шарифу сарбаландамон имсол ва солҳои минбаъда низ ба хотири рушди босуботи иқтисодиву иҷтимоии давлатамон, таҳкими ваҳдати миллӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои зиндагии шоистаи халқамон ҷаҳду талоши бештар намуда, Тоҷикистони азизамонро дар арсаи олам ба таври сазовор муаррифӣ мекунем. Итминон дорам, ки вакилони Маҷлиси Олӣ, аъзои Ҳукумат, тамоми хизматчиёни давлатӣ, аҳли зиёи мамлакат, бонувони соҳибмаърифат, ҷавонони бонангу номус ва худшиносу ватандӯст, кормандони далеру ҷасури мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомӣ, соҳибкорони ҳимматбаланд, ҳамватанони бурунмарзиамон ва ҳар як фарди меҳандӯсти кишвар ба хотири ободии сарзамини аҷдодиамон, пешрафти давлати соҳибистиқлоламон, баланд бардоштани обрӯи он дар арсаи байналмилалӣ ва ҳимояи манфиатҳои миллату давлат бо дасту дилу нияти пок ва содиқонаву поквиҷдонона хизмат мекунанд ва бо ин амали неку созандаи хеш қарзи виҷдониву инсонии худро адо менамоянд. Яъне, ҳифзи содиқонаи манфиатҳои милливу давлатӣ, аз тамоми манфиатҳои дигар афзал донистани манофеи давлату миллат, саъю талоши пайваста ба хотири мустаҳкам намудани пояҳои давлати миллӣ, ҳифзи соҳибистиқлолии Ватан, суботи иҷтимоӣ, амнияти давлат ва ҷомеа, ваҳдати миллӣ ва иқтидори иқтисодии давлат вазифаи шаҳрвандӣ ва масъулияти фарзандии ҳар яки мову шумо - аъзои Ҳукумат, вакилони мардумӣ, роҳбарону масъулони идораҳо ва ташкилоту муассисаҳо, хизматчиёни давлатӣ ва умуман тамоми халқи Тоҷикистон мебошад.

Мо медонем, ки дар зиндагии ҷомеаи мо ва ҳаёти халқамон ҳанӯз мушкилоту масъалаҳои зиёди ҳалталаб мавҷуданд. Лекин ман ба азму иродаи мустаҳкам, нияти неку хиради азалии мардуми солору сарбаланди тоҷик итминони комил дорам ва дилпурона изҳор менамоям, ки ҳамаи мо дар солҳои наздик мушкилоти мавҷударо бартараф карда, Тоҷикистони маҳбубамонро ба як кишвари ободу пешрафта табдил медиҳем ва барои зиндагии шоистаи сокинон шароити мусоид фароҳам месозем. Мо бояд Ватани худро сидқан ва баробари ҷони хеш дӯст дорем, ватандӯсту меҳанпарасти воқеӣ бошем, шукронаи неъмати бузургтарин ва муқаддаси инсонӣ, яъне соҳибватанӣ ва озодиро ба ҷо орем, барои ҳимояи сарзамини аҷдодӣ ҳамеша омода бошем, ба хотири пешрафту ободии давлати соҳибистиқлоламон ва рӯзгори осудаву ороми ҳар як хонадони кишвари азизамон шабу рӯз заҳмат кашем.

Дар раванди созандагии Ватан ва таҳкими иқтидору обрӯи Тоҷикистони маҳбубамон ба тамоми мардуми шарифи кишвар ва ҳамаи шумо, ҳозирини гиромӣ, сиҳатмандӣ ва барору комёбиҳои рӯзафзун орзу менамоям.

**ҲАМЕША САЛОМАТУ САРБАЛАНД БОШЕД, ҲАМВАТАНОНИ АЗИЗ!**



# РОҲНАМОИ РУШДИ ЭНЕРГЕТИКА

**Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки таҳлили солонаи зинаҳои рушди Тоҷикистони соҳибистиқлол ва маҷмӯаи дастуру тавсияҳои муҳим бахри таъмини зиндагии шоиста барои мардуми кишвар мебошанд, барои кормандони соҳаи энергетика низ як барномаи муҳими танзими фаъолият ҳастанд.**



Ба ҳама маълум, ки рушди соҳаи энергетика проблемаи глобалист. Дар як худи минтақаи Осиёи Марказӣ, ки алҳол соле то 130 миллиард кВт.соат нерӯи барқ истеҳсол мешавад, аз рӯи маълумоти Бонки ҷаҳонӣ, дар ин минтақа баъд аз даҳ сол ба 180 миллиард кВт.соат ва баъд аз 15 сол ба 206 миллиард кВт.соат барқ эҳтиёҷ пайдо мегардад. Дар роҳи ҳалли ин масъала Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки захираи солонаи гидроэнергетикии он 527 миллиард киловатт.соатро ташкил медиҳад, метавонад нақши калонеро молик гардад. Аз ин захираи муътамад агар даҳ фоизаш ҳам мавриди истифода қарор бигирад, кишвари мо метавонад, ҳам аҳолӣ ва ҳам хоҷагии халқи худро пурра бо нерӯи барқ таъмин намояд ва ҳам соле то 20 миллиард киловатт.соат нерӯи баркро ба кишварҳои ҳамсоя интиқол диҳад.

Амалан, бо дастуру ҳидоятҳои Президенти Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон, имконият фароҳам омад, ки дар кишвари мо дар соҳаи энергетика иншооти зиёди муҳим ва хеле зарурӣ сохта, ба истифода дода шаванд. Пурра ба истифода додани Нерӯгоҳи барқи обии "Сангтӯда-1" ва "Сангтӯда-2" хатҳои интиқоли барқи баландшиддати "Ҷануб-Шимол", "Лолазор-Хатлон", "Хуҷанд-Айнӣ", "Сангтӯда - Лолазор", "Сангтӯда - НБО-и Сарбанд", таҷдид ва аз нав иваз намудани зеристгоҳҳо ба зеристгоҳҳои пуриқудрат, бунёди зиёда аз 300 нерӯгоҳҳои хурди барқи обӣ, таҷдид ва барқарорсозии нерӯгоҳҳо ва шабакаҳои барқӣ, ки дар панҷ-даҳ соли охир амалӣ гардиданд, ҳам соҳаро пойбар ҷо нигоҳ дошт ва ҳам иқтидору эътимоднокии таъминоти энергияи барқиро дар ҷумҳурӣ хеле беҳтар намуд.

Танҳо соли гузашта ба истифода додани навбати агрегати дуюми навбати якуми Маркази барқу гармидиҳии Душанбе-2, бунёди хати интиқоли барқи "ЗИ Душанбе-500- Маркази барқу гармидиҳии Душанбе-2"; навсозии Нерӯгоҳи барқи обии Норак, дар мисоли таҷдиди ОРУ - 500, таъмири чархҳои агрегатҳо ва дарбанди куррашакл; оғози бунёди ХИБ - Қайроққум-Ашт аз дастовардҳое буданд, ки энергетикҳои тоҷик ба онҳо ноил гардиданд. Умуман, дар даврони истиқлолият даҳҳо нерӯгоҳҳои хурду бузург ва Маркази барқу гармидиҳӣ бо иқтидори 1020 мегаватт сохта, ба истифода дода шудаанд, ки ин ба 24 фоизи иқтидорҳои аз замони шӯравӣ то имрӯз истифодашаванда баробар аст.

Бо вуҷуди ҳамаи ин, мо ҳанӯз ҳам дар давраи тирамоҳу зимистон наметавонем, ки мардуми кишвар ва хоҷагии халқи мамлакатро пурра бо барқ таъмин намоем.

Дар кишвари мо талабот ба нерӯи барқ сол то сол зиёд мешавад. Дар ин бора дар Паём қайд мегардад: "Имрӯз Тоҷикистон дар ҳоли рушд қарор дорад ва ин ҳолат масъалаи пайдо шудани истифодабарандагони нави нерӯи баркро ба миён мегузорад, ки таъмини онҳо бо нерӯи барқ вазифаи Ҳукумати мамлакат мебошад.Дар давраи истиқлолият шумораи аҳолии кишвар беш аз 65 фоиз афзоиш ёфта, садҳо ҳазор оилаҳои нав ба вуҷуд омаданд, садҳо ҳазор манзили истиқоматии нав бунёд шуданд. Фақат дар давоми солҳои 2013-2014, 2 миллиону 100 ҳазор метри мураббаъ манзил сохта, ба истифода дода шудааст. Илова бар ин, дар ин давра 17320 корхонаю коргоҳҳои нави истеҳсоливу хизматрасонӣ ба кор оғоз карданд, ки ин ҳама истеҳсоли нерӯи барқи иловагиро тақозо дорад".

Дар ин замина, кормандони соҳаи энергетика ҳама вақт ҷаҳду талош доранд, ки бо дарназардошти ин талаботи афзоянда ба пешбурди соҳа ноил гарданд ва ба рушди Тоҷикистони азиз мусоидат намоянд. Президенти кишвар ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ин масъаларо дар мадди аввал мегиранд. Бобати ноил гаштан ба таъминоти хубтару беҳтари мардум бо нерӯи барқ кормандони соҳа ба таҷдиду тармими иқтидорҳои мавҷуда ва таъмини кори пурсамару эътимоднокии онҳо низ аҳамияти калон медиҳанд.

Бо ироаи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми соҳаҳои хоҷагии халқи кишвар, аз ҷумла гидроэнергетика соҳиби дастуру раҳнамои нав гардид ва кормандони соҳаи энергетика мутобиқи он барои таъмини зиндагии шоистаи мардуми кишвар азму талош мехоҳанд.

**Рустам РАҲМАТЗОДА,**
*раиси ШСХК "Барқи Тоҷик"*

**Дар Паёми хеш Роҳбари давлат фаъолияти кулли соҳаҳои хоҷагии халқро дар соли рафта мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода, самтҳои асосии фаъолиятро дар соли равон муайян кард. Дар робита ба Паёми навбатии Сарвари давлат одамони касбу кори гуногун андешаҳояшонро чунин баён карданд.**

# АНДЕШАҲО ПИРОМУНИ ПАЁМ

**Раҷаббой АҲМАДЗОДА,
узви раёсати КИ ҲХДТ дар шаҳри Хуҷанд, раиси шаҳр:**

- Паёми Сарвари давлатро комилан дастуру ҳидояти нек ба корҳои созандагӣ ба хотири ободии Ватани маҳбубамон номидан мумкин аст.Тибқи вазифагузориҳое, ки аз Паём бармеояд, МИҲД шаҳри Хуҷанд ки дар соли 2015 корҳои созандагиву ободониро ривоҷ дода, диққати асосиро пеш аз ҳама ба таъмини аҳолии бекор бо ҷои кор тавассути таъсиси корхонаҳои нав, хусусан коркарди ниҳоии пахта равона хоҳад кард. Ният дорем, соли равон 2000 ҷойҳои нави корӣ таъсис диҳем.

Тавре Ҷаноби Олӣ дастур доданд, мо бояд тамоми чораҳоро андешем, то ки то соли 2019-ум дар соҳаи ҳаётан муҳим- маориф ягон муаммову мушкилот намонад. Мутобиқ ба талаботи айём сохтмони синфхонаҳои наву иловагӣ дар мактабҳои шаҳр, хусусан бо дарназардошти норасоии муассисаҳои томактабӣ сохтмони боғчаҳои замонавиро бо ҷалби соҳибкорон ба нақша гирифтем. Бо вуҷуди он ки соли рафта барои 120 ҷой кӯдакистони замонавии "Раҳнамо" дар назди мактаби хусусии "Иршод" сохта ба истифода дода шуд, ё ин ки баъди таъмиру барқарорсозии кӯдакистонҳои аз фаъолият бозмонда боз 250 нафар кӯдак ба тарбия фаро гирифта шуд, тибқи дастури Роҳбари давлат 2 гектар замин барои сохтмони боғчаи нав ҷудо кардем.

Ҳамчун раиси шаҳр соли равон дар қабули шаҳрвандон усули нав ҷорӣ кардем. Яъне, ки ба ҷуз дар МИҲД гӯш кардани арзи шаҳрвандон натиҷаи онро дар маҳалли зисташон санҷем. Соли гузашта 6055 муроҷиат ба роҳбарияти шаҳр ба қайд гирифта, нисбати ҳалли мушкилоти сокинон чораҳои амиқ андешида шуда бошанд ҳам, имсол бо усули нав қабули шаҳрвандонро идома хоҳем дод.

**Санавбар ҒУЛОМОВА,
нафақахӯр, шаҳри Қӯрғонтеппа:**

- Дар соли ҷорӣ баланд бардоштани нафақа бароям хеле паёми нек буд ва онро хуш пазируфтам. Хушбахтона, баъди тамошои Паёми навбатӣ ба хулосае омадам, ки Тоҷикистони азизи мо рӯз аз рӯз ба қуллаҳои баланди тараққиёт расида истодааст. Ин ҳам бошад, албатта, аз кӯшишҳову заҳматҳои Сарвари давлатамон шаҳодат медиҳад. Мо низ хоҳони онем, ки бигзор Тоҷикистони азизи мо ба дигар давлатҳои тараққиёфтаи ҷаҳон баробар гардаду мардуми шарафмандаш ҳамеша сарбаланду хонаобод бошанд.

**Саъбагул ВАЛИЕВА, раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Кӯлоб:**

- Дар Паёми имсола дар баробари таълим масъалаҳои марбут ба тарбияи наврасону ҷавонон ва дар рӯҳияи ватандӯстиву инсонпарварӣ ва худогоҳиву худшиносӣ ба воя расонидани онҳо ниҳоят муҳим арзёбӣ гардид.

Масъалаҳои таҳкими робита миёни ҷомеа, муассисаи таълимӣ ва падару модарон тавассути як қатор қонунҳо, аз ҷумла Қонун "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд" ба танзим даровarда шудаанд, вале то ба ҳол механизми дурусти татбиқи он муайян нагардидааст. Бинобар ин, Сарвари давлат дастур доданд, ки ҷиҳати ба роҳ мондани назорати иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд" ва ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти дахлдор дар назди Дастгоҳи иҷроияи Президенти кишвар воҳиди нави сохторӣ таъсис дода шавад.

Яке аз бахшҳои умдаи Паёми имсола ро нақши занон ва ҷавонон ҳамчун нерӯи пешбарандаи ҷомеа ташкил дод ва тазаккур дода шуд, ки ташаббусҳои онҳо аз ҷониби Ҳукумати кишвар ҳамеша дастгирӣ ёфта, занону ҷавонон ба корҳои роҳбарӣ дар ҳамаи шохаҳои ҳокимият ва сохтору мақомоти давлатӣ ҷалб карда мешаванд.

Дар Паём вобаста ба масъалаи маърифати оиладорӣ гуфта шуд, ки баланд бардоштани масъулияти падару модарон дар таълиму тарбияи фарзанд, омода кардани фарзандон ба ҳаёти мустақилона ва пойдории оила, аз ҷумлаи проблемаҳое мебошанд, ки диққати доимии тамоми мақомоти давлатӣ, муассисаҳои таҳсилотӣ ва кулли аъзои ҷомеаро тақозо мекунад. Бо дарназардошти ин, аз ҷониби Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пешниҳод шуд, ки соли 2015 дар кишвар "Соли оила" эълон карда шавад.

**Зулфия НАҶМИДДИНОВА,
омӯзгор, шаҳри Қӯрғонтеппа:**

- Аз суханрониҳои Сарвари давлат дар Паёми навбатӣ ба худ гизои маънавӣ гирифтам. Муҳтарам Ҷаноби Олӣ дар рафти суханрониҳоашон дуруст қайд намуданд, ки омӯзгор дар раванди таълиму тарбия ҳуқуқи хато карданро надорад, зеро тақдири насли ояндасоз ба пешбарандаи давлату ҷомеа дар дасти ӯст. Яъне омӯзгор дар раванди таълиму тарбия баробари падару модар ва шахсоне, ки онҳоро иваз мекунад, нақши асосӣ дорад ва ҳамчун роҳнамои маънавӣ барои ба камол расонидани насли шоистаи даврон масъул аст. Мо аз суханрониҳову ғамхориҳои Сарвари давлат мамлакат нисбат ба занону омӯзгорон илҳом гирифта, дар оянда бахри боз ҳам ободу зебо гардидани Тоҷикистони азиз, таълиму тарбияи насли ҷавон, баланд бардоштани савияи дониши онҳо ва дар амал татбиқ гардидани Паём саҳми арзандаи худро хоҳем гузошт.

**Қурбонмурод УСМОНОВ,
роҳбари ташкилоти ибтидоии ҲХДТ дар Идораи давлатии беҳдошти замин ва обёрии ноҳияи Панҷакент:**

- Тавре дар Паёми худ Роҳбари давлат зикр карданд, "Дар 5 соли охир масоҳати боғу токзор қариб 20 фоиз зиёд ва кишти сабзавот 30 фоиз, ҳаҷми истеҳсоли мева ва сабзавот 50 фоиз зиёд гардида, тамоми афзоиши ҳаҷми истеҳсоли дигар маҳсулоти кишоварзӣ низ ба назар мерасад. Танҳо дар натиҷаи амалисозии Барномаи давлатӣ оид ба бунёди боғу токзорҳо беш аз 54 ҳазор гектар боғҳои нав бунёд карда шуданд".

Бо шарофати андешидани чораҳои мушаххас нисбати таъсиси 23 Ассотсиатсияи истифодабарандагони об ба мо муяссар гардид, ки на танҳо дар самти самаранок истифода шудани оби полезӣ, ҳамчунин дар пардохти саривақтии ҳаққи хизмати обрасонӣ ноил шавем. Мо имрӯз бо камоли боварӣ гуфта метавонем, ки ҳаққи хизматрасонии обро ба пуррагӣ рӯёнида, корро дар самти таъмиру тармими пойгоҳҳои обкашӣ, тоза намудани каналу заҳбурҳо вусъат бахшида истодаем.

Ҳамзамон дастури Ҷаноби Олӣ "...ҷиҳати иҷрои пурраву саривақтии барномаҳои қабулнамудаи Ҳукумати Тоҷикистон доир ба соҳаи кишоварзӣ, аз ҷумла масъалаҳои баланд бардоштани маданияти истифодаи замин, дуруст ба роҳ мондани фаъолияти соҳаҳои тухмипарварӣ, зотпарварӣ, картошкапарварӣ ва азхудкунии заминҳои нав чораҷӯӣ карда шавад" мо барномаи махсуси корӣ таҳия намуда, хусусан саривақт ва ба миқдори зарурӣ барои таъмин будани заминҳои нав азхудшаванда бо об чораҳо хоҳем андешид.

*Дар Паёми имсолаи Сарвари давлат ба парлумони кишвар ду масъалаи бо ҳам дар робитаи зич қарордошта махсус таъкид гардид. Аз таҷрибаи ҷаҳонӣ ва хоса таърихи адабиёти кишвар маълум аст, ки фарҳангу ҳунар барои тарбияи ҷомеа ва махсусан насли наврас хидмат мекунад. Бо рушди техникаву технологияи муосир намудҳои нисбатан нави пуртаъсири театр ва кино аҳамияти муҳим пайдо кардааст. Дар хусуси тарбияи насли наврас, пешгирии ҷавонон аз гурӯҳҳои ифротгаро Президенти кишвар хеле бамаврид таъкид менамояд: "Баробари таълим масъалаҳои тарбияи наврасону ҷавонон ва дар рӯҳияи ватандӯстиву инсонпарварӣ ва худогоҳиву худшиносӣ ба воя расонидани онҳо ниҳоят муҳим мебошад. Бо дарназардошти вазъи ҳассосу печидаи ҷаҳони муосир олимону донишмандони мамлакат бояд ба масъалаҳои тавсеаи мафкураи миллӣ, таҳкими давлатдорӣ ва рушди иҷтимоиву сиёсии ҷомеа, иттиҳоди нерӯҳои созандаи кишвар ва ҳифзи манфиатҳои стратегии Тоҷикистон, мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм, хурофотпарастиву ифротгароӣ, инчунин таҳқиқи масоили демократикунонии ҳаёти иҷтимоиву сиёсии Тоҷикистон эътибори аввалиндараҷа диҳанд". Дар тарбияи насли наврас бошад, нақши фарҳангу адабиёт калон аст. Аз ин рӯ, Президенти кишвар вазифаҳои ин бахши муҳимро муайян карда, хотиррасон мекунад, ки Ҳукумати кишвар ба инкишофи бонизоми фарҳанг, боло бурдани фарҳанги ҷомеа, эҳтиром ба арзишҳои милливу фарҳангӣ, эҳёи анъанаву ҳунарҳои мардумӣ, рушди санъату мусиқӣ ва театр таваҷҷуҳи хос зоҳир менамояд.*

# РУШДИ КИНО ИҚДОМИ ҶИДДӢ МЕТАЛАБАД

**МАВРИДИ** зикр аст, ки оид ба рушди минбаъдаи кинои тоҷик ҳама паҳлуҳои масъала ба таври хеле фарогир иброз гардидааст: "Дар ин росто, кинои тоҷик ба рушди ҷиддӣ ниёз дошта, филмҳои ҳозиразамони мустанаду бадеӣ, ки гузаштаву имрӯзро воқеъбинона инъикос намоянд, масъалаҳои муҳими ҳаёти ҷомеаро тасвир созанд ва ахлоқи ҳамидаву анъанаҳои неки халқамонро тарғиб кунанд, кам ба назар мерасанд".

Сарвари давлат дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Тоҷикистон дар хусуси рушди ҳунар ва хоса кино вазифаҳои мушаххас мегузорад: "Дар баробари ин, Ҳукумати мамлакат вазифадор карда мешавад, ки ҷиҳати инкишофи ин санъати муҳим иҷрои барномаи давлатии рушди кинои тоҷикро таҳлил карда, минбаъд ҳамасола барои эҷоду наворбардории филмҳои нав ва тайёр кардани мутахассисони соҳа маблағҳои махсус пешбинӣ намояд. Илова бар ин, доир ба ҳалли саривақтии масоилу мушкилоти соҳа ва рушди он, интихобу ҷобаҷогузории барномаҳо зарур аст, ки аз ҳисоби намояндагони мақомоти дахлдор ва мутахассисон комиссияи давлатӣ таъсис дода шавад". Дар ин росто, мебояд, ки маҳз тавассути реҷаҳои кори муассисаҳои бахши кино ва нақшаҳои фардии эҷодкорон барномаҳои мушаххасе тарҳрезӣ шаванд.

Тавре Сарвари давлат дар Паём зикр менамояд, "Вазорати фарҳанг, Кумитаи телевизион ва радио ва иттифоқҳои эҷодӣ вазифадор карда мешаванд, ки бо мақсади таблиғи ғояҳои миллӣ, тарбияи зебоипарастӣ ва ҳифзи мероси таърихиву фарҳангӣ ҷиҳати таҳияи асарҳои нави саҳнавӣ ва филмномаҳои таърихӣ чораҳои зарурӣ андешанд".

Мутаассифона, бисёр ҳолатҳое ба назар мерасад, ки таваҷҷӯхи шахсии режиссёр авлавият пайдо карда, манфиатҳои умумии давлатиро сарфи назар менамоянд. Бинобар ин, дар чунин марҳилаи муҳим, тибқи таъиноти Сарвари давлат, мебояд, ки супоришҳои давлатӣ барои барномасозии кино аз нав ҷорӣ карда шавад. Дар ин маврид ҳадаф ба вуҷуд овардани асари сазовори замон мебошад. Барои чунин асарҳо бевосита маблағгузории ҳадафнок сурат гирифта, режиссёрҳо, рассомон сенариянависон ва ҳунармандон барои офаридани асарҳои гаронмояи барои давлат ва халқ зарур ҳавасманд карда шаванд.

Аслан, дар пайи шикастҳои солҳои 90-ум аксари мутахассисони кино аз ҷумҳурӣ баромада рафтанд, калонсолон дунёро тарк намуданд, насли нави киносозон омода карда нашуданд. Дар ин байн дастгоҳҳои кино ҳам кӯҳна шуда, технологияи ҷадид ба миён омад. Ва муддате истеҳсоли серхарҷи кино ғайриимкон гашт. Чанд соли охир кӯшиши эҳёи кинои тоҷик ба назар мерасад, вале имрӯз ин кор хеле мушкил гардида, тадбирҳои пурвусъатро тақозо менамояд.

Мебояд, ки эҷодкорони асили соҳа заргарона ҷамъоварӣ шаванд. Солҳои 90-ум, вақте ки ҳоло мутахассисони соҳа зиёд буданд, як сабаби инқирози кино дар таъминоти нокифояи молиявии он буд. Ҳама режиссёрҳои кино як матлаб доштанд: барои таҳияи сабуктарин филми ҳунарӣ низ камаш як миллион доллар лозим аст. Вақте сари ин масъала бо мутахассисони дигар кишварҳо баҳс мекардем, аксаран инро дастгирӣ мекарданд ва мегуфтанд, ки дар ҷашнвораҳои байналмилалӣ ҳатто кам будани буҷаи филмро айб меҳисобанд. Хушбахтона, дар ин байн технологияи ҷадиди сохтори "Дижитал", яъне дастгоҳҳои нави сабти видео ба вуҷуд омада, ҷойи наворҳои хеле гаронбаҳои кинoро гирифт ва ҷавонони боҳунар видеофилмҳои камхарҷе таҳия карданд. Вале теъдоди онҳо низ кам буданд ва солҳои охир боз ҳам камтар шудаанд. Махсусан, режиссёрҳо ва сенариянависони ҳирфаӣ каманд.

Бинобар ин, нахуст, барои рушди соҳа мутахассис лозим, барои таъмини мутахассисон, мебояд, ки бо истифода аз имконоти техникию биноҳои махсусгардонидашудаи киностудияи "Тоҷикфилм" якбора чанд студияи таълимӣ оид ба санъати таҳиягарӣ, наворбардорӣ, коргарони техникии соҳа таъсис дода шавад, то дар муддати кӯтоҳе соҳа бо кадрҳои зарурӣ таъмин шавад. Ин иқдом бояд бо таълими ихтисосҳои мазкур дар донишкадаҳои ҳунар - Донишкадаи давлатии санъати ба номи М.Турсунзода, Консерваторияи миллӣ (бахши мусиқӣ), Донишкадаи рассомӣ ва дизайн идома ёбад. Алъон дар Донишкадаи санъат баробари ихтисосҳои режиссёри кино ва курсҳои олии режиссёрӣ инчунин таъсис додани курсҳои олии дусолаи драмнависон ва сенарияи кино ба мақсад мувофиқ аст. Умуман, рушди минбаъдаи санъати кино таҷдиди куллиро даор ҳама соҳаҳои марбути он талаб менамояд.

**Ҷумъа ҚУДДУС**



# Таҳкими минбаъдаи мақомоти судӣ

**Дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дастовардҳои иқтисодӣ-иҷтимоии кишварро зикр намуда, самтҳои асосии вазифаҳои минбаъдаи ҷомеаро муайян карданд. Ҳукумати Тоҷикистон бо дарназардошти таҳдиду хатарҳои торафт афзояндаи глобаливу минтақавӣ ва бо мақсади пайгирӣ намудани вазифаҳои муайяншуда мунтазам чораҷӯӣ мекунад. Дар ин робита яке аз омилҳои муҳим сохтори густурда ва фаъолияти шаффофи судӣ мебошад.**



**АЗ** ҷумла, пешниҳоди Президенти кишвар ба таълиму тарбияи насли наврас робита дошта, бо мақсади таъмини ҳифзи кӯдак дар ҷумҳурӣ таъсис додани институти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак иқдоми басо муҳим мебошад.

Тавре медонем, дар давоми солҳои охир барномаи муҳими ислоҳоти судӣ - ҳуқуқӣ аз ҷониби ҳукумат татбиқ шуд. Сарвари давлат бори дигар таъкид намуданд, ки "тақвияти фаъолияти ҳокимияти судӣ яке аз самтҳои асосии сиёсати давлатӣ мебошад, зеро фаъолияти суд бо инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ пайванди ногусастанӣ дорад ва бо мақсади таҳкими минбаъдаи ҳокимияти судӣ 5-уми январи соли 2015 бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Барномаи нави ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2017 тасдиқ гардид. Татбиқи барномаи мазкур барои боз ҳам устувор шудани сохтори мақомоти судӣ ва пешрафту пурсамар гардидани фаъолияти онҳо, таҳкими ҳамкории мақомоти судӣ бо дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ҳамчунин ҷиҳати иҷрои санадҳои судӣ такони ҷиддӣ хоҳад бахшид".

Ҷаноби Олӣ бо боварӣ ба кормандони соҳа чунин изҳор намуданд: "Итминон дорем, ки роҳбарият ва кормандони Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ, Шӯрои адлия ва Прокуратураи генералӣ бо дарки масъулияти баланди касбӣ ҷиҳати амалисозии адолати судӣ, таъмини волоияти қонун ва гузашта аз ин, дар роҳи ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсону шаҳрванд ва ташкилотҳо тамоми чораҳои заруриро меандешанд".

Ин боварӣ масъулияти ҳар як корманди соҳаро бештар менамояд. Махсусан, шодиовар аст, ки бо саъю талоши Сарвари давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон зиндагии сокинони ҷумҳурӣ сол то сол беҳтар мешавад дар навбати худ мо низ бояд бо меҳнати фаъолонаи худ барои рушди минбаъдаи кишвар саҳми босазо гузорем.

**Мафтуна МУЗАФФАРОВА,**
*судяи Суди ноҳияи Синои ш.Душанбе*

# Сатҳи некӯаҳволӣ баланд мешавад

**ПАЁМИ** навбатии Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар кумитаи иҷроия якҷоя бо кормандони дастгоҳи корӣ тамошо карда, ба чунин хулоса омадам, ки ин навбат ба боло бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардум эътибори калон дода шудааст.

Ин бешак, як ғамхории калони Ҳукумати Ҷумҳурӣ дар ҳаққи табақаи ниёзманди ҷомеа аст, ки аз сиёсати хирадмандонаи Роҳбари давлат бармеояд.

Боиси хурсандӣ аст, ки дар Паёми навбатӣ ҷиҳати тақвият бахшидани дӯстиву рафоқат байни сокинон, хусусан дар он минтақаҳое, ки халқияту миллатҳои гуногун умр ба сар мебаранд ва бо ҳамсоякишварҳо дастуру ҳидоятҳои созанда додаанд.

"Муҳтаво ва ҳадафҳои сиёсати дарҳои кушода, ки бо амалӣ намудани он сарзамини мо сафи дӯстони худро пайваста зиёд намудааст, ҳамоно мисли пештара боқӣ хоҳад монд ва барои тақвияти равобити Тоҷикистон бо тамоми кишварҳои дунё хизмат хоҳад кард",- гуфта мешавад дар Паём.

Дар ноҳияи мо тоҷикону ӯзбекон, қирғизҳову тоторҳо ва русҳо дӯстона кору зиндагӣ мекунанд. Хусусан, ки мо бо ҷумҳурии Қирғизистон ҳамсарҳад ҳастем, дар якҷоягӣ бо МИҲД ноҳия ва ҷамъияти қирғизҳои ноҳия оиди мустаҳкам намудани дӯстӣ ва ривоҷи ҳамкориҳо чораву тадбирҳои мушаххас меандешем.

**Мавлонкул БОЙТЕМИРОВ,**
*раиси кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Ҷ.Расулов*

# МАҶЛИСИ ВАСЕИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***23 январи соли равон, нимаи дуюми рӯз таҳти раёсати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Ҳукумати кишвар Эмомалӣ Раҳмон маҷлиси васеи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар дар соли 2014 ва вазифаҳои асосӣ барои соли 2015 баргузор шуд.***

**МАҶЛИСИ** васеи ҷамъбастӣ бо иштироки роҳбарият ва аъзои Ҳукумати кишвар, роҳбарони идораҳои назди Президент ва Ҳукумати кишвар, дигар мақомоти марказӣ, воҳидҳои сохтории Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, корхонаю муассисаҳои ҷумҳуриявӣ, раисони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо, роҳбарони муассисаҳои олии таълимӣ, марказҳои татбиқи лоиҳаҳои инвеститсионӣ, бонкҳои саҳҳомӣ, рӯзномаю маҷаллаҳои расмӣ ва дигар шахсони масъул ҷараён гирифт.

Дар оғози маҷлис ҳисоботи Сарвазири кишвар Қоҳир Расулзода, вазири молия Абдусалом Қурбонов, раиси Кумитаи андоз Нусратулло Давлатзода, сардори Хадамоти гумрук Рустами Эмомалӣ, директори Агентии нафақа ва суғуртаи иҷтимоӣ Сафаралӣ Наҷмиддинов шунида шуд.

Зимни ин ҳисоботҳо ва пурсишу посухҳо таваҷҷуҳи асосӣ ба роҳҳои коҳиш додани таъсири манфии омилҳои берунӣ ба иқтисоди Тоҷикистон, афзун намудани истеҳсолоти ватанӣ ва иқтидори содиротӣ, муҳайёсозии ҷойҳои корӣ, иҷрои пурра ва босифати қисми даромади буҷети давлатӣ, сарфакорона ба роҳ мондани хароҷоти маблағҳои буҷетӣ ва кам кардани хароҷоти дуюмдараҷа зоҳир карда шуд. Дар айни ҳол таъкид гардид, ки соҳаҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла маошу нафақа ва стипендияҳо имсол зиёдшаванда бояд пурра ва сариваќт маблағгузорӣ шавад.

Дастур дода шуд, ки корҳо барои муайян ва бекор намудани нафақаҳои бо роҳҳои қалбакӣ таъингардида идома дода шавад. Чунонки зикр гардид, то имрӯз 5600 нафақаи ғайриқонунӣ таъингардида бекор карда шудааст.

Сипас вазири саноат ва технологияҳои нав Шавкат Бобозода, вазири энергетика ва захираҳои об Усмоналӣ Усмонзода, раиси ширкати "Барқи тоҷик" Рустам Раҳматзода, роҳбари ширкати "Помир энерҷи" Далер Ҷумаев, роҳбарони марказҳои татбиқи лоиҳаҳои инвеститсионӣ дар соҳаи энергетика ва Директори ҷамъияти саҳҳомии Нерӯгоҳи барқии обии Роғун Хайрулло Сафаров ҳисобот доданд.

Дар маҷлиси васеи Ҳукумати кишвар ҳамчунин вазири кишоварзӣ Қосим Роҳбар, раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон Ҷамшед Шодихон, раиси шаҳри Хоруғ Қиматгул Алибердиева, раиси вилояти Суғд Абдураҳмон Қодирӣ ва раиси вилояти Хатлон Давлатшоҳ Гулмаҳмадзода ҳисобот доданд.

Дар охир Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон сухан ронда, вазифаҳои аввалиндараҷа ва ҳалталаби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро барои соли 2014 мушаххас намуд.

Бори дигар таъкид гардид, ки барои коҳиш додани таъсири омилҳои манфии беруна ба ҳаёти сиёсию фарҳангӣ ва иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистони азиз ва таъмини рушди босубот бонизоми сарзамини аҷдодӣ аз тамоми имкону захираҳои мавҷуда ва нерӯи бузурги мардуми шарифи кишвар пурсамар истифода бояд бурд.



**24 январи соли 2015 тибқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон №329 аз 19 январи соли 2015 "Дар бораи даъвати иҷлосияи ғайринавбатии Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум" таҳти раёсати Маҳмадсаид Убайдуллоев иҷлосияи ғайринавбатии Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум баргузор гардид, ки дар он аъзои Маҷлиси миллӣ бо интихоби котибот ба баррасии 2 масъалаи дар он шомилгардида, шуруъ намуданд.**

# ИҶЛОСИЯИ ҒАЙРИНАВБАТИИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МО ҶТ

Дар иҷлосия аъзои Маҷлиси миллӣ пешниҳодоти Президенти мамлакатро дар бораи додани ризоият барои аз вазифаи Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Салимзода Шерхони Одина ва ба ин вазифа таъин намудани Раҳмонов Юсуф Ахмедович, ҷонибдорӣ намуданд.

Маҳмадсаид Убайдуллоев нисбати фаъолияти анҷомдодаи Салимзода Шерхони Одина ба ҳайси Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳамкориҳои мутақобила дар самти назорати риояи якмароми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, таъмини волояти қонун ва таҳкими фазои ҳуқуқии кишвар аз номи Маҷлиси миллӣ изҳори миннатдорӣ карда, дар фаъолияти минбаъдаи мавсуф ва Прокурори нави генералии кишвар барору комёбиҳо орзу намуд.

Дар фарҷом Маҳмадсаид Убайдуллоев аз аъзои Маҷлиси миллӣ ва кулли иштирокчиёни иҷлосия даъват ба миён овард, ки дар татбиқи нишондодҳои Паёми ироагардидаи Президенти мамлакат ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон беш аз ҳарваќта бахри фароҳам овардани шароитҳои арзанда барои инкишофи озодонаи аҳли ҷомеа тадбирҳои муассир андешанд.

Дар робита ба ризоияти Маҷлиси Миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи аз вазифаи Прокурори Генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон рафтани Салимзода Шерхони Одина ва ба ин вазифа таин шудани Раҳмонов Юсуф Ахмедович фармонҳои дахлдори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба тасвиб расидааст.

**«МХ»**

# КМИР номзадҳои ҲХДТ-ро ба қайд гирифт

Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон (КМИР), 21 январи соли равон, ҷаласаи навбатии худро баргузор намуда, номзадҳои пешбаринамудаи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон (ҲХДТ)-ро расман ба қайд гирифт.

Ҷаласаи мазкур таҳти роҳбарии Шермуҳаммади Шоҳиён, раиси КМИР баргузор гардид, ки дар он масъалаҳои бақайдгирии рӯйхати номзадҳо дар ҳавзаи ягонаи умумиҷумҳуриявии интихобот тибқи пешниҳоди ҳизбҳои сиёсӣ ва шахсони боэътимоди онҳо мавриди баррасӣ қарор гирифт. Дар ин ҷаласа Саидмурод Фаттоҳзода, муовини аввали раиси ҲХДТ низ ширкат дошт.

Қайд карда шуд, ки рӯзи 18 декабри соли 2014, Қарори Анҷуман, Протокол ва рӯйхати 28 нафар номзадҳои ҲХДТ ба вакилии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ ба ҳавзаи ягонаи умумиҷумҳуриявии интихобот ба КМИР пешниҳод карда шуд. КМИР тибқи талаботи моддаи 31-и Қонуни конститутсионии зикршуда, ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи ҲХДТ-ро дида баромада, бо Қарори худ аз 22 декабри соли 2014 рӯйхати 28 нафар номзади ҳизбро тасдиқ кард.

Тибқи талаботи моддаи 35 Қонуни конститутсионии зикршуда КМИР ба талаботи ин қонун мувофиқат доштани тартиби пешбарии номзадҳо ва ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи номзадҳоро мавриди омӯзиш қарор дод. Муайян карда шуд, ки ҳангоми пешбарии рӯйхати номзадҳо талаботи қонунгузории интихоботӣ риоя гардида, ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда низ ба талаботи қонун ҷавобгӯ мебошанд.

Ҳамзамон дар асоси талаботи "Дастурамал оид ба муайян намудани сатҳи донистани забони давлатӣ" аз ҷониби КМИР бо



ҷалби мутахассисони соҳаи забони давлатӣ нисбат ба 27 нафар номзадҳои ҲХДТ санҷиши донистани забони давлатӣ баргузор гардида, муайян карда шуд, ки ҳамаи номзадҳо забони давлатиро дар сатҳи зарурӣ медонанд ва дар ин хусус хулоса тартиб дода шуда, бо Қарори КМИР аз 5-уми январи соли равон тасдиқ карда шудааст.

Дар ҷаласаи мазкур зикр гардид, ки ҲХДТ ба ҳар як номзад 4 ҳазор сомонӣ, дар маҷмӯъ 108 ҳазор сомонӣ маблағи гарави интихоботиро ба суратҳисоби КМИР пардохт намудааст.

Ҳамчунин қайд карда шуд, ки тибқи талаботи моддаи 35-и Қонуни конститутсионии зикршуда, аз ҷониби КМИР ба Сармаркази иттилоотӣ-таҳлилии ВКД ҶТ дар бораи муайян кардани доғи судӣ доштан ё надоштани номзадҳо, ҳамчунин ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шудан ё маҳкум шудани онҳо мактуби расмӣ ирсол карда шуд. Тибқи маълумоти расмии ВКД ҶТ номзадҳои пешбаришудаи ҲХДТ доғи судӣ надоранд, маҳкум нашудаанд ва ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида нашудаанд. Аз ҷониби ҲХДТ рӯйхати 212 нафар шахсони боэътимод ба КМИР пешниҳод карда шудааст.

Дар ин ҷаласа зикр гардид, ки Анҷумани ҲХДТ номзадии 28 нафар аъзои ҳизбро ба вакилии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ аз ҳавзаи ягонаи умумиҷумҳуриявӣ пешбарӣ карда буд. Аммо бинобар сабаби ба вазифаи дигар таъйин шудани як нафар номзади пешбаришуда, ҲХДТ ба КМИР бо мактуби хаттӣ муроҷиат намуда, хоҳиш намудааст, ки номзадии як нафар ба қайд гирифта нашавад. Бинобар ин, пешниҳод карда мешавад, ки номзадии Қаноатшо Лоиқов-иҷрокунандаи вазифаи раиси ноҳияи Рашт аз рӯйхати ҲХДТ хориҷ карда шавад.

Дар интиҳои ҷаласа Шермуҳаммади Шоҳиён афзуд: "Ҳуҷҷатҳои пешниҳодкардаи ҲХДТ-ро мавриди омӯзиши ҳамаҷониба қарор дода, ба хулоса омадаанд, ки рӯйхати 27 нафар номзад аз ҲХДТ дар ҳавзаи ягонаи умумиҷумҳуриявии интихобот оид ба интихоботи вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ ва шахсони боэътимоди онҳо ба қайд гирифта шаванд". Ҳамин тариқ, қарор дар мавриди бақайдгирии номзадҳои ҲХДТ аз ҷониби аъзои КМИР якдилона қабул карда шуд.

**Ибодуллоҳи ТОҲИР**

Минбари халқ
28 январи соли 2015,
№5 (984)

# Мулло Абдураҳим: АГАР МАН РАИСИ ҲИЗБИ НАҲЗАТ МЕШУДАМ...

*(Аввалаш дар шумораи гузашта)*



**- Шабохун дар нуқтаи сарҳадии 12 тахти сарварии Шумо сурат гирифта буд. Он аз ҷониби кӣ ва чӣ гуна тарҳрезӣ шуд?**

- Ин мавзӯест, ки мехостам сари он баёни андеша кунам. Дуруст аст, ки ман қумандони минтақаи сарҳадӣ аз Дарвоз то Фархор будам. Ҳеҷ амалиёте дар ин минтақа бе мувофиқа бо ман сурат намегирифт. Мо масъулият доштем, фаъолияти мо тахти муроқибат қарор дошт, низомиёни хориҷӣ таълим медоданд. Мо худро аскари ислом меҳисобидем. Фикр мекардем, ки амаламон дар заминаи фармудаи Худованд, аз рӯйи Қуръон сурат мегирад. Мо бовар доштем, ки дар роҳи ҳақ қарор дорем.

Баъд дарк кардем, ки бозичае беш нестем. Сарнавиштамон дар дасти онҳое буд, ки аз зери парда моро раҳнамоӣ мекарданд. Замоне асли масъаларо дарк кардем, ки аллакай дер шуда буд.

**- Мо аз савол дур афтодем. Омодагӣ барои хуҷум ба нуқтаи сарҳадӣ кай ва чӣ гуна сурат гирифт?**

- Омодагӣ барои задани Кӯлоб барвақт сурат гирифта буд. Ҳатто хуҷум ҳам оварда будем. Азбаски сари задани Кӯлоб ба ман эътимод набуд, ба ин амалиёт қумандони дигар бо номи Ҳаким ҷалб гашт. Ӯ бисёр ҷасур ва бомаҳорат буд. Агар дар ёд дошта бошед, Тавилдараро як муддат тахти назорат гирифта буд. Баъдан, зери фишори қувваҳои ҳукуматӣ ба Афғонистон ақибнишинӣ кард. Дар Афғонистон ба ӯ унвони Фотеҳ дода буданд. Ӯ бо супориши роҳбарияти наҳзат бо дастаи беш аз 200 нафара аз сарҳад, дар қисмати Зардолуҳак ва Офтобзамин вориди Тоҷикистон шуда, барои задани Кӯлоб омодагӣ мегирад. Ман аз ҷониби роҳбарият дастур гирифта будам, ки ба ӯ халал нарасонам. Қариб ду- се моҳ дар он ҷо буд. Кӯлобро зада натавонист. Абдуллоҳи Нурӣ даъват карда пурсид, ки чӣ гап аст, магар ба ту Мулло Абдураҳим халал мерасонад? Ӯ дар ҷавоб гуфт, ки халал намерасонад, аммо аз чӣ бошад, ки ин амалиётро пеш бурда наметавонад. Қисме аз аскарҳояш ҷинвара шуданд. Оқибат ӯ ба Афғонистон бенатиҷа баргашт.

**- Дар мавриди задани Кӯлоб чаро ба шумо эътимод набуд? Бароятон магар ҳисси маҳал аз ҳамбастагию ҳамназарӣ бо ҳамсафони наҳзатиатон болотар меистод?**

- Шояд ватанамро дӯст медоштам. Вале ман намехостам, ки мардуми бегуноҳ қурбон шаванд. Ҷанг, ки шуд, ҳамаро мезанӣ, на тар мемонад, на хушк.

**- Чаро чунин андеша ҳангоми задани нуқтаи сарҳадии 12 ба саратон наомад?**

- Мақсад аз пӯста (пост)-и 12 задани Кӯлоб буд. Он вақт ман дар минтақаи Роғи вилояти Бадахшони Афғонистон қарор доштам. Саид Абдуллоҳи Нурӣ одамони Ризвонро равон кард ва гуфт, ки равед, Мавлавиро гиред ва Кӯлобро занед. Ман ба онҳо иҷозат надодам. Зеро, аввал он ки қумандони ин минтақа будам ва нуфӯзам имконият намедод, ки онҳо бе иҷозати ман ба чунин амал даст зананд. Онҳо пурсиданд, ки чаро мухолифи задани Кӯлоб ҳастӣ? Ман бароишон посух додам, ки вақте ки шумо ба Кӯлоб меравед, сарҳадбонон аз ин хабардор мешаванд ва аз пушт хатти ақибнишинии шуморо мебанданд. Мо банд мемонем, дигар имкони баргаштан ба Афғонистон аз миён меравад ва ҳама нобуд мешавем. Дар ин ҳолат ҷавобгарӣ ба гардани қумандони минтақа меафтад. Ман дастур додам, ки баргарданд ва ин нақша амалӣ намешавад. Онҳо хулосаи маро ба роҳбарият расониданд. Абдуллоҳи Нурӣ тариқи мухобира манро ба Тахор даъват кард. Ӯ дастур дод, ки барои ҷабҳаро пуркувват кардан, ба Покистон барои ғизои аслиҳа меравӣ. Он вақт масъули пулу молу аслиҳа Ҳимматзода буд, ки дар Покистон менишаст. Тӯраҷонзода дар Эрон, масъули гуфтушуниҷҳо ва музокирот буд. Ман пурсидам, ки чаро маро ба Покистон мефиристед. Дар Покистон шуморо хуб мешиносанд, гуфтанд. Ман ҷонишине доштам бо номи Ҷоншо. Ӯ ҳам аз Кӯлоб, бисёр ҷанговари номӣ, таълими Хатаброро гирифта буд. Худаш силоҳро таъмир мекард, маводи тарканда омода месохт. Ҷоншо ба ҷоям буд, ман сафар кардам. Дар набудани ман зарба ба пӯстаи 12 зада шуд.

**- Шумо дар як мулоқот бо Президенти кишвар задани нуқтаи сарҳадии 12-ро эътироф кардед. Инро чӣ гуна бояд фаҳмид?**

- Вақте Президент маро дар ҷаласа ба аҳли нишаст муаррафӣ карда гуфт, ки ин ҳамон Мулло Абдураҳиме аст, ки ҳизби наҳзатро дар Кӯлоб бунёд карда буд, лидери мухолифин буд, ҳамон Мулло Абдураҳиме аст, ки заставаи 12-ро зада буд. Ман дар ҷавоб "дуруст аст" гуфтам. Он вақт мавқеи гуфтан набуд. Агар ман бо Президент аз наздик суҳбат мекардам, ин ҳолатро ба таври муфассал нақл мекардам.

**- Шумо ҳоло имкон доред, ки ба мардум онро муфассал шарҳ диҳед.**

- Ман аз ҷониби роҳбарияти ҳизб дастур гирифта будам, ки ба Покистон равам. Ин амалиёт дар набудани ман сурат гирифт.

**- Пас чаро он рӯзҳо радиои Би Би Си хабар хабар пахш кард, ки қумандон Мулло Абдураҳим пӯстаи 12-ро зад?**

- Ман ҳам баробари аз радио шунидани ин хабар бо мухобира дар алоқа шуда кӯшиш намудам донам, ки чӣ гуна дар набудани ман ин амалиёт рух дод.

**- Ин хуҷум кай сурат гирифт?**

- Тобистони соли 1993, 13 июл.

**- Чаро маҳз 13 июл?**

- Албатта, метавонист барвақттар сурат гирад, вале чунин тасодуф пеш омад. Разведка бисёр хуб кор мекард. Миёни афғонҳо одамоне буданд, ки бо сарҳадбонони рус додугирифти маводи мухаддир доштанд. Онҳо дутарафа кор мекарданд: ҳам маълумоти моро ба онҳо мебурданд, ҳам маълумоти онҳоро ба мо мерасониданд. Мо баъзан маълумот мепартофтем, ки фардо хуҷум мекунем. Сарҳадбонони рус аз ин зуд огоҳӣ мeёфтанд ва омодагӣ мегирифтанд. Мо аз ҳамааш бохабар будем. Вақти хоб, хестан, истироҳат, ҳар қадами гузоштаашонро медонистем. Мо муддати тӯлонӣ аз паси сарҳадбонон мушоҳида мебурдем. Онҳо пайваста, тахминан то соати 2-и шаб ҷониби хатти сарҳад тир, мушак мепарониданд. Баъд аз соати 2-и шаб хомӯшӣ ҳукмфармо мешуд. Як моҳи дароз ин ҳолат тахти мушоҳида қарор дошт. Бовар ҳосил шуд, ки баъд аз соати 2 сарҳад дар ихтиёри мо аст. Маълумоти барғалати тавассути қочоқбарони афғон паҳнкардаи мо онҳоро раҳгум занонида буд. Сарҳадбонон умедашонро канда буданд, ки мо хуҷум мекунем. Барои ҳамин ин хуҷум барояшон ногаҳонӣ буд, дар ғафлат монданд.

**- Хуҷум кадом соат сурат гирифт?**

- Соати сеи шаб.

**- Барои хуҷум ба застава чанд нафар сафарбар шуданд?**

- Тахминан 200 нафар.

**- Аз тасаввур берун аст, ки аз хуҷуми 200 нафар сарҳадбонон огаҳӣ пайдо накарда бошанд.**

- Амалиёт дар як рӯз сурат намегирад. Ба он пешакӣ омодагӣ мегиранд. Ба тарафи дигари соҳил партофтани қувва қаблан амалӣ гашта буд. Масалан, маводи хӯрокворӣ, силоҳи ҷангӣ, хусусан, силоҳи вазнини ҷангӣ пешакӣ ба он тарафи соҳил интиқол дода, дар наздикии пӯстаи 12 захира мекарданд. Ин ҷанги чирикӣ - партизанӣ буд. Яъне, дар ҳолати ғафлат дарёфт ва мағлуб кардани ҳариф.

**- Қувваҳои муҷоҳидин аз чанд гурӯҳ иборат буд?**

- Гурӯҳҳо аз 12, 50 ва 100 нафар иборат буданд. Гурӯҳҳои 12 нафара зиёдтар буд. Онҳо бештар маводи ғизоиву аслиҳаро ба ҷойи лозимӣ бурда мерасониданд. Робитаи бисёр хубе тавассути мухобира ба роҳ монда шуда буд.

**- Ба ин миқдор ҷанговарон, дар фасли обхезии тобистон чӣ гуна дарёи Панҷро убур карданд?**

- Тавассути тал. Пӯсти говро тавре аз тан ҷудо мекунанд, ки ягон сӯрохӣ надошта бошад.Онро дам карда, рӯйи 4-5 тои он тахтаю чӯб мепартоянд ва тавассути он аз об мегузаранд. Аз камераҳои балони мошинҳои калон ҳам истифода мешуд. Чунки тал камӣ мекард.

**- Муҷоҳидон давоми чанд рӯз аз сарҳад убур карданд, чӣ гуна аз назари сарҳадбонон пинҳон монданд?**

- Давоми як ҳафта аз дарё гузаштанд. Соҳили дарёи Панҷ ҷангалзор аст, назорат кардан ғайриимкон. Одамоне буданд, ки ҳар лаҳза маълумот дастрас мекарданд. Сарҳаду сарҳадбонон пурра тахти назорати мо буданд. Одамҳои аз дарё гузашта, пинҳон мешуданд, барои ҷанг омодагӣ мегирифтанд.

**- Муҷоҳидон аз кадом мардум иборат буданд ?**

- Бештарашон арабҳо. Миқдори онҳо беш аз 70 нафар буд. Онҳо аз Бангладеш, Миср, Яман ва дигар кишварҳои Араб буданд. Пешвояшон Хатаб буд.

**- Хатаб магар дар ин амалиёт иштирок дошт?**

- Не, ӯро то амалиёт ба Чеченистон равон карда буданд.

**- Боқимонда аз кадом миллатҳо буданд?**

- Тоҷикон кам, боқимонда афғонҳо буданд. Чизу чораро афғонҳо аз дарё мегузарониданд. Танҳо афғон инро метавонист. Зеро афғон мисли оҳуст. Пул деҳ, барои вай фарқ надорад, ки кӯҳ аст ё пушта, гарм аст ё хунук.

**- Кадом намуди силоҳҳо истифода шуданд?**

- Ба ҳар 12 нафар 1 гранатомёт, сари ҳар кас 1 автомати Калашников, ба ҳар 5 нафар як пулемёт рост меомад. Ҳамагӣ 6 минамёт буд. Хуҷум соати 3 -и шаб, ки ҳама дар хоби ғафлат буданд, шурӯъ шуд. Албатта, агар ин ҷанг дар ҳолати бедории сарҳадбонон мебуд, муҷоҳидин қувваи зиёд аз даст медоданд. Онҳо ҳатто фурсати либос пӯшидан накарданд. Аз сарҳадбонон мувофиқи маълумоти онвақтаи мо ҳамагӣ ду нафар зинда монда буданд. Вале баъдтар рақамҳои дигар пайдо шуданд.

**- Чӣ чиз боиси пирӯзии муҷоҳидон дар ин амалиёт гашт?**

- Аввал, мавқеи ҷойгиршавӣ. Дуюм, чирикӣ (партизанӣ) будани ҷанг. Вақти хуҷум сарҳадбонон ҷойи гурехтан надоштанд. Ҳама дар ғафлат буданд.

**- Ин амалиёт чанд соат идома кард?**

-Чор соат. Аз соати 3-и шаб то 7-и саҳар.

**- Аз ҷониби муҷоҳидин чанд нафар ҳалок шуд?**

- Шаш нафар. Даҳ нафар захмӣ. Ин талафот аз ҳисоби аз даст додани вақт буд. Дар пӯста ба миқдори калон пул ба ғанимат омад. Як Газ- 66 пур аз пул шуд. Пулҳоро ба мошини Газ- 66 бор карда, лаби дарёи Панҷ интиқол доданд, ки аз дарё гузаронанд. Аммо аз снаряди вертолёт мошин таркид ва ҳама пулҳо сӯхтанд. Баъди ин амалиёт бори аввал маблағи калон аз хориҷ ворид шуд.

**- Магар ин маблағ арзиши ҷони 25 нафар сарҳадбон ва 6 муҷоҳидонро дошт?**

- Албатта не. Он вақт ҳама дар андеша будем, ки дар роҳи ҳақ шаҳид мешавем.

**- Ҳоло ҳам дар ин андеша ҳастед?**

Ин мавзӯи баҳси дигар аст....Вале як нуктаро мехоҳам зикр кунам: иғвову тундравию ихтилоф мӯҷиби ҷанг ва парешонист. Худованд мардуми мусулмон, хусусан, тоҷиконро аз фитна дар канор нигаҳ дорад. Он вақт ба ман аз зоҳири Қуръон ҳарф мезаданд, ҳоло ман ботини онро дарёфтам.

**- Забони арабиро дар куҷо омӯхтед?**

- Дар назди домулло Саидраҳмон. Ӯ дар яке аз маҳаллаҳои шаҳри Душанбе, маъмул бо номи Южний зиндагӣ дошт. Баъд дар Афғонистон бо арабҳо, олимони афғон якҷоя шудам, онро такмил додам.

*Мусоҳиб* **Шарифи ҲАМДАМПУР**
(Бознашр аз ҳафтаномаи «Тоҷикистон»)

# НАҚШИ ҲХДТ ДАР ТАШАККУЛИ ДАВЛАТДОРИИ МУОСИРИ ТОҶИКОН

**Яке аз нишонаҳои асосии ҷомеаи демократӣ мавҷудияти бисёрҳизбӣ аст, ки барои гуногунандешӣ ва роҳандозӣ намудани амалу иродаи табақаҳои гуногуни ҷомеа замина фароҳам месозад. ҲХДТ дар таҳкими сулҳу суботи кишвар саҳми назаррас дошта, кӯшиш бар он дорад, ки даврони сангини пур аз мушкилоту муаммоҳои печидаи солҳои аввали истиқлолият дигар такрор нашаванд. Раиси ҲХДТ борҳо дар суханрониҳояшон қайд карданд, ки ҳеҷ гоҳ намегузорем, ки ваҳдати миллии мо халалдор шавад.**

**АГАР** ба таърихи ин ҳизб дақиқтар назар андозем, он дар замони соҳибистиқлолии кишвари азизамон таъсисёфта, ба саҳнаи сиёсии мамлакат ворид гардидааст. Дар ин бора, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон низ барҳақ таъкид доштанд, ки "Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон зодаи истиқлоли кишвар буда, он ҳимояи манфиатҳои халқро ҳадафи асосии худ қарор дода, барои саодати халқ ва ободии Ватан саъю талош меварзад".

Барномаҳои сиёсӣ- иқтисодии ҳизб дар асоси имкониятҳои воқеӣ ва таҳлили илмии равандҳои объективӣ мураттаб гардида, дар онҳо чизҳои тасодуфӣ ҷой надорад. Дар давоми соли 2014 ҳизб чорабиниҳои зиёди муҳими сиёсӣ баргузор намуд. Бахусус, дар сатҳи ниҳоят баланд гузаронидани чорабинии байналмилалии чаҳордаҳумин ҷаласаи Шӯрои сарони Созмони ҳамкориҳои Шанхай дар пойтахти Ватанамон ва ба имзо расидани Эъломияи Душанбе, ки Раёсати давраии онро Тоҷикистони соҳибистиқлол бар дӯш дошт, бори дигар ба ҷаҳониён собит намуд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фазои сулҳу субот, созандагиву ободкорӣ дар байни дигар давлатҳои дунё мавқеи устувор дошта, обрӯву эътибори он дар арсаи байналмилалӣ бо шарофати ташаббусҳои созанда ва ҷаҳду талошҳо, сиёсати хирадмандона ва дурандешонаи Сарвари давлат ва пешвои ҲХДТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сол то сол баланд мегардад.

Дар ҷанбаи сиёсати дохилӣ бошад, марҳала ба марҳала дар иҷрои се самти стратегии давлат - аз бунбасти коммуникатсионӣ баровардани кишвар, ба даст овардани истиқлолияти энергетикӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣ дар мамлакат ба комёбиҳои назаррас ноил гардида истодаем. Зикр кардан ба маврид аст, ки ҲХДТ дар татбиқи амалии се ҳадафи аслии стратегияи Ҳукумати мамлакат ҳаматарафа ҳимоят мекунад. Дар баробари ин, татбиқи бисёре аз барномаҳои давлатӣ низ дар заминаи барномаҳои ҲХДТ мавриди амал қарор мегиранд, ки аксари онҳо барои Тоҷикистон манфиатҳои муфид овардаанд ва дар оянда низ хоҳанд овард. Бояд таъкид намуд, ки дар шароити гуногунандешии сиёсӣ ва мавҷудияти бисёрҳизбӣ масъулияти ҳизби мо, ҳамчун ҳизби аксарияти парлумонӣ дар ҷомеа бениҳоят калон аст. Маҳз ҳамин садоқат ва вафодорӣ ба ҳизб буд, ки ҲХДТ имрӯз яке аз нерӯҳои пешбари ҷомеа гардидааст. Мақсади аслии ҳизб саодати халқи кишвар аст ва бо дигар ҳизбу ҳаракатҳое, ки дар доираи қонун фаъолият мекунанд, робитаи созанда дорад.

Ба таъкиди Раиси ҲХДТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бояд ҳизбҳои муосире таъсис дода шаванд, ки танҳо аз тариқи муборизаҳои осоиштаи сиёсӣ -парлумонӣ ва интихоботӣ ҳадафҳои худро амалӣ гардонанд. Ҳамин аст, ки имрӯз мардумро ҷонибдорӣ мекунанд ва шумораи зиёди одамон ва алалхусус, ҷавонон сол то сол ба сафҳои он мепайвананд.

Омилҳои пирӯзии ҳизб зиёд аст. Ҳарифони сиёсии мо даъво мекунанд, ки обрӯи ҲХДТ пеш аз ҳама ба он вобаста аст, ки роҳбарии онро Президенти мамлакатамон Эмомалӣ Раҳмон ба уҳда дорад. Бале, Роҳбари давлати мо барои ором кардани вазъи сиёсии мамлакат, баргардондани гурезаҳо, аз буҳрони иқтисодӣ наҷот додани кишвар ва ободу зебо гардондани гӯшаву канори мамлакат корҳои бузургро анҷом додааст ва анҷом медиҳад. Бинобар ин, дар миёни мардум обрӯ ва маҳбубияти хоса дорад. Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон номзадҳои соҳибобрӯ ва арзандаро ба вакилии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқи вилоятҳо, шаҳр ва ноҳияҳо пешбарӣ мекунад, ки аксари кулли онҳо пирӯзиро ба даст меоранд. Шумораи аъзои ҳизби мо ҳоло ба 250 ҳазор нафар расидааст. Сол то сол обрӯ ва нуфузи ҲХДТ беш аз пеш баланд мегардад.

Дар сафи ҲХДТ хусусан теъдоди занон низ бисёранд. Имрӯз зан-вакил, зан-вазир, зан-аъзои Ҳукумат, зан-олим, ихтироъкор, соҳибкори муваффақ, омӯзгори ботаҷрибаю табиби ҳозиқ, муҳандису энергетик ва ғайраҳо буда, тавонистааст нақши худро дар рушди тамоми соҳаҳо гузорад. Тӯли 20 соли фаъолият аъзои ҳизб тавонистанд, барномаи амали худро дар ҷодаи рушди ҷомеаи демократӣ, дунявӣ ва ҳуқуқбунёд равона сохта, на танҳо дар ҳалқаи ҳизбҳои сиёсии мамлакат, балки дар тамоми минтақаи Осиёи Марказӣ ва дигар кишварҳои хориҷи дуру наздик ҳайсияти сиёсии худро мустаҳкам намоянд.

Дар ин самт дастовардҳои имрӯзаи ҳизби мо дар тамоми бахшҳои ҷомеа мушоҳида шуда истодааст, ки бори дигар фаъолияти пурзӯри ҲХДТ-ро дар ҷомеа нишон медиҳад, ки дастовардҳои ҳизб дар раванди барпо намудани давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва мустаҳкам намудани мавқеи ҳизб дар ҷомеа шоҳиди ин гуфтаҳо мебошад.



**Ҳикматулло ХОҶАЕВ,**
*коршиноси масоили сиёсии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти ҶТ*

**Муҳити динии Тоҷикистон ҳамчун ҷузъи вазъи умумии ҷумҳурӣ ва шакли шуури ҷамъиятӣ ором буда, дар маҷмӯъ метавонад намунае барои пиёда кардани сиёсати дохилии ҳамсоякишварҳо хизмат кунад. Мушкилоте, ки дар ин бахш ҷомеаро домангир аст, ниёз ба барномаи хислати дурнамоӣ дошта зарурат дорад. Саҳми ниҳодҳои ҳукуматӣ барои танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ коромад аст. Аммо ин ҳаргиз ба маънои он нест, ки дар соҳа мушкилот мавҷуд нест ва мо ба арши аълои рушд расидаем.**

# Лоиҳаи раҳои аз вазъи буҳронии рӯҳонияти тоҷик

**ПЕШ аз ҳама, симои шахсӣ ва хислатҳои инфиродии рӯҳоният ҳамчун омили муносибатҳои динӣ дар ҷомеа мавриди баррасӣ бояд қарор бигирад. То куҷо мулло, домулло, мавлавии имрӯза мутахассиси ҷавобгӯи давлати дунявӣ ва ҷомеаи технологии пешрафта аст. Ҷаҳони муосир ба ибораи адабгуфторон ниёз ба таҳавВулоти фардӣ ва тадриҷии муҳитӣ дорад ва шахсе ҳоло бо компютер сару кор надорад, мисли нафарест, ки 100 сол муқаддам бо қалам навишта наметавонист.**

**Дар дини мубини Ислом силсиламаротиби вазифавӣ мисли насроният ва яҳудият, ки роҳибу кашишу раввин доранд ва ин низоми динӣ аз сохтори муназзами ташкилӣ иборатанд, мавҷуд нест. Рӯҳонияти исломӣ вазифаи бар дӯш доштаашро бояд ҳамчун як сарбории маънавӣ ва ё ба истилоҳе ҷамъиятӣ иҷро намояд. Масъулияти рӯҳоният аз ин лиҳоз бисёр боло меравад. Ин қишри ҷомеа ҳадафи калидӣ ва меҳварии худро бояд амиқан дарк кунанд, ки онҳо бо мафкураи инсонҳо сару кор доранд, ки дар ҷаҳони пурталотуми инсонситезӣ то сарҳади тарбияи ахлоқии афроди ҷомеа ҳаракат кунанд, на каму на беш. Сиёсикунонии дин ва чеҳрасозии муллоҳо ҳамчун омили сиёсат ба ақидаи коршиносон, обрӯву эътибори рӯҳониятро, ки худи ин вожа рӯҳасос аст, коста гардонида, дар сурати афзалият додан ба сиёсатмаобӣ маълум аст, ки аҳли рӯҳониятро ба вартаи низоъҳои бесарнавишту поя тела медиҳад.**

**Рисолати ҳар рӯҳонӣ бояд дарбагирандаи масоили тоҷиксозӣ, донишпажуҳӣ, инсонмеҳварӣ, мамлу аз эътиқоди муътадили эҳёгар ва орӣ аз ҳар гуна эҳсосоти нолозим дар насиҳати афрод бошад. Мавъизаҳои рӯҳониҳо пайкору набарди бехонумонро бо аҳли тақво мемонад, ки рӯйиҳамрафта аз як шахси оддӣ бо мурури замон осӣ ва норозии ҳукумат месозанд.**

**Мушкилоти иқтисодӣ дар Тоҷикистон мисли дигар кишварҳо мавҷуданд ва ниҳодҳои ҳукуматӣ барои берунрафт аз он саъю талош мекунанд ва маълум аст, ки омилҳои беруна мисли шикасти низоми иқтисоди ҷаҳонӣ, беқурбшавии пул, ҷангҳои минтақавӣ ба ин раванд бе таъсир нестанд.**

**Дар ин росто, ба рӯҳоният зарур аст, ки худ тибқи барномаи мушаххас донишҳои дунявӣ, технологиро фаро гиранд ва дар ин ҷода рақобатпазир бошанд.**

**Масъалаи дигаре, ки ҷомеаро домангир аст, ба ҳошия рафтани муллоҳо ҳамчун фаъолони ҷомеаи шаҳрвандӣ ва хилватнишинӣ ва танҳо ба тақво маҳдуд гаштани рӯҳоният аст. Шояд ин мероси тариқатҳои тасаввуф дар тӯли таърих бошад ё омили дигаре, вале ҳамин омил моро водор ба он мекунад, ки намояндагони давлат бо назари шубҳа ба рӯҳоният бингаранд.**

**Мушкилоти дигари ҷиддӣ, парҳез кардани рӯҳоният аз муфтхӯрӣ ва ба таври ҷиддӣ рӯ овардани онҳо ба кори созанда аст. Бояд барои ободии диёр аҳли рӯҳоният шахсан талош кунад ва дигарон барои эъмори ҷомеаи дунявӣ ва ҳуқуқбунёд, бо ибрати шахсӣ фаъол бошанд.**

**Нодиршо ХУСРАВБЕКОВ,**
*устоди фанни таърихи Донишгоҳи шаҳри Хоруғ*

Нишасти матбуотӣ

# Асозода: Парвозҳо миёни Душанбеву Тошканд барқарор хоҳад шуд

**Хайрулло Асозода, вазири нақлиёти Тоҷикистон мегӯяд, барои ҳалли масъалаи парвозҳо миёни Душанбеву Тошканд ба вазири нақлиёти Ӯзбекистон нома ирсол кардаасту то ҳол посух нагирифтааст.**

**ВАЗИРИ** нақлиёти Тоҷикистон, ки рӯзи 26 январи соли равон дар нишасти матбуотии ин ниҳод дар бораи фаъолияти яксолаи вазорат иттилоъ медод, дар мавриди барқарор намудани парвозҳо миёни Душанбеву Тошканд гуфт: "Вазорати нақлиёти Тоҷикистон ва шахсан худи ман омодаам, ки барои беҳбуди равобити ду кишвар корҳои зарурирро анҷом диҳам. Рӯзҳои наздик дар Туркия мулоқоти ҳамаи вазирони нақлиёт дар назар аст ва дар он ҷаласа бо вазири нақлиёти Ӯзбекистон масъалаи парвозҳо дар хатсайри Душанбе-Тошкандро ба миён хоҳам гузошт".

Ҳамчунин вазири нақлиёти Тоҷикистон Х. Асозода иттилоъ дод: "Давоми соли гузашта, дар 5 иншоот, аз ҷумла, сохтмони роҳи автомобилгарди Шоҳон-Зиғар марҳилаи 3, таҷдиди қитъаи 24 километраи роҳи автомобилгарди Данғара-Кангурт, азнавсозии роҳҳои ба нақби Озодӣ баранда, сохтмони терминал дар Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе, гузаргоҳи сарҳадии "Дӯстӣ" дар доираи лоиҳаи таҷдиди роҳи автомобилгард корҳо анҷом дода шуд. Маблағи умумилоиҳавии иншоотҳои анҷомёфта 115,6 млн. доллари ИМА-ро ташкил медиҳад."

Ҳамчунин қайд карда шуд, ки феълан дар соҳа 10 лоиҳаи инвеститсионӣ ба маблағи зиёда аз 483,2 млн. доллари ИМА бо ҷалби мутахассисони ватаниву хориҷӣ амалӣ шуда истодааст. "Дар маҷмӯъ бо истифода аз ҳамаи манбаъҳо (ба истисноi маблағҳои инвеститсионӣ) ба маблағи 144,5 млн. сомонӣ корҳо иҷро гардида, 210,8 км роҳҳо таъмири асосӣ, 16000 км роҳҳо таъмири ҷорӣ, 85 адад пул ва 831,0 км роҳҳои маҳалу деҳотҷойҳо шағалпӯш гардидааст,- афзуд Хайрулло Асозода.

**Ибодуллоҳи ТОҲИР**

Минбари халқ
28 январи соли 2015,
№5 (984)

Нишасти матбуотӣ

# ПЕШИ РОҲИ МАФИЯИ ДОРУФУРӮШОН ГИРИФТА МЕШАВАД?

*Соли 2014 аз ҷониби кормандони Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҷмӯъ 1471 қонуншиканиҳои иқтисодии хусусияти коррупсионидошта ва ба андоз алоқаманд ошкор ва ба қайд гирифта шуда, аз ин шумора 438 адади онро ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин ташкил медиҳанд,- зикр гардид дар нишасти хабарии Агентӣ рӯзи 26 январи соли равон.*

**ГУФТА** шуд, ки аз ҳисоби умумии ҷиноятҳои ошкор гардида 224-тои онро кормандони мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ содир намудаанд.

Директори Агентӣ Абдуфаттоҳи Ғоиб зикр намуд, ки дар ин давра ба дастгоҳи марказӣ ва воҳидҳои сохтории Агентӣ 2782 адад муроҷиатҳои шаҳрвандони кишвар ба қайд гирифта шудаанд. Аз ин ҳисоб 2173 аризаю шикоят бевосита аз ҷониби кормандони Агентӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуда, 562 адади он аз рӯи тобеъият ба дигар мақомот ирсол гардида, боқӣ 47 аризаву шикоятҳо дар ҳолати баррасӣ қарор гирифтаанд. Барои боз ҳам пурзӯр намудани мубориза алайҳи фасод дар Агентӣ Сарраёсати пешгирии коррупсия ташкил дода шудааст.

Вобаста ба арзу шикоятҳои ронандагон оиди фаъолияти БДА зикр карда шуд, ки 3 моҳ қабл рейди муштарак бо дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ миёни кормандони Бозрасии давлатии автомобилӣ гузаронида шуда, дар натиҷа 18 нафар кормандони ин ниҳод ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шуда, корҳои фавриву санҷишӣ идома доранд.

- Аммо маро ҳамчун роҳбар корҳо дар ин самт қаноатманд намекунанд. Дар самти фарогирии сартосарии назорат дар тамоми ниҳодҳои кишвар мо мушкилиҳо дорем, чун шумораи кормандонамон кофӣ нест. Ба ин нигоҳ накарда, Агентӣ муборизаро алайҳи фасод дар кишвар пурзӯр хоҳад намуд,-қайд кард директори Агентӣ.



Ба суоли рӯзноманигори "Минбари халқ" оиди шикояти шаҳрвандон нисбати забоняккунии табибон ва истеҳсолкунандагону фурӯшандагони маводи доруворӣ бо мақсади тибқи маслиҳати пешакӣ ғайриқонунӣ ба даст овардани фоида ва бо нархи гарон фурӯхтани доруҳои қиматашон арзони пастсифат бо тағйир додани номи онҳо ва чораҳои пешгирии ин зуҳуроти номатлуб Абдуфаттоҳи Ғоиб изҳор намуд, ки дар ин самт як қатор душвориҳо ҳастанд.

-Оре, аз ин зуҳуроти ташвишовар шаҳрвандони кишвар хабардоранд, аммо ин ҷо баъзе мушкилиҳо мавҷуданд. Ҳангоме, ки ду ҷониби манфиатдор барои ба даст овардани фоида созишномаи пинҳонӣ мебанданд, онҳо тамоми кӯшишро ба он равона месозанд, ки шахси саввум аз ин амал огоҳ набошад, яъне духтур ва фурӯшандагони маводи доруворӣ ҳамдигарро нахоҳанд "фурӯхт". Кори моро дар ошкор сохтани чунин қонуншиканиҳо аз ин ҷиҳат душвор месозад, ки имрӯз қариб дорухонаҳои давлатӣ намондааст, ҳамаи онҳо инфиродӣ ҳастанд. Онҳо бо гирифтани иҷозатномаи давлатӣ фаъолият намуда, анвои дорувориашонро аз ташхиси давлатӣ мегузаронанд. Мо дуюмбора онро мавриди ташхис қарор намедиҳем. Вале ин мавзӯъ хеле муҳим буда, суоли шумо бамаврид аст, чун чизи аз ҳама асосӣ- солимии ҷомеаро дар бар мегирад. Дар ин самт ман супориш медиҳам, ки чорабиниҳои доимӣ гузаронида шаванд. Онҳо ба наздикӣ оғоз хоҳанд ёфт ва аз натиҷааш шумо огоҳ хоҳед шуд",-гуфт Абдуфаттоҳи Ғоиб.

"Минбари халқ" тасмим гирифтааст, ки дар шумораҳои оянда масъалаи мазкурро ба таври густурда мавриди баҳс қарор диҳад. Шахсони ҷабрдида метавонанд андешаҳояшонро дар ин хусус тариқи почтаи электронии minbarihalk@bk.ru ирсол намоянд ва ё бо телефонҳои идораи нашрия дар тамос шаванд.

**Азамат ДӮСТОВ**

# ДОВТАЛАБ АВВАЛ АЗ ИМТИҲОНИ ҲУНАР МЕГУЗАРАД

**ОМОДА** намудани мутахассисони соҳа дар се донишкадаи ҳунарии ҷумҳурӣ идома дорад, - иброз намуданд дар нишасти матбуотӣ сарварони Донишкадаи давлатии санъат ба номи М.Турсунзода, Консерваторияи миллии ба номи Талабхӯҷа Сатторов ва Донишкадаи рассомӣ ва дизайн. Донишкадаи санъат моҳи декабри соли 2014 аз аттестатсияи Вазорати маориф гузашт, сессияи санҷишу имтиҳонӣ бо 89,1% ва дар даври иловагии сессияи зимистона бо 98,3% дарсазхудкунӣ ҷамъбаст гардид, ки дар ҷумҳурӣ нишондиҳандаи хуб аст. Ихтисоси нави "Режиссёри филми ҳунарӣ" таъсис дода шуд.

Вобаста ба тамоили ҷаҳонишавии фарҳанг донишкада ба низоми кредитии таҳсилот ворид шуд, 7 нафар донишҷӯёни фаъол бо тавсияи роҳбарияти донишкада ва роҳхати Вазорати фарҳанги ҶТ барои идомаи таҳсил ба Донишкадаҳои олии фарҳангу ҳунари хориҷи кишвар: шаҳрҳои Маскав, Санкт-Петербург, Челябинск, Хабаровск, Қазоқистон фиристода шуданд, 2 нафар хатмкунандаи бакалавриати донишкада дар Санкт-Петербург ва 1 нафар дар Эрон таҳсил мекунанд. Дар баробари ин, дар донишкада 15 нафар донишҷӯён аз ҷамоҳири Қазоқистон, Қирғизистон, Туркманистон ва Афғонистон таҳсил мекунанд.

Дар ҷараёни суҳбат бо хабарнигорон сарварони макотиби олии ҳунар дар ҳама бахшҳо маълумоти ҷолиб дода, аз ҷумла, дар масъалаи имтиҳони маркази миллии тестӣ зикр намуданд, ки нуқсони порсола ислоҳ гардид ва дохилшавандагон дар бахшҳои эҷодӣ имсол аввал аз имтиҳони маҳорат мегузаранд, пас аз кластери якум имтиҳон месупоранд. Ба ҳар ҳол, макотиби миёна барои фанҳои таълимӣ бояд масъулияти бештарро ба дӯш гиранд.

Консерваторияи миллӣ аз имтиҳонот дар маркази миллии тестӣ озод карда шуд, иброз намуд ректори он доктори илми санъатшиносӣ Фароғат Азизӣ. Зеро ки ҳатто интихоби яквақтаи 10 ихтисос ба як довталаб ғайриимкон аст. Мисол як нафар хатмкардаи мактаби мусиқӣ дар давоми 11 сол танҳо асбоби пианиноро меомӯзад ва ӯ наметавонад дар баробари он ихтисоси ғижжакро низ интихоб кунад. Зеро ки барои ин боз 11 сол таҳсил кардан зарур мегардад. Масъалаи дигари муҳим дар асоси устоҳои нодири мавҷудаи созтарош дар ҷумҳурӣ бунёд намудани лабораторияи таълимии созтарошӣ мебошад. Агар ин кор таъхир ёбад, хатари аз байн рафтани санъати созтарошии миллӣ таҳдид мекунад. Дар хусуси пешниҳоди рӯзноманигорон оид ба манъ намудани намудҳои овозсароии рэпхонӣ ва дигар падидаҳои номатлуби эстрада доктори илм Ф.Азизӣ хеле дуруст таъкид намуд, ки ҳунари мардумиро манъ кардан мумкин нест. Барои халқ ҳам фалаксароӣ ҳам шашмақомхонӣ ва ҳам эстрада лозиманд. Шахсонеро медонам, ки соатҳо тавассути телевизион аз қимати шашмақом ва фалаксароӣ ҳарф зада, дигаронро дуруст насиҳат мекунанд, вале зодрӯзи худ ва тӯйи фарзандонашонро бо ҳофизони эстрада мегузаронанд. Айни замон такмили касбият ва нигоҳ доштани унсурҳои савтиёти миллӣ муҳим мебошад ва дар ин бахш дар Консерватория корҳои зиёде анҷом дода мешаванд.

**Ҷ.ҚУДДУС**

## АВЗОИ ҶАҲОН

### ТАБАДДУЛОТ ДАР ЯМАН

**Дар Яман табадуллоти давлатӣ ба амал омад. Аввал раиси ҳукумат бо сарварии Халид Маҳфуз Баҳа истеъфо дод, пас аз он президенти Яман Аббураббӣ Мансур Ҳодӣ ба парлумон аризаи истеъфо ироа намуд. Ба ин иқдом президентро амалиёти густурдаи мухолифони мусаллаҳ маҷбур кардааст. Ошӯбгарон аз тирамоҳи соли гузашта пойтахтро ишғол намуда, истеъфои сарони давлатро талаб мекарданд. Ҳафтаи гузашта бинои як қатор вазоратҳо ва кохи президент низ ба тағаллуб гирифта шуд. Ва парлумон истеъфоро қабул кард, аммо рӯзи шанбе зидди ин рӯйдоди сиёсӣ кишварро мавҷи ҳамоишҳои серодам фаро гирифт.**

**Ёдовар мешавем, ки дар Яман соли 2011 зимни инқилоби ба ном "Баҳори араб" президенти он Абуабдулло Солеҳ аз вазифа сабукдӯш гашта буд. Дар интихоботи пеш аз муҳлат барпошуда Абураббӣ Мансур Ҳодӣ сарвари давлат шуд. Вале ҳукмронии осоиштаи ӯ дер давом накард ва аз рӯзхои нахуст ба муқовимати шадиди мухолифин гирифтор шуд.**

**Мухолифини ҳукумати Яман, ба қавли мардум "хоусиҳо" табааи ҷамоати зайдиҳо ва ҷонибдорони имом Алӣ Ҳусайн ал-Хоусӣ мебошанд, ки ҳанӯз соли 2004 зидди ҳукумат ошӯб карда буд. Зайдиҳо дар Ямани Шимолӣ аксарияти сокинонро ташкил медиҳанд ва то соли 1962 имомати худро доштанд. Ва ба гуфти мухолифонашон, мехоҳанд имомати худро аз нав барқарор созанд. Ин ходиса ҷомеаи ҷаҳониро ба ташвиш овард ва ба тарафҳо маслиҳат медиҳанд, ки то интихобот Шӯрои хосаи муваққатӣ бо сарварии раиси парлумони кишвар Яҳё ал Роғӣ таъсис дода шавад.**

**Яке аз ашхоси маъруфи мухолифон, узви Бюрои Сиёсии ҳаракати "Ансоруллоҳ" Фидл Мутоғ гуфтааст, ки ин тасмими президент барояшон ғайричашмдошт аст. Зеро ки дар ҷараёни музокирот Ҳодӣ оид ба ҳалли бисёр масъалаҳо ваъда дода буд ва мебоист ваъдаашро иҷро мекард. Ба фикри ӯ "дар ин лаҳзаи тақдирсоз ашхоси ватандӯсту халқпарвар заруранд, ки барои осоиши халқ хидмат намоянд". Илоҷро мавсуф дар он мебинад, ки Шӯрои инқилобӣ созмон дода шавад.**

### ИНТЕРНЕТ ВА ДИИШ

**Дар бораи баста шудани баъзе сомонаҳои интернетӣ дар Куриёи Ҷанубӣ газетаи ин кишвар Чосон Ильбо хабар медиҳад. Тибқи он, Кумитаи стандартҳои телекоммуникатсонии Куриёи Ҷанубӣ чанд сомонаи интернетиро баст, ки метавонистанд барои ҷалб кардани ҷавонон ба сафи ДИИШ истифода шаванд. Алоқа бо онҳо комилан ғайриимкон шуд. Ин қарор дар ҳоле қабул гашт, ки як ҷавони ин кишвар дар сарҳади Туркия ва Сурия нопадид шуд. Ба фикри мақомоти ҳуқуқи кишвар ӯ ба ҳайати ҷангиёни "Давлати исломӣ" шомил гардидааст. Муайян гардид, ки чанде пеш аз сафари худ, ӯ пайваста дар интернет хабарҳоеро мутолиа карда оид ба ДИИШ маълумот мегирифтааст. Аз ҷумла, сомонаҳоеро мутолиа мекард, ки оид ба имтиёзу фоидаҳо ба узви ин созмон маълумот медиҳанд. Дар баъзеашон ваъдаҳои маоши калон, силоҳи бепул, имкони дастрасӣ ба автомобилҳои гаронбаҳо, омӯзиши дуҳафтаинаи санъати ҷанговарӣ ва ғайра дарҷ гардидааст.**

**Ба иттилои мақомоти қудратӣ, он ҷавон аввал дар сомонаҳои иҷтимоӣ оид ба имтиёзҳо ва имкониятҳои пулкоркунӣ "сайр намуда" сипас ба доми сомонаҳое афтодааст, ки бевосита ба сафи ҷангиёни террорист даъват менамояд, - хабар медиҳад газета.**

**Бинобар ин, ҳангоме, ки ҳукуматҳо дар лаҳзаҳои ташаннуҷи авзои сиёсӣ баъзе сомонаҳоро мебандад, ин танҳо ба манфиати сокинони кишвар аст. Аҷаб он аст, ки агар вазорати алоқаи Тоҷикистон ин амалро бикунад, бархе созмонҳои байналмилалӣ иддао мекунанд, ки ҳуқуқи инсон поймол гардид. Вале барои чунин амалиёт дар Ғарб ва Куриёи Ҷанубӣ барин зердастони Ғарб касе аз ин бобат ҳарф намезанад. Ва ин ба ҳар ҳол, дуруст мебошад.**

### ҶАНҶОЛИ ВАКИЛ-ЗАНҲО ДАР ПАРЛУМОНИ АФҒОНИСТОН

**Тибқи хабари ВАО, ниҳоят, пас аз гуфтушуниди 110-рӯза президенти Афғонистон Ашраф Ғанӣ Аҳмадзай ҳайати ҳукуматро ба парлумон пешниҳод намуд. Вале ҳангоми таъин намудани Халил Содиқ ба вазифаи сарвари Бонки марказӣ ихтилофи назарҳо ба вуҷуд омада, махсусан вакил-занҳо ба ҷанҷол хестанд. Бархе талаб намуданд, ки бинобар шаҳрвандии дугона доштанаш вай аз толор бароварда шавад.**

**Гап сари он, ки чанде пеш парлумон қарор қабул карда буд, ки касони дорои ду шаҳравандӣ ба ҳайати вазирон шомил намегардад. Ин бештар ба онҳое дахл дорад, ки шаҳрвандии Амрикоиро низ доранд. Бо ин қарор 7 нафар аз вазифа маҳрум шуданд. Вале баъдан Комиссияи маъмурии парлумон қароре қабул кард, ки тибқи он, агар аз се ду ҳиссаи вакилон ба ҷонибдории номзади дорои ду шаҳрвандӣ овоз диҳанд, ӯ ба вазифаи пешниҳоднамудаи президент тасдиқ мегардад.**

**Махсусан пас аз эълом намудани он, ки сарвари Бонки Марказӣ вазифаи вазирӣ нест, ҷанҷол дар байни вакилон якбора шиддат гирифт. Як қисми вакилон, махсусан занҳо талаб карданд, ки номзади дорои шаҳрвандии Афғонистон ва ҳам Амрико фавран аз толор ронда шавад. Оқибат, Раиси палатаи поёнии парлумон Абдул Рауф Иброҳимӣ маҷбур шуд аз номзад ба сардори Бонки Марказӣ Халил Содиқ ва ду нафар зани аз ҳад зиёд ба эҳсос додашуда талаб намояд, ки дарвоқеъ толорро тарк намоянд.**

**Ана, ҳамин тавр, демократия дар Афғонистон бо мушкилӣ ҳам бошад, ташаккул меёбад. Тибқи маълумоти расида, алъон ба президент А.Аҳмадзай муяссар шудааст, ки танҳо 25 нафар аъзои ҳукуматро тасдиқ намояд.**

**Ҷ.ҚУДДУС**

Минбари варзишгар

# АЗ ДЕҲАИ ПАҲЛАВОНҲО ТО ЧЕМПИОНАТИ ҶАҲОН

**Қаҳрамони матлаби мо Кароматулло Шобобоев, хонандаи МТМУ рақами 15, ба номи Мирзо Акбарови деҳаи Сӯфӣ Орифи шаҳри Истаравшан буда, аз соли 2010 инҷониб дар мактаби таэквандо ва кикбоксинги шаҳр нозукиҳои ин намуди варзишро аз мураббиёни сахтгираш Эркин ва Шуҳрат Казаковҳо меомӯзад. Аз рӯзҳои аввали ба ин даргоҳ омаданаш чусту чолокӣ ва дилбастагияш ба варзиш, баръало ба чашми устодонаш намоён шуд. Ҳам таҳсили хубу аъло дар мактаб ва ҳам пайваста машқ кардани Кароматулло, албатта, натиҷаҳои назаррас доданд.**



МОҲИ августи соли 2013 аввалин маротиба ӯ дар чемпионати кушоди вилояти Суғд оид ба таэквандо (ИТФ) дар вазни 60 кг миёни наврасони соли таваллудашон 1997-98 иштирок карда, ҷои дуюмро соҳиб шуд ва аз тарафи Раёсати ҷавонон, варзиш ва сайёҳии вилоят бо Ифтихорнома қадр гардид. Аз ҳамон рӯз ӯро хурду калон бо ифтихор Кароматулло-паҳлавон мегуфтанд.

Ӯ пайваста машқ карда, маҳораташро сайқал медод.

Ҳамон сол Кароматулло Шобобоев дар мусобиқаи ҷумҳуриявӣ оид ба таэквандо байни кӯдакону наврасони 14-17 сола, дар вазни 69 кг ғолибиятро ба даст оварда, ҷои дуюм ва медали нуқраро сазовор шуд.

Меҳру муҳаббат ба варзиш ӯро ба қуллаҳои нав ҳидоят мекунанд. Агар гӯем, ки паҳлавонӣ барои Кароматулло мероси авлодӣ аст, хато нахоҳад шуд. Зеро деҳаи Сӯфӣ Ориф ба пайвандони Шоҳ Орифро бо паҳлавонҳои номӣ Холиқ, Шотолиб ва Зоҳир мешинохтанд.

Барои қаҳрамони мо Кароматулло Шобобоев соли 2014 соли мувафақиятҳою музаффариятҳо буд.

Якуми июни соли 2014 ӯ дар Чемпионати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таэквандо (ИТФ) байни ҷавонони 16-17 сола дар вазни 75 кг ширкат варзида, ҷои сеюмро ишғол намуд ва соҳиби медали биринҷӣ гардид.

Ин пирӯзиҳо ӯро водор месохт, ки маҳораташро такмил диҳад ва дар мусобиқаҳои байналмилалӣ иштирок карда, Парчами Тоҷикистонро боло бардорад.

Он сол дар мусобиқаи кикбоксинг дар Тоҷикистон Кароматулло иштирок карда, сазовори ҷои сеюм ва медали биринҷӣ гардид.

Рӯзҳои 4-7 декабри соли 2014 дар шаҳри Мински Ҷумҳурии Белорус чемпионати ҷаҳон оид ба таэквандо (ИТФ) баргузор шуд. Дар ин мусобиқа аз 17 давлат ҳудуди 1000 нафар варзишгар қувва озмуданд. Аз ҷумла дар ҳайати 70 нафараи тими мунтахаби таэквандои Ҷумҳурии Тоҷикистон Кароматулло Шобобоев низ шомил буд. Ӯ дар байни ҷавонони 16-17 сола дар вазни 69 кг бо ҳарифони худ аз кишварҳои Русия ва Латвия қувваозмоӣ карда, ҷои сеюмро гирифт ва бо медали биринҷӣ сарфароз гардид.

Санаи 9 декабри соли сипаришуда барои вай хотирмон аст. Чунки ҳамсинфон, устодон, падару модар ва ёру дӯстонаш ӯро ҳангоми бозгашт аз мусобиқаи ҷаҳон тантанавор пешвоз гирифтанд. Худи ҳамон рӯз дар маҷлисгоҳи хукумати шаҳр, ки 20-солагии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ҷашн гирифта мешуд, дар зери кафкӯбиҳо раиси шаҳр И. Абдуллозода номбардори диёр Кароматулло Шобобоевро бо ин пирӯзӣ табрик гуфта, ба ӯ тӯҳфаи хотиравӣ тақдим намуд.

**Кароматулло таассуроти хешро аз ин мусобиқаи бонуфуз чунин баён кард:**

*-Хушбахт аз он ҳастам, ки ширкат дар чемпионати ҷаҳон дар шаҳри Минск бароям насиб шуд. Ман аз сиёсати пешгирифтаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар бораи ришду нумӯъи соҳаи варзиш ва гамхориҳои падаронаашон нисбат ба варзишгарони тоҷик хеле шодам.*

*Ба ҷавонони диёрам муроҷиат карда мегӯям, ки вақтҳои холигии худро беҳуда сарф накарда, ба варзиш машғул шаванд ва дар мусобиқаҳои байналмилалӣ ва ҷаҳонӣ ширкат варзида, Ватанро ба ҷаҳониён муаррифӣ кунанд.*

**Шомурод ҒАФУРӢ,**
*узви Иттифоқи журналистони Тоҷикистон*

Шамъи хотира

**Солҳои ҳафтодум дар хиёбонҳои Душанбе ҷавони чеҳракушоду ҷингиламӯйе бо шарикдарсони худ қадам мезад. Табассуми зебову суханрониҳои ба худ хос дошт. Бо ҳамсабақонаш баҳсҳои фанниро аз синфхонаҳо ба хиёбон мекашид. Ин ҷавони пурғайрат дар факултаи таърихи Донишгоҳи давлатӣ мехонд. Шавқу ҳаваси сурудхонӣ низ дошт. Ҳаводори Зафар Нозим ва Одина Ҳошим буду сурудҳои онҳоро дар маҳфилҳои ҳунарии донишгоҳ месароид. Ин ҷавони пуртакопӯву фаъол Махсум Фозилов буд. Ҳамагон ӯро чун собиқ раиси ноҳияи Тоҷикобод ва чун инсони шарафманду ватандӯст мешиносанд.**

# НОМИ НЕКАТ ЧУН АБАРМАРДЕ БИМОНАД ҶОВИДОН

МАВСУФ пас аз хатми факултаи таърихи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба шуъбаи ғоибонаи факултаи иқтисод дохил шуду маълумоти дуюм гирифт. Солҳои нахустини коромӯзиашро дар яке аз дабистонҳои ноҳияи Ёвон чун омӯзгори таърих оғоз намуд. Сипас, ба зодгоҳаш баргашта ба сифати котиби аввали ташкилоти комсомолӣ фаъолияташро идома дод. Ҳамчун масъули хоҷагии номдори "Ҳаёти нав" бахри ба даст овардани маҳсулоти фаровони кишоварзӣ заҳмат мекашид. Солҳои ҳаштодуми асри гузашта муддати ҳафт сол нозири кумитаи ҳизбии ноҳияи Рашт буд. Ҳамчун кормандӣ ҷиддию кордон ном бароварда буд, дасти кӯмакаш ба мардуми заҳматпеша мерасид, бахри пайдо кардани адолату ҳақиқат ҳамеша талош меварзид.



Соли 1991 баробари ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ дар ҷумҳурӣ якчанд ноҳияҳо аз нав барқарор гардиданд. Ноҳияи Тоҷикобод низ аз нав эҳё шуд. Махсум Фозиловро бе дудилагӣ муовини раиси ноҳия таъин намуданд. Корҳои ташкилию созандагии ноҳия шурӯъ шуда буданд, ки кашмакашиҳои сиёсӣ оғоз ёфт. Абрҳои сиёҳи ҷанг рӯйи хуршеди шуълавари давлати тозаистиқлолро пӯшониданд. Барқу тундару тиру туфанг садои шодиҳоро хомӯш намуд.

Феврали соли 1993 дар қатори гурӯҳи кормандони сохторҳои қудратӣ, ки бо мақсади пешгирии даргириҳо барои гуфтушунид бо гурӯҳҳои мухолифин ба водӣ омада буданд, бародари сисолааш Фазлиддин, сармуфаттиши Кумитаи амнияти миллӣ, ки ҷавони басо некандешу кордон буд, ба қатл расонида шуд. Ин фоҷиа ба дили бародари калонӣ асари ҷароҳатнок гузошт. Маҳз дар ҳамин рӯзҳо ҳамчун корманди давлатӣ дучори озору таҳдидҳо шуд. Бо вуҷуди ин дар қатори чанд нафар мардони бошарафу шуҷои диёр борҳо пеши роҳи харобкориву талафҳоро гирифт.

То сулҳи деринтизор расидан дар рӯзҳои вазнин дар ҳалқаи силоҳдорони ду ҷониб кор кардан осон набуд. Рӯзҳое буданд, ки ҳар субҳ хабари шабона кушта шудани яке аз кормандони давлатӣ ва ё сокинони осоишта мерасид. На шаб хоби ором буду на рӯз нафаси осуда.

Вале бо лутфи Худованд ва муборизаҳои ҷоннисоронаи пешвои хирадманди миллат Эмомалӣ Раҳмон ба кишвари ҷангзадаи тоҷикон сулҳу ваҳдат омад.

Соли 2006 роҳбари дурандеши давлат собиқаю таҷриба ва заҳматҳои шабонарӯзии Махсум Фозиловро ба назар гирифта, ӯро раиси ноҳияи Тоҷикобод интихоб намуд.

Мавсуф дар давраи фаъолияташ ҳамчун раиси ноҳия дар бунёдкорӣ ва пешрафти ноҳия саҳми хеле намоён гузошт. Аз бунёди пули Ваҳдат ва аз байни ноҳияи Тоҷикобод гузаштани шоҳроҳи байналмилалӣ шоду масрур гашта, аз ноҳия то Душанбе даводав дошт ва баробари роҳсозон то анҷоми кор ташвиш мекашид.

Бо супориши Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо масъулини ширкати Ҷумҳурии мардумии Чин "Чайн Роуд" барои сифатан хуб иҷро намудани корҳо гуфтугузор менамуд. Дар мулоқот бо мардум мегуфт: "Солиёни дароз, ҳатто дар замони шӯравӣ чунин роҳи хубу пураҳамият надоштем. Ба ҷои кӯпруки харобгаштаи даромадгоҳи ноҳия бо дастури бевоситаи Президентамон пули азим бунёд гардид. Бунёди роҳу пулҳо ва ин қадар корҳои бузурги ободонӣ дида, бояд шукргузорӣ намоем. Эътиқоди мо- мардуми Тоҷикобод ба Сарвари давлатамон самимона аст. Бо чунин самимият диёрамон боз ҳам поядору обод мешавад".

Роҳбари ноҳия ба ҳар як идораву вазоратҳо барои рафъи мушкилоти иҷтимоию иқтисодии ноҳия пайваста рафтуо дошт, мекӯшид ба ноҳия кӯмаке расад. Солҳои навадум дар маркази ноҳия норасоии оби нӯшокӣ мушкили асосии мардум ҳисобида мешуд. Роҳбари ноҳия аспавор то ба чашмасори мавзеи дурдасту баландкӯҳи Себистон ва Сурхкӯл рафта, бо пешниҳоди барномаҳо Бунёди Оғохон ва Бонки осиёии рушдро барои овардани об аз чашмасори кӯҳистон ҷалб намуд ва рӯзе, ки ба маркази ноҳия оби мусаффои шифобахш аз қаъри кӯҳи баланд фаввора зад, дар қатори кӯдакон шодӣ мекард.

Оре, корномаи ин марди наҷибу меҳандӯст пурпур аз заҳматҳо ва талошҳост, заҳмат барои шукуфоӣ ва пешрафти ноҳия ва ватани азизаш Тоҷикистон.

Сад афсӯс, ки дили ин марди бофазилату кордон, фарзанди ҷоннисори миллат Махсум Фозилов дар авҷи камолоти умр аз тапидан монд. Ӯ чун шоҳини баландпарвози кӯҳистон буд, ки ногаҳ болаш маҷрӯҳ шуду ба хок афтод. 55 сол дошт, ки бар асари беморӣ аз ҷаҳон рахт баст. Дар тӯли умри кӯтоҳи худ тавонист дар дили мардум маскан ёбад ва дар ёду хотираҳо зиндаву ҷовидон бошад. Оре, ин шоҳини баландпарвоз дар дили мардуми Тоҷикобод ошён гузоштааст ва ҳаргиз аз ин ошён берун нахоҳад шуд.

***Чун ба гетӣ ҳар ки меояд,***
***равон хоҳад гузашт,***
***Хуррам он кас, к-ӯ накӯном***
***аз ҷаҳон хоҳад гузашт.***

**А.САФАРЗОДА**

# Аз ҳаёти бузургон



**РӮЗЕ** Зебунисо дар ҳузури падараш Аврангзеб нишаста буд. Дар он ҳуҷра як ойинаи қаднамо ва гаронбаҳо дар тоқча гузошта буданд. Ногоҳ ойина ба иллати номаълуме афтоду шикаст. Дар ин ҳангом ин мисраъ аз забони Оламгир (подшоҳ, падари шоира) ҷорӣ шуд:

Аз қазо ойинаи чинӣ шикаст.

Зубунисо бадоҳотан мисраи дуюми онро чунин сохт:

Хуб шуд, асбоби худбинӣ шикаст.

*Аз "Ҳазору як ҳикояи таърихӣ"*

***

**ТАЛҲАКРО** (афандӣ) ба муҳимме (бо зарурате) пеши Хоразмшоҳ фиристоданд. Муддате он ҷо бимонд. Магар Хоразмшоҳ риояте, чунон ки ӯ мехост, намекард. Рӯзе пеши Хоразмшоҳ ҳикояти мурғон ва хосияти ҳар яке мегуфтанд. Талҳак гуфт:

-Ҳеҷ мурғе аз лаклак зирактар нест.

Гуфтанд:

-Аз чӣ донӣ?

Гуфт:

-Аз баҳри он, ки ҳаргиз ба Хоразм намеояд.

*Аз "Рисолаи дилкушо"-и Убайди Зоконӣ*

***

Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ дар маҷлисе ғазале суруд, ки матлааш (оғозаш) ин буд:

***Баски дар ҷони фигору чашми***
***бедорам туӣ,***
***Ҳар ки пайдо мешавад аз дур,***
***пиндорам туӣ.***

Яке аз шайхзодаҳои шаҳр, ки даъвои шоирӣ мекард, бар ғазали Ҷомӣ эрод гирифта гуфт:

-Ҷаноби Мавлоно, шумо дар ин ғазал фармудаед: "Ҳар ки пайдо мешавад аз дур, пиндорам туӣ". Агар харе ё гове пайдо шавад чӣ?

Мавлоно Ҷомӣ гуфт:

-Боз пиндорам туӣ.

*Аз "Лутфи латиф"*

***

**ГӮЯНД** Анварӣ рӯзе дар яке аз кӯчаҳои Балх шахсеро дид, ки иддае ба гирди худ ҷамъ карда, ашъори вайро мехонад ва онҳоро ба худ нисбат медиҳад. Анварӣ пеш рафта пурсид:

-Оё шумо ин ашъорро сохтаед?

Ҷавоб дод:-Бале.

Пурсид:-Тахаллуси шумо чист?

Гуфт:-Анварӣ.

Анварӣ аз ин пуррӯйӣ ҳайрон шуда гуфт:

-Субҳоналлоҳ, шеърдуздӣ шунида будам, шоирдуздӣ нашунида будам.

*Аз "Шоҳони шоир"-и Абулқосим Ҳолат*

***

**МАВЛОНО** Абдураҳмони Ҷомӣ мегӯяд:

- Рӯзе дар фасли баҳор бо ҷамъе аз дӯстон ба саҳро рафта будем. Чун дар мавзеи хуррам манзил сохта, суфрае андохтем, саге аз дур моро дид ва худро ба он ҷо расонид. Яке аз ҳозирон пораи санге бардошта, ба ҷойи устухон пеши саг андохт. Саг онро бӯйид ва бе таваққуф баргашт. Ҳарчанд овоз додем, саг боз наёмад. Дар тааҷҷуб мондем. Яке аз дӯстон гуфт:

Ҳеҷ медонед, ки ин саг чӣ мегӯяд?

Гуфтем: -Хайр.

Гуфт: -Мегӯяд, ин бадбахтҳо аз бахилӣ ва гурӯснагӣ санг мехӯранд. Аз хони эшон баҳрае натавон бурд.

*Аз "Ҳазору як ҳикояти таърихӣ"*


## Витикс - гель ва таблетка




**ВОСИТАИ БОЭЪТИМОД БАРОИ ТАБОБАТИ ВИТИЛИГО**
**(доғҳои сафеди пӯст)**

"Витикс"-гель ва таблетка воситаи хеле хуби барқароркунандаи **меланин** дар ҳуҷайраҳои аз витилого осебдида буда, паҳншавии **Витилиго**ро дар пӯст пешгирӣ менамояд. Пӯсти сафедшударо табобат ва барқарор менамояд. Муддати табобат то **6** моҳ буда ва шахсоне, ки бо ин осеби бемор зиёда аз **5 - 10** сол гирифторанд, муддати табобати он то **1,5** сол давом дорад.

**Тарзи истифода: Витикс гел**-ро дар як рӯз ду маротиба танҳо ба ҳамон қисмҳои пӯсти сафедшуда (бо шоткачаи дар даруни қуттӣ буда) мемоланд. **Витикс-гель** ягон хел маҳдудият ва таъсири манфӣ надошта ба ҳамаи синну сол истифодааш мумкин аст. Барои тезтар ва пуртаъсир гаштани табобати он, бояд витикс таблеткаро ҳам истеъмол намоед.

**Истеъмоли он:** 1 донагӣ дар як рӯз 1маротиб дар соати дилхоҳ. Истифодаи худи **Витикс таблетка** бошад ба занҳои ҳомила ва кӯдакони то 10-сола манъ аст.

**ВИТИКС-ГЕЛЬ ВА ТАБЛЕТКА ИН ИНҚИЛОБ ДАР СОҲАИ ДЕРМАТОЛОГИЯ АСТ!**

**Нархи фурӯши Витикс таблетка ва гель ҳар яке бо арзиши 280 то 320 сомонӣ буда аз дорухонаҳо ва ё бо телефони Душанбе 917 03 91 34; 938-07-89-03; Суғд ва ноҳияҳои он 927-49-33-47 дастрас метавонед кард.**

**ИСТЕҲСОЛКУНАНДА ДАВЛАТИ ФАРОНСА**

**www.vitix.ru e-mail: sales@vitix.ru**


## АЗ СОМОНАҲОИ РАСМИИ ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН ИСТИФОДА БАРЕД!

Ҳамватанони азиз! Шумо метавонед дар реҷаи мустақим (on-line) 24 соат ба рақами **224-49-31**, почтаи электронии **tribun.tj@mail.ru** бо мо дар тамос бошед, ё ба сомонаҳои расмии ҳизбӣ **www.tribun.tj**, **www.hhdtkhatlon.tj**, **www.hhdt-sughd.tl**, **www.hhdtushande.tj** ворид шуда, мубодилаи иттилоъ намоед.

**Суроғаи мо: кӯчаи Рӯдакӣ 107, "Кохи Ваҳдат".**




## Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон - эътимодбахши ояндаи ободу осудаи Шумо!


## "МАҲСУЛОТИ БЕҲТАРИНИ РОССИЯ"
## БАРОИ ТАБОБАТИ БЕМОРИИ ҚАНД




Душвориҳои рӯзгори гирифторони бемории қандро ба ҷуз худи эшон дигар касе дарку эҳсос ва тасаввур ҳам карда наметавонад. Оре, сангин аст зиндагии гирифторони бемории диабети қанд. Зеро ин беморӣ дар марҳилаҳои гуногун ба тамоми узвҳои инсон таъсири худро мерасонад. Вале чанде пеш дар Русия истеҳсоли давои набототие ба роҳ монда шуд, ки ҳама мушкилоти беморони диабети қандро сабук хоҳад гардонд. Ин даво **"ГАЛЕГА-НОВА"** ном дошта, яке аз **"100 маҳсулоти беҳтарини Русия"** эътироф шудааст. **"ГАЛЕГА-НОВА"** барои табобати навъҳои 1 ва 2- юми диабети қанд ва пайтаъсирҳо (осложнения)-и он пешбинӣ гардида, барои рафъи таъсири ин беморӣ ба чашмон, гурдаҳо ва пойҳо, ҳамзамон барои шаклҳои гуногуни фарбеҳшавӣ ва бемории варикозӣ истифода бурда мешавад. **"ГАЛЕГА-НОВА"**-ро ашхоси вобастаи инсулин низ метавонанд истифода баранд. **"ГАЛЕГА-НОВА"** сатҳи қанд ва холестеринро дар хун паст намуда, имкон фароҳам меорад, ки давоҳои кимиёӣ камтар истифода бурда шаванд.

Истеъмоли даво - яққошуқчагӣ рӯзе 3 маротиба, 20-30 дақиқа пеш аз хӯрок дар 100 мл об. Мӯҳлати табобат аз 30 то 90 рӯз, танаффус 30 рӯз. Пасон метавонед боз ин даворо истифода бубаред. Безарар аст ва одаткуниро ба вуҷуд намеорад. Истеҳсолкунандагони **"ГАЛЕГА-НОВА"** боварӣ доранд, ки маҳсулоти онҳо беморонро хуш меояд.

## "СУПЕР САБЕЛЬНИК" - БА МЕЪДА ЗАРАР НАРАСОНИДА, ДАРДУ СӮЗИШРО БАРТАРАФ МЕСОЗАД!




Растании қатра-оби **"Супер Сабельник"** таъсири воқеан ҳайратангез дорад. Он ҳангоми табобати бемориҳои **артрит (устухону буғумҳо)** ва **артроз (сутунмӯҳра)** давои беҳамтост. **Намакро хориҷ, дарду сӯзишро бартараф, варам ва шамолхӯрии буғумҳоро нест мекунад ва беҷошавӣ, рагкаширо бартараф менамояд.**

Аксари воситаҳои рафъкунандаи дард, *(ампулаҳо ва дигар доруҳо, ҳангоми истеъмол)* ба меъда таъсири ҳалокатовар доранд. Аммо гиёҳӣ қатра-обии **"Супер Сабельник"** баръакс онро табобат мекунад. Ҳангоми харидорӣ намудани **"Супер Сабельник"** бояд дар навиштаҷоти он **"Целебные травы"** дида шавад. Зеро маҳз ҳамин навъи маҳсулот дар таркибаш спирт ва қанд надорад, аз ин рӯ истеъмоли он барои ашхосе, ки гирифтори бемории қанд ва фарбеҳиянд, безарар аст. **Истифода:** аз 10 сола боло ва ба ҳамаи синну сол 10-20 чакрагӣ 2 бор давоми 1 моҳ истеъмол намоед. Шахсоне, ки дардашон кӯҳна асту муддати табобатро тӯлонӣ давом додан мехоҳанд, истеъмоли он мумкин аст. **Нархи фурӯш:** 27 сомонӣ.

**ИСТЕҲСОЛИ РУСИЯ. АЗ ДОРУХОНАҲО ПУРСОН ШАВЕД!**



НАШРИЯИ МАРКАЗИИ ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН

**МИНБАРИ ХАЛҚ**

*Сармуҳаррир*
**Бахтиёр ҲАМДАМОВ**

Рӯзнома моҳи декабри соли 1994 таҳти рақами 309 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.

Ба хотири гуногунандешӣ матолибе низ нашр мешаванд, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад.

**БАРОИ МАЪЛУМОТ:**

**Дастгоҳи КИМ ҲХДТ** - *тел: 224-23-90, 224-83-72, 224-49-29, 221-63-21. факс: 224-27-59*

**Идораи рӯзнома** *тел. 238-72-10, 238-54-61, 238-79-07, факс: 227-44-94*

**www.tribun.tj** **E-mail: minbarihalk@bk.ru**

**Муовини сармуҳаррир оид ба тиҷорат:** Хусрав Дӯстов

**ҲАЙАТИ ЭҶОДӢ:**
**Котиби масъул:** Маъруфҷон Маҳмудов
**Муҳаррири масъул:** Алиҷон Ҷӯраев
**Хабарнигорон:** Ҷумъа Қуддус, Толиби Луқмон, Ибодуллоҳи Тоҳир
**Масъули чоп:** Мирзоалӣ Юнусов
**Ҳуруфчинон:** Ҷамила Аҳмадова, Гуландом Раҷабова
**Мусаҳҳеҳ:** Сабоҳат Худоёрбекова,
**Суратгир:** Тӯхтамурод Рӯзиев
**Саҳифабанд:** Фирдавс Таушаров

**НИШОНИИ МО:** *734018, ш. Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ, 16. Индекси обуна: 68910*

**Макони чоп: нашриёти «Шарқи озод».**

**Теъдоди нашр: 49190 нусха**


